**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ А.БАҲОВАДДИНОВИ**
**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

Абдуллоев Абдусалом Абосиевич

# ТАҲЛИЛИ АКСИОЛОГИИ МАСЪАЛАИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ ҶАЛОЛУДДИН БАЛХӢ

**Рисола барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа**
**аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа**

**Роҳбари илмӣ:**
**Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна-** доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Душанбе – 2024**

## МУНДАРИҶА

Муқаддима........................................................................................3

**БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ - ФАЛСАФИИ МУҲИТИ АРЗИШИИ ИНСОН ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ТОҶИК**

1.1. Заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар мактабҳои фалсафии Шарқи асримиёнагӣ ..........................................17

1.2. Масъалаҳои арзишҳои инсонӣ дар афкори ахлоқии асримиёнагӣ ва ирфон ...............................................................................................39

1.3. Ҷанбаҳои онтологии арзишҳои инсонӣ (антропоаксиология) ҳамчун масъалаи фалсафӣ.......................................................................64

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ АКСИОЛОГИИ МАСЪАЛАИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ ҶАЛОЛУДДИН БАЛХӢ**

2.1. Моҳият ва ҷавҳари антропоаксиологияи инсони қудсӣ ва заминӣ дар афкори Мавлоно ..........................................................................89

2.2. Инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар аксиологияи Мавлоно ...........................................................................................112

2.3. Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно .............................................................................................137

Хулоса ...........................................................................................161

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ......................................................................168

## Муқаддима

**Мубрамӣ ва зарурати таҳқиқи мавзуъ.** Дигаргуниҳои глобалӣ дар ҷаҳон, ҳамчун зуҳуроти бистсолаи қарни нав, хусусан арзиш ва афзалиятҳои ахлоқӣ ва экстетикӣ сабаби ҷиддии аз нав дида баромадани нуқтаи назар ба арзишҳо, махсусан арзишҳои гуманитарӣ гардид. Баррасии амиқи зуҳуроти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба раванди навгароӣ таъсир расонд, ки ҳадафи асосӣ дида баромадани маънои ҳаёт ва табиати инсон гашт. Ин раванд дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ – дар арзишҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ, афзалиятҳо, муносибат ба ниҳодҳои анъанавӣ ва робитаи байни одамон, фаҳмиши айнияту шабоҳати инсон ва ғ. худро маълум месозад.

Ин равандҳо тамоми қарни XX-ро фаро гирифта, бар асари оқибатҳои бозсозӣ ва беқадршавии ҳаёти ахлоқӣ дар қарни XXI бо шиддат ва суръати баланд худро ба таври зайл аён сохтанд: расмӣ шудани бадахлоқии пояҳои ҷомеа, заволи ахлоқӣ, тағйирёбии унсурҳои анъанавии ниҳоди оила, таблиғу ташвиқи таркиботи арзишҳои бегона, нигилизм ва нодида гирифтани муҳиммияти одату анъанаҳо ва ғ.

Рӯ овардани афкори фалсафӣ, этикӣ-эстетикии муосир ба мероси мутафаккирони шарқӣ, афкори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ҳикмати онҳо, ки аксаран синтез ва ҷамъи идеяҳо, назарияҳо ва ақидаҳои динӣ, фалсафӣ ва ирфонианд, ба пайдо кардани ҷавоб ба мушкилот ва ситезаҷӯйиҳои глобалӣ мусоидат менамояд.

Пешвои муаззами миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди аҳамияти арзишҳои миллӣ ва омӯзишу ҳифзи онҳо дар даврони Истиқлол таъкид намудаанд, ки “Истиқлолияти давлатӣ волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири

даҳ асри охир буда, нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. ... Мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ба ҷомеаи мутамаддини демократӣ бо ҳувият, арзишу анъанаҳо ва чеҳраву симои хоси миллии хеш, ҳамзамон бо дастоварду комёбиҳои ва бозёфтҳои фарогири фарҳанги башарӣ ворид гардидем. Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зешнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд" [98, 4].

Яке аз мактабҳои бонуфузи ирратсионалии афкори этикӣ-эстетикӣ, ки равияҳои зиёди интеллектуалию амалиро муттаҳид месозад, тасаввуф мебошад, ки бо таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни он метавон барои эҳёи арзишҳои гуманитарӣ ва тавзеҳи ратсионалии он лоиҳаҳои мутаносиб таҳия сохт.

Коркарди лоиҳаҳои таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ, аз ҷумла низоми арзишии мутафаккироне, ки саҳми онҳо дар инкишофи афкори этикӣ-эстетикии халқи тоҷик бебаҳс аст, аҳамияти афзун пайдо мекунад. Ба қатори чунин нобиғаи афкори фалсафӣ, этикӣ-эстетикӣ Ҷалолуддини Балхӣ шомил аст, ки аҳамияти мероси ӯ дар асари беназири «Чеҳраҳои мондагор»-и Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид гардидааст: «Орифи бузург Мавлонои Балхӣ дар тамоми ақсои Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо завқу шавқи беандоза чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд» [98, 254].

Таҳқиқи масъалаҳои аксиологӣ дар низоми таълимоти инсоншиносӣ бо арзёбии манбаъҳо ва омилҳое, ки ба ташаккули назарияи этикӣ-эстетикии Ҷалолуддини Балхӣ ҳамчун бунёдгузори

таълимоти мумтозу нодири ҳовии ахлоқ, санъат ва маърифати эстетикии олам, таҳияшуда бо такя ба анъанаи пурғановати этикӣ-эстетикии халқи худ, таҷрибаи пешқадам ва идеяҳои фохираи инсонии таҷассумгари анъанаи бой ва идеяҳои фарҳангии Осиёи Сағир то ҳол анҷом наёфтааст. Ба аҳамияти омӯзиш ва истифодаи самаранок аз мероси ниёгон ишорат намуда, Пешвои миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармоянд: Пос доштани анъанаҳои неки ниёгон вазифаи муқаддаси ҳар як намояндаи ин миллат аст. Гузаштагони шуҳратманди мо аз қабили Мавлонои Балхӣ дар осорашон моро маҳз ба иҷрои чунин қарзи инсонии худ даъват кардаанд.” [98, 262].

Зодгоҳи Мавлоно Вахшонзамин ва ӯ ҳамватани мо аст. Дар ин маврид Пешвои миллат-Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин фармудаанд: “Дар Вахшонзамин таваллуд ёфта, минбаъд дар Руму Шом таҳсили илм карда, ӯ дар тӯли ҳаёти пурмаҳсули маънавию иҷтимоияш бо намояндагони қавму миллат ва диину мазҳабҳои гуногун дар муносибати наздике буд. Тоҷикони муҳоҷир аз Вахшонзамину Самарқанд ва Балху Бухоро, туркони салҷуқии Осиёи Сағир, юнониён ва дигар қавмҳои масеҳии Рум, муғулҳо, курдҳо, арабҳо, яҳудиён чунин аст рӯйхати начандон пурраи он намояндагони халқҳо, ки Мавлоно дар байни онҳо зиставу фаъолият бурдааст ё ки дар маъхазҳои худи мутафаккир зикр гардидааст.” [98, 257-258]. Мутафаккир дар маъвои фарҳанги нодире зиндагӣ ва эҷод кардааст, ки ин фарҳанг дар худ анъанаҳои тағйирёфтаю дигаргуншудаи ғарбию шарқӣ, маводи зиёди таърихӣ-арзишии гурӯҳи калони халқҳои маскун, назарияҳо ва идеяҳои мактабҳои фикрии минтақаро фаро гирифта, таълимоти нодири этикӣ-эстетикиеро эҷод кард, ки назарияи мусолиҳаву мадоро, маъруф ба «маранҷу маранҷон» ном гирифта,

сарчашмаи ғоявии гуманизми даврони нав ва таълимоти аврупой-россиягии таҳаммулпазириву мадоро табдил ёфт. Арзишҳои ба зӯроварӣ мадоро намудан, инкори бадӣ, зулм, ҷанг, беадолатиро Мавлоно дар осори ӯ, махсусан ва «Маснавии маънавӣ»-аш ба шакли назарияи кулли этикию иҷтимоӣ таҳия кардааст.

Назарияи «сулҳу мадоро»-и Мавлоно дорои бунёди онтологӣ ва гносеологӣ буда, дар он низоми арзишҳо чунон таҳия шудаанд, ки дар асоси қатъиян инкор кардани бадӣ ва беадолатӣ, назарияи муназзами ҳаёти бидуни табъиз дар заминаи тасаввурот дар бораи инсони универсалӣ (инсони кулл) ва ё мафҳуми инсони комиле, ки бо роҳи камолоти маънавиву ахлоқӣ равон аст, эҷод гардидааст, ниҳоят кам омӯхта шудааст. Чунин раванд дар мутафаккир консепсияи беназиру мумтози зебоиро, ки дар заминаи ҷаҳонфаҳмии мавзуну мутавозини мусиқӣ эҷод шудааст, ташаккул медиҳад. Бинобар таваҷҷуҳи зиёд ба масъалаи инсон ва шахс, муроҷиат ба мероси тасаввуф, аз ҷумла ба назарияи инсонмеҳвар, амалияи маънавӣ ва идеяҳои Ҷалолуддини Балхӣ, ҳамчун арзиши олии олам ва баррасии масъалаҳои арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии ӯ аҳамияти зиёдеро пайдо карда аст.

**Дараҷаи коркарди илмии мавзуъ.** Аз нигоҳи таҳқиқоти таърихӣ-фалсафӣ ва омӯзиши низомҳои арзишию ҷаҳонбинии марбут ба моҳият ва табиати инсон, ҷанбаҳои онтологии ҳаёти ахлоқии башар, шаклҳои алоҳидаи он, раванду зуҳуроти он теъдоди зиёди таҳқиқоти гуногунсамт мавҷуд аст, ки дар онҳо арзиши онтологӣ ва гносеологии инсон аз паҳлуҳои гуногун омӯхта шудаанд.

Аз онҳо мавқеи навтарину ҷолибтарин ин таҳқиқоти босамар ва ҳадафнигоронаи зуҳуроту равандҳои ҳаёти этикӣ-эстетикӣ ба шумор меравад, ки ба мушкилоти инсон на танҳо аз мавқеи сабабу натиҷа ва тартиби воҷибияту зарурияти он, балки аз нуқтаи назари аҳамият ва арзиши инсон дар ҷомеа назар меандозад.

Аксиология – арзишшиносӣ яке аз илмҳои ҷавони фалсафӣ аст, ки бар асари мусоидат намудан ба таҳқиқоти натиҷабахшу пурсамари масъалаҳои махсуси гносеологӣ тавассути назарияи арзишҳо эътирофи хоссаро касб кардааст. Муҳиммият ва мубрамияти он махсусан дар ҷараёни таҳқиқоти равандҳои оммавӣ дар фаъолияти маънавии ҷомеа ошкор мегардад [17, 60].

Арзишҳо мусбат ва манфӣ мешаванд. Арзиши мусбат маънии мусбат дорад, он гоҳе, ки арзиши манфӣ маънии манфиро ифода менамояд. Арзишҳо ҳатман бо инсон алоқаманданд, ки тавассути муқоиса бо идеал асоснок мегарданд. Ҷомеаи башар ба арзишҳое, ки онро мусбат мешуморад, майл дошта, арзиши манфиро рад менамояд.

Ин гуна муҳокимаҳо барои ташаккули самти алоҳидаи фалсафа - арзишшиносӣ асос гардид ва дар заминаи табаддулоти бунёдии иҷтимоӣ ва беқурбшавии анъанаҳои фарҳангӣ, таҳаввулоти инқилобӣ ва нобасомониҳои олам ва муфлисшавии бунёди идеологии ҷомеа, мурочиат ба маънии арзишҳо, таҳқиқи моҳият ва манобеи онро муҳим ва мубрам сохтааст.

Аксиология ҳамчун соҳаи мустақили таҳқиқоти фалсафӣ натиҷаи бухронҳои маънавӣ будааст, ки бинобар он моҳияти ҳастӣ таҷдиди назар гардида, муҳтавои арзишҳои воқеӣ ва арзишҳои идеалиро тағйир медиҳад.

Арзишшиносӣ чунин таъриф мешавад, ки вазифаи он ошкор сохтани имкониятҳои онтологии ҳастии арзишҳо дар сохтори умумии ҳастӣ буда, робитаи мутақобилаи онро бо «далелҳои» воқеӣ равшан месозад.

Муайян ва муқаррар сохтани арзишҳои воқеӣ ва ғайривоқеӣ, ки имрӯзҳо омӯзишу таҳқиқи он ниҳоят муҳимму мубрам аст, вазифаи ҳақиқӣ ва ифтихории аксиология қарор гирифтааст [113, 57]. Таҳлили арзишии зуҳуроти ҳаёти фардӣ ва ҷамъиятӣ дар Ғарб бо кӯшишҳои

муҳаққиқоне, чун А. Тойнби [112], Э. Фромм [119; 115], Ф. Фукуяма [121], С. Хантингтон [122], О. Шпенглер, Муҳаммад Хотамӣ [123], Н. Гартман [33; 33] А. Вагнер, М. Вебер шуҳрат пайдо кардааст. Дар онҳо ба таҳлили аксиологии масоили марбут ба раванди ҷаҳонишавӣ, робитаи мутақобилаи тамаддун ва масъалаҳои дигари мубрами байналхалқӣ таваҷҷуҳи хосса дода мешавад [32].

Дар байни муҳаққиқони шинохтаи масъалаҳои аксиологӣ метавон осори С. Ф. Анисимов [17-18], О. М. Бакурадзе [22], Н. А. Бердяев [24], П. С. Гуревич, О.Г. Дробнитский [37], В. В. Илин [48], Д. А. Леонтев, Н. О. Лосский [70], А. Н. Максимов [71], А. Т. Маскаленко, О. М. Панфилов, В. П. Тугаринов [113], В. К. Шохин [131] ва дигаронро ном гирифт.

Таҳқиқи масоили ахлоқи инсон ҳамчун фард, шахс, узви ҷомеа мустақиман ба таҳлили аксиологии арзишҳои ахлоқӣ такя менамояд, зеро равандҳои ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои анъанавӣ таъсири калон расонида, ин анъанаю русуми анъанавиро аз «ғалбери» худ мегузаронанд. Масъалаи устуворӣ ё осебпазирии арзишҳо, роҳу усулҳои ҳифз ё навгароии арзишҳо аз ҷумлаи масъалаи марказии таҳқиқотҳои фалсафӣ аст. Намояндагони равияҳои гуногуни фалсафа имрӯзҳо бештар ба мероси таърихӣ муроҷиат ва сабаб ва натиҷаи буҳронҳои маънавиро омӯхта, хусусияти роҳу усули бартарафсозии ин буҳронҳоро дар давраҳои гуногуни таърихӣ ошкор месозанд. Бо мақсади муайян кардани роҳҳои эҳёи маънавиёт дар асоси принсипи гуманизм дар заминаи бархӯрди «таҳаммулпазирии динӣ», «этикаи экологӣ ва биологӣ», «таҳаммули зӯрӣ» ё «мубориза бо табйиз ва ҳамагуна зӯроварӣ» муроҷиати бештар ба этикаи динӣ ҳамчун тарзи босамари эҳёи маънавиву арзишӣ ба назар мерасад. Аз зумраи назариётчиёни мазкур нақши махсусеро О.Шпенглер доштааст, ки маънавиёти диниро муҳим арзёбӣ намуда, ба назарияи масеҳияти

Достоевский ва таълимоти фароақлонӣ такя кардааст. О.Шпенглер инсониятро даъват менамояд, ки ба ахлоқи ирфонӣ ҳамчун намунаи парҳезкорӣ аз ашёпарастӣ ва заволи маънавӣ таваҷҷуҳ намояд.

Бо афзудани таваҷҷуҳ ба масъалаи инсон ва шахс, муроҷиат ба мероси тасаввуф, аз ҷумла ба амалияи маънавӣ ва идеяҳои Ҷалолуддини Балхӣ, назарияи инсонмеҳварии ӯ ҳамчун арзиши олии олам – масъалаи баррасии арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии ба таълимоти ӯ алоқамандро муҳим мегардонад.

Таваҷҷуҳи хоссаро таҳқиқоти А.Д. Книш – «Ирфони мусулмонӣ», Франклин Д.Люис «Мавлоно: дирӯз-имрӯз, аз Шарқ то Ғарб», К.Эрнст «Тасаввуф», таҳқиқоти бисёрҷилдаи Карими Замонӣ «Шарҳи ҷомеи Маснавӣ», «Шарҳи Лубби лубоби Маснавии Кошифӣ»-и А. Суруш, инчунин таҳқиқоти Р.Николсон, А. Арбери, А.Шиммел, Б. Фурӯзонфар, А. Зарринкӯб, М.Степанянс, А.Набавӣ дорост, ки андеша ва идеяҳояшонро мо дар рисолаи илмӣ истифода бурдаем[3965].

Дар фалсафаи ватанӣ масъалаҳои гуногуни антропологияи фалсафиро М.Музаффарӣ [40] таҳқиқ намуда, сароғози таҳқиқи амиқи масъалаи инсонро ба таври муосир ба роҳ мондааст. Ҷанбаҳои фалсафии эстетикаро А.Қурбонмамадов [69] омӯхта, барои аввалин бор вижагиҳои доктринаи эстетикии таълимотҳои фалсафӣ ва динӣ-фалсафии тоҷикро муайян кардааст. Осори муҳаққиқи номӣ С.Ахмедов ба мазмун ва мундариҷаи арзишҳо дар фарҳанги тоҷик равшанӣ андохта, онҳоро дар ҳошияи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, чунин равияҳои фикриву фалсафӣ монанди калом, тасаввуф, таълимоти динӣ ва дунявӣ шарҳ медиҳад. Таърих ва назарияи тасаввуф, аз ҷумла арзишҳои ахлоқӣ объекти таваҷҷуҳи олимони тоҷик А.М.Баҳовуддинов, А.Муҳаммадхоҷаев [82-81], Н.Одилов [92], К.Олимов [95-94], М.Султонов, И.Зиёев [40], Х.Зиёев [41-41],

М.Маҳмадҷонова [73-7475], Н.Содиқова [101], М. Ҳазратқулов [126], Муҳаммадӣ Н., Назариев Р., Самиев Б., Қодиров К., Қурбонов А., Ф. Худойдодов ва гурӯҳи муҳаққиқони ҷавон қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти мазкур ҷойгоҳи таълимоти тасаввуф дар фарҳангу тафаккури фалсафии тоҷик (А.М.Баҳовуддинов, А.Муҳаммадхоҷаев [82-81], Н.Одилов [92], К.Олимов [95-94], М.Султонов), ҷойгоҳ ва саҳми нухбагону абармардони фалсафаву фарҳанги исломӣ ва ирфонӣ (М. Ҳазратқулов [140], И.Зиёев [40], Х.Зиёев [41], М.Маҳмадҷонова [73-75], Н.Содиқова [101], вижагиҳои таълимоти ирфонӣ ва аҳамияти он барои замони муосир таҳқиқу муқаррар гардидааст.

Айни замон, аз нуқтаи назари таҳлили аксиологии таълимоти равияҳо ва ҷараёнҳои гуногуни тасаввуф, самтҳо ва паҳлуҳои зиёди мероси тасаввуф ба таври умум, аз ҷумла ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологии арзишҳои этикӣ-эстетикии мероси Ҷалолуддини Балхӣ ҳанӯз мавриди таҳқиқи бунёдӣ қарор нагирифтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё илмии фалсафӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 доир ба мавзуи «**Таҳқиқи таърихи фалсафаи тоҷик аз асрҳои миёна то асри XXI**» **(№ 0114 TJ00345)** иҷро шудааст. Натиҷаҳои он метавонад дар соҳаҳои гуногуни фалсафа ва таърихи фалсафа, фанҳои гуманитарӣ истифода гардад.

**Объекти рисолаи таҳқиқшаванда** таълимоти фалсафӣ ва этикӣ-эстетикии мутафаккири шинохтаи қарни XIII Ҷалолуддини Балхӣ мебошад.

**Предмети рисолаи таҳқиқшаванда** таҳқиқи аксиологии масъалаи ахлоқи инсон дар фалсафаи Ҷалолуддини Балхӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқот – муқаррар сохтани антропоаксиология дар таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ, ки мақом, табиат ва аҳамияти инсон дар олам муайян менамояд, мебошад. Мақсади мазкур иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо менамояд:

– тавсифи масъалаҳои аксиологияи муосир, ки бо ташаккули тасаввурот дар бораи инсон алоқаманд аст;

– ошкор сохтани заминаҳои ташаккули низомҳои аксиологӣ дар бораи инсон дар ретроспективаи (манзараи тайшудаи) таърихӣ-фалсафӣ;

– муқаррар сохтани хусусиятҳои аксиологияи инсон дар мактабҳои этикӣ-эстетикӣ ва таълимотҳои халқи тоҷик;

– баррасии низоми арзишҳои Ҷалолуддини Балхӣ доир ба масъалаи инсон;

– таснифи асосҳои онтологии аксиологияи инсон дар таълимоти Румӣ доир ба инсон;

– омӯзиши ҷанбаҳои арзишии инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар антропологияии фалсафии Румӣ;

– таҳлил ва тафсири инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бештар идеяҳо ва таҳқиқот, назарияҳо ва консепсияҳои фалсафии мутафаккирони классикии Шарқ, Ғарб, Россия ва Осиёи Марказӣ, инчунин таҳқиқоти илмӣ ва методологияи муҳаққиқони фалсафӣ ва антропологияи фалсафии ватанӣ ташкил мекунанд. Дар рисола дар баробари методологияи классикии таърихӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-танқидӣ ва диалектикӣ, методи бархӯрди аксиологӣ дар таҳлили масъалаи инсон ва шахс, зуҳуроти ҷамъиятӣ ва таҳлили ахбор истифода шудааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Маъхазҳои асосиро таълимоти фалсафии мутафаккирони бузурги даврони қадим ва асримиёнагӣ, ба монанди

намояндагони зардуштия, монавия, Афлотун, Арасту, Ибни Сино ва махсусан осори Ҷалолуддини Балхӣ, инчунин монографияҳо, мақолаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар мавзуи матраҳшуда ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии рисола. Б**арои аввалин бор дар фалсафаи тоҷик самти арзишшиносӣ ҳамчун равияи таҳлили фалсафӣ ба кор бурда шуда, дар муайян намудани мақом ва манзалати инсон мавриди истифода қарор гирифтааст. Бо истифода аз ин  абзори таҳлилии ҷадид дар омӯзиши  афкори ахлоқӣ-этикӣ ва эстетикии Мавлоно ба кор бурда шуда, он дар дарки масъалаи инсон дар таълимоти Ҷалолуддини Балхӣ  ба кор бурда шуд. Дар рисола бори аввал кӯшиши муайян кардани арзишҳо, категория ва қонунмандиҳои аксиология, хусусан, баррасии аксиологии моҳияти инсон ҳамчун олами кабир ва олами сағир ба кор бурда шудааст. Ба вижа, ба таври комплексӣ таҳлили арзишҳои этикӣ-эстетикии таълимоти Мавлоно – ҳамчун сарчашмаи ташаккули идеяи инсони комил, ҳамчун эҷодгари сарнавишти хеш, анҷом дода шудааст.

**Нововарии илмии таҳқиқот** дар чунин шакл баён мегардад:

– зарурати таваҷҷуҳ ба акиология ҳамчун самти нави таҳқиқоти фалсафӣ, баррасии ҷиддии арзишҳои маънавӣ ҳамчун категорияҳои универсалии ахлоқӣ асосонок карда шудааст;

– аввалин бор аҳамияти арзишҳои маънавӣ-тасаввуфии афкори Мавлоно, чун низоми мутаносибу мавзуни этика ва эстетикаи такмилгари моҳияти инсон, худкифогӣ ва раҳнамунсозӣ ба таҳаввулоти маънавӣ, моҳияти мавқеъҳои таҳаммулгарой, иҷтиноб аз зӯроварӣ, хайру саховатпешагӣ шарҳу тавсиф гардид;

– барои аввалин бор таъсири афкори Мавлоно ба ташаккули назарияи «таҳаммул ба зӯрӣ» ва эстетикаи он таъйин гардидааст;

– аввалин бор аҳамияти таълимоти арзишии Мавлоно дар фарҳанги миллӣ ва минтақавӣ чун асоси ташаккули идеологияи сулҳу мадоро, таҳаммулпазирии умумӣ ва динӣ, муҳаббат ба маърифат ва камолоти маънавӣ муайян гардидааст.

– аввалин бор арзишҳои ахлоқӣ-эстетикии таълимоти Мавлоно оид ба инсон таҳлил гардидаанд;

– аввалин бор бунёди эстетикии таълимоти Мавлоно ҳамчун ҳудудҳои таълимоти «инсони комил» муқаррар гардидааст.

**Ба ҳимоя нуктаҳои зерини диссертатсия пешниҳод мешаванд:**

1. Калимаи юнонии αξια – аксио, арзиш, асоси истилоҳи «аксиология» шуд, ки фасли махсуси фалсафа буда, назарияи арзишҳоро бо мафҳумҳои фалсафии хирад, ҳукм, ирода, рағбат ва талаботи инсон категорияҳои арзишӣ ҳисобида шуда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсонро муайян месозанд, меомузад. Доираи масъалагузории он имкон медиҳад, то ба нақши таснифотиашон итминон дошта бошем.

2. Арзишҳо аз таъсири шахсият озод буда, объективӣ ва новобаста ба амри одамонанд. Сохтории арзишҳо дар тобеияти зина ба зина қарор дошта, дар онҳо низомҳои гуногун мавҷуданд, ки барои сарфаҳм рафтан ба онҳо бояд принсипҳои муайяне таҳия ва истифода шаванд.

3. Дар таркиботи антропоаксиология гурӯҳи арзишҳои ахлоқӣ ҷойи асосӣ дошта, дар раванди омӯзиши масъалаҳои муосири инсоният таҷдиди назар шуданд, масалан дар ахлоқи тасаввуф, ки арзишҳои ахлоқӣ ва ҷаҳонфаҳмии он фарқ мекунад. Мавлоно ахлоқи умумиинсонӣ ва тасаввуфиро аз ҳам ҷудо менамояд.

4. Инсоне, ки ба қавли Мавлоно, ба ҷамоли Ҳақ расидааст, набояд дар бораи махлуқияти хеш ва ҳолати баръакс фаромӯш созад. Аз ин

ваҷҳ, дар тасаввуф дар мадди аввал низоми мафҳум-арзишҳое меистанд, ки марбут ба огоҳӣ ва бардоштани пардаҳои асроранд.

5. Асоси антропоаксиологияи Мавлоноро донистани инсони марбут ба ду олам – олами қудсӣ ва заминӣ ташкил медиҳад: инсон офаридаи олӣ ва беҳтарини махлуқот аст. Мақсади офариниши инсон - ин маърифати моҳият ва атрибутҳои Худованд аст.

6. Дар антропоаксиологияи Мавлоно инсон хулосаи масъалаи муҳаббат ва ҷозибияти худовандӣ аст. Инсон бинобар муҳаббати Худованд ба олам халқ шуда аст, то дар он татбиқи худро меёбад. Бо ин навоварӣ Ҷалолуддини Румӣ назари таҳаммулпазиронаи тасаввуфӣ ва арзишҳои ахлоқии марбут ба онро дар фаҳмиши олам ва одам ифшо месозад.

7. Мавлоно аввалин орифе аст, ки мусиқию рақсро ба амалия ва назарияи тасаввуф ворид сохта, онҳоро василае медонад, ки торҳои нозуктарин ва ниҳонии руҳро нохун мезанад. Яъне мусиқӣ ва арзишҳои эстетикӣ ба маънои онтологиаш, мабдаи худовандӣ дошта, руҳро нозуку латиф ва омодаи шаҳодати худовандӣ менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқи антропоаксиологии афкори Мавлоно барои муқаррар намудани саҳм ва андозаи таъсири афкори мутафаккир ба афкори ахлоқӣ ва эстетикии тоҷик мусоидат менамояд. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои рисола метавонад дар ҳалли масъалаҳои марбут ба таҳлили моҳиятии низоми арзишҳои ахлоқии ҷомеа ва омӯзиши меросу афкори таърихӣ-фалсафӣ истифода гардад.

Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқи рисола бадастомада нақш ва саҳми муайяни назариявӣ ва методологиро дар инкишофи омӯзиши этика ва эстетика, инчунин таърихи фалсафаи ватанӣ ва самти ҷадиди он – аксиология, хоҳад гузошт.

**Соҳаи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот ба ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мутобиқат дорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки таҳлили аксиологии афкори Мавлоно аввалин маротиба дар илми тоҷик анҷом дода шуда, бо ташхиси арзишшиносии фалсафӣ таҳлилу баррасии назариявӣ ва қиёсу муқобилгузории илмӣ нуктаҳои мушаххаси методологӣ, таҳлили гуногунҷанбаи масъалаи табиати арзишҳо, мақом ва манзалати инсон дар ҳастӣ, ҷанбаҳои онтологӣ, метафизикӣ ва гносеологии антропологияи фалсафии Мавлоно анҷом дода шуда аст, ки ва боиси дарёфти роҳу воситаҳои мукаммали баёни консептҳои мазкур дар таърихи фалсафаи тоҷик мегардад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ.** Консептҳои арзиш, арзишшиносӣ, инсон, олами сағир, олами кабир, ахлоқ, камолоти маънавӣ, инсони комил дар антропоаксиологияи Мавлоно бори нахуст аз ҷониби диссертант дар таҳқиқоти ҷудогона ба таври системанок, дар муқоиса бо афкори мутафаккирони пешин ва ҳамзамони Мавлоно анҷом дода шудааст. Таҳлили аксиологии мафҳумҳои ифодагари табиат ва хусусиятҳои инсон дар афкори мутасаввифони назири Мавлоно аввалин бор пешниҳод шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар маҷлиси Шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ (Суратмаҷлиси №3, аз 30.04.2024 с.) ва кафедраи онтологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Суратмаҷлиси №8, аз 31.08. 2024 с.) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия дода шуд.

Мавзуъ ва мундариҷаи рисола дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавӣ ба нашр расида, муқарраროти асосии кор дар шакли маърӯза ва баромадҳо дар конференсияҳои байналхалқию минтақавӣ ва

вохӯрию форумҳои илмӣ пешниҳод гардида, дар ҷараёни фаъолияти педагогӣ истифода шудааст. Муҳтавои диссертатсия дар **3 маърӯза** дар конференсияҳои илмии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмималӣ, аз ҷумла, дар мавзуъҳои «Нигоҳи орифон ба масъалаи баробарии ҷинсӣ» (Душанбе, 2007), «Масъалаҳои гендерӣ дар ҳастишиносии Ҷалолуддини Румӣ» (Душанбе, 2010), «Вахдати вуджуд» в религиозно-философской концепции Джалолуддина Руми» (Душанбе, 2014) ва «Ценностный анализ проблемы человека в философии Джалолуддина Балхи Руми» (Алмаато, 2024) ироа гардида, рӯйи чоп омадаанд.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва мазмуну мундариҷаи таҳқиқ дар 9 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёту маъхазҳо иборат буда, дар 165 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шудааст.

# БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ТАЪРИХӢ-ФАЛСАФИИ МУҲИТИ АРЗИШИИ ИНСОН ДАР АФКОРИ ФАЛСАФИИ ТОҶИК

## 1.1. Заминаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсонӣ дар мактабҳои фалсафии Шарқи асримиёнагӣ

Масъалаи инсон ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳим ҳамеша дар фалсафа ҷой дошт, зеро ин масъала маҳз аз муҳокимарониҳои ақлӣ дар алоқамандӣ бо мақом, нақши инсон дар ҳастӣ ва маърифат оғоз мешавад. Ба таълимотҳои тоисломӣ доир ба инсон, барои равшан намудани манзараи арзишҳо зарур аст, ки ба сарчашмаю манобеи ташаккули онҳо муроҷиат намоем. Масъалаи арзишҳои инсонӣ ва ҳастии он ҳамчун муҳимтарин ҷанбаи маърифат, аз ҷониби мутафаккирон ва олимони ҳама давру замон, хусусан олимони форсу тоҷик ва ходимони фарҳангу тамаддун, мавриди баррасиҳо қарор дода шудааст.

Мавзуи арзишҳои инсонӣ бо бисёр илмҳо: ҳуқуқ, ҷамъиятшиносӣ, сиёсат, ахлоқшиносӣ ва ғайра алоқаманд буда, аёну ноаён дар аксари илмҳо ба миён гузошта шудаю ҳал мегарданд, зеро дар илм яке аз масъалаҳои онтологӣ масъалаи гуманизатсияи донишест, ки зарурати хешро барои ҷомеаи инсонӣ ба эътибор мегирад.

Арзиш ҳамчун мафҳуми фалсафӣ аввалин маротиба дар фалсафаи Юнони қадим, афкори Суқрот таҳлил шудааст. Масъалаи арзишро ӯ дар фалсафа муҳим ҳисоб карда, дар ин ҳошия мазмуни некиро на чун хислат, балки ҳамчун “чизе, ки муфид аст шарҳ медиҳад”. Аз нигоҳи Афлотун бошад, мафҳуми арзиш маънои зебоӣ ва некиро касб менамояд.

Ин масъала махсусан дар оғози илм доир ба инсон ё инсоншиносӣ, қарор дорад ва аз асотиру асотиршиносӣ, яъне аз соҳаи то фалсафа маншаъ мегирад. Дар афкори тофалсафии Ҳинд, Миср ва Чин масъалаи инсон ва арзишҳои мавҷудияти он дар сарҳади беш аз якуним аср то пайдо шудани масеҳият гузошта шудаанд [134, 21].

Яке аз муҳимтарин таҳқиқот доир ба фаҳмиши арзишҳои инсонӣ дар асотирҳои адёни токитобӣ ва тофалсафӣ таҳқиқоти Г.Франкфорт «Дар остонаи фалсафа. Ҷустуҷӯйи маънавии инсони қадим» мебошад [118]. Назар андохтан ба марҳилаи қадими то тамаддун то ҳол масъалаи мубрам боқӣ мемонад. Мисршинос, академик Б.А. Тураев асотиршиносиро ҳамин тавр меҳисобад ва андеша пеш мегузорад, ки ҳама мавҷудот аввал дар қалб, яъне дар андеша, сипас тавассути сухан, яъне забон тасвир шуда, метавонад тавассути таълимоти баъдӣ доир ба логос ва муҳаққиқони манобеи герметизм дар тафаккур истифода шавад [118, 6].

Яке аз қадимтарин арзишҳо, ки ба инсон тааллуқ дорад, ин арзиши номгузории инсон аст, ки ба ормонҳои зиндагии бошараф ва накӯиҳои ӯ ба хотири ҷомеа мансуб аст. Ин ҳақиқат дар амалияи идории султон муҳим буда, зимнан, махсусан номи ҳокими дорои манзалат, обруву эътибори воқеи, накӯкор, хайрхоҳ, одил абадан зинда, асрҳо боқӣ хоҳад монд. Дар асотири Мисри Қадим номи Худованд, инсон марбут бо неруи муъҷизакоронае тасаввур мешавад, ки дар ин робита абадияти номи инсон асрҳо бо амалҳои хайри ӯ алоқаманд аст [118, 8]. Мисриёни қадим ба Худованд «ту» гуфта муроҷиат мекарданд, мисли оне ки дар анъанаи тоҷикон муроҷиат «Бо номи Яздон, Офаридгор, Худо» қабул аст.

Ба унвон ё номгузорӣ худи ҳастӣ пайванд мегардад, зеро мисриён ва шумериён мегуфтанд «баъд аз оне, ки замину осмон аз якдигар дур карда шуданд, сипас инсон ном бурда шуд», ҳастӣ оғоз меёбад. Мисли

он ки дар достонҳои қадимии мо «Буд набуд, будгор буд…» ба ҳузури олами қудс ишорат мекунад. Мавҷудияти ду олам ҳам барои эътиқодҳои мисрӣ ва ҳам ба афкори асотирии тоҷикӣ-форсӣ хос аст, мисли «Парвардигори ду олам» ва ғ.

Дар асотири Миср ва Бобулистони Қадим мисоли равшани қадру қимат ва арзиши инсон дар ҳолате мушоҳида мешавад, ки ҷодугару соҳирон зимни иҷрои маросими шуъбадабозӣ ба ҷойи сари инсон сари буридаи ғозро ба намоиш гузоштанд. Ал-Берунӣ дар «Ҳиндустон» оид ба мавҷудияти ду олам, симои инсонӣ доштани худоҳо ва малоикаю фаришта дар асотири қадимаи форсӣ ва дар монавия, ки дар ин оламҳо шакли инсонӣ дошта, ҷинсият надоранд ва аз лиҳози симо ва ҷисм ба инсон монанданд ва ғайра хабар медиҳад [11, 80]. Берунӣ доир ба сабаби ба бутҳо ибодат кардан, ки тасвири одамони соҳибэҳтиром буда оини парастиши образноки одамон дар монавия аст, чунин муҳокимаронӣ мекунад: «Маълум аст, ки табиатан хулқи одамони одӣ марбут ба отифа ва тафаккур буда, танҳо олимон мефаҳманд, ва аз бадӣ дурӣ меҷӯянд; баъдиҳо, чуноне маълум аст, дар ҳама замону макон камшуморанд. Чун одамони сода ба тасаввуроти бадеӣ моил ҳастанд, пайравони бисёре аз динҳо аз роҳи ҳақ дур шуданд ва ба эҷод кардани образҳо дар китобҳо ва муқаддасоташон, мисли яҳудиён, масеҳиён, хусусан монавиҳо, рӯ оварданд. Шаҳодати кофӣ ба фоидаи гуфтаи ман он аст, ки агар ба одами сода ё зан тасвири Пайғамбари ислом, ё Каъбаро нишон диҳем, хурсандии беинтиҳо онҳоро фарогир мешавад ва онҳо ҳамон замон ба бӯсидани ҳар ду ҷабини турбат оғоз мекунанд ва худро дар ин фараҳ комилан аз даст медиҳанд, ба ҳамин роҳ ба ашёи тасвиршуда дидорбинӣ намуда, ба ҳамин восита гӯё маросими ҳаҷҷи бузург ва хурдро иҷро мекарда бошад. Ин ҷо сабаби майл суи сохтани бутҳо ниҳон аст, ки ба хотири шахсиятҳои соҳибэҳтиром аз қабили пайғамбарон, ҳакимон ва фариштаҳо анҷом

дода мешавад; он муҷассамаҳо ба он хотир рост монда мешаванд, ки баъди фавт ва ё ҳолати нобудии тасвиршудагон аз хузури хеш дарак бидиҳанд ва абадан дар қалби одамон эҳтиром нисбати рафтагон пос дошта шавад; вақти зиёде аз замони созандагони бутҳо мегузарад, наслҳо ва асрҳо иваз мешаванд, сабабу баҳонаи сохтмони онҳо фаромӯш мегардад ва парастиши ин бутҳо одат ва муқаррароти ҳатмӣ мегардад. Сипас ба ин кор қонунгузорон ширкат меварзанд ва ба эътибор мегиранд, ки парастиши бутҳо миёни оммаи торикандеша амиқ ҷой гирифтааст, зимнан, ин парастишро ба вазифаи онҳо табдил медиҳанд. Дар ин бора одамони замони пеш аз туфони Нӯҳ ва баъди он нақл мекунанд, ки гӯё то зуҳури пайғамбарони Худо, одамон як ҷомеаи диниеро ташкил медоданд, ки бутҳоро мепарастиданд [11, 133].

Эҳтироми ҳикмат дар анъанаи бобулӣ, мисрӣ ва қадими форсӣ ба назар мерасад, ки дар мавриди истифодаи сухани ҳикмат/hokmoth/ hakamu «ҳаким» (аз Эле-худо)» – hakamt (Эля)» ва барои нишон додани ҳикмат, ба кор бурда мешудааст [118, 18].

Гузариш аз сонавияти (духелагии) оғозҳои мутазод ба ду мафҳуми мутазоди этикӣ (ахлоқӣ) дар фарҳангҳои бостонӣ, ки хоси боварҳои тоисломии форсӣ-тоҷикӣ мебошанд, аз дақиқан ҷониби академик В.И. Вернадский ҳамчун маркази вуҷуди воҳиди пайдоиши фарҳанг тасдиқ мегардад [30, 23].

Ҳамин тавр, одамони қадим ҳамеша инсонро чун қисми таркибии ҷомеа дониста ва худи ҷомеаро ба таркиби табиат ворид сохтаанд, ки ҳамзамон, он аз неруҳои кайҳонӣ вобастагӣ дорад. Барои онҳо инсон ва табиат на муқобили якдигар қарор доранд, аз ин рӯ ду тарзи гуногуни маърифат набояд ба онҳо мувофиқ биёяд. Зуҳуроти табиат ҳамеша аз ҷониби инсон дар мафҳумҳои таҷрибаи инсонӣ, таҷрибаи инсонӣ бошад дар истилоҳоти зуҳуроти кайҳонӣ тасаввур мешуд. Одами қадим ба саволҳои гузоштааш дар бораи ҳастӣ ҷавоб намеҷӯяд,

балки дар ҷараёни робитаи мутақобила бо он дар диалоги Ман – Ту ин ҳастиро кашф менамояд. Вақте ҳар сол инсон дар лаҳзаи ҳалкунанда дар бораи донише хабар медод, ки ин дониш ба неруҳои табиат дар мувофиқат қарор дорад ва ин амали оқилона аз он гувоҳӣ медод, ки мисли ҳар дафъа инсон хештанро бо дониши неруманди хақиқӣ фарогир сохтааст.

Марҳилаи муҳимми ташаккули тасаввурот дар бораи инсон ин давраест, ки он давраи ориёӣ ном бурда мешавад. Аввалин шуҳратбардориҳо доир ба мақом ва нақши инсон дар кайҳон дар зардуштия пайдо мешавад. Дар фарҳанги ориёӣ сарчашмаи орои космологии халқи тоҷик ташаккул ёфта инсон ҳамчун мавҷуди заминӣ ва осмонӣ тасвир мегардад ва ҷойгоҳи ӯ дар кайҳон ҳамчун офаридаи заминӣ дар таҷассум кардани ному сифатҳои Офаридагор ва ӯ маҳз намояндаи кайҳон муаррифӣ мегардад [111, 354]. Арзишҳои асосии ин дин аз постулати (ҳақиқат ва догмаи он) асосии он дар бораи мубориза и ҳамешагии Хайр ва Шарр бармеояд.

Дар ин набард қаҳрамони асосӣ инсон аст, зеро ӯ иттифоқчии Хайр буда, пайрави андешаи накӯкоронаи мероси салоса, яъне се ҳақиқати зардуштия: рафтори нек, кирдори нек ва гуфтори нек аст, ки аз ҷониби Хайр ба муқобили Шарри дохилу хориҷ мубориза мебарад. Натиҷаи ин набард ба устувор шудани ҳамоҳангӣ мусоидат намуда, ташаккули инсонро ба сӯйи идеал раҳнамоӣ мекунад. Дигар карда гӯем, дар ин мубориза мақом ва нақши инсон равшан мегардад, ки худро инкишоф дода, ба тараққии олам мусоидат мекунад. Ин дар дастуруламали Зардушт дида мешавад, ки муҳиммияти ҳамраъйии Худо ва одамонро таъкид мекунад: ӯ дар ин на танҳо воситаи ҳифзи оламро дар шакли аввалияи он, балки кӯшишеро мебинад, ки ба сӯйи барқарорсозии идеал аст. Тавассути он ба инсон эътиборе дода

мешавад, ки ӯ дар роҳи ба даст овардани пирӯзии нави марғуб аз болои Шарр шарики Худованд аст [26, 38].

Мубориза бо Шарр (бадию бало) онро дар назар дорад, ки ҳамаи ҳамин се накӯӣ ба се шакли олам – олами арвоҳ (Меног), олами рӯҳ (Ритаг) ва олами ҷисмҳо (Гетиг) мувофиқ меояд. Ба ибораи дигар, набояд фикр (пиндор) дигар, гуфтор дигар ва рафтор дигар бошад. Касе, ки бо зарурате, на ихтиёрона некӣ мекунад ба вусъат ёфтани ҳадди неруи бадӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон, пайгирӣ аз арзишҳое чун «миёнаи тиллоӣ» дар назар дорад, ҳама ҳаддро – чи дар эътиқоди динӣ ва чи дар рӯзгору ҳаёти маишӣ, ғизо ва ғ. Аҳкоми дигари зардуштия, маҳз тақсимоти вақт ба се қисм, ба кор, иҷрои масъулиятҳои заминӣ ва ба роҳату хушиҳо ин мувозинату ҳамоҳангиро нигоҳ медорад ва дар ин ҳолат инсон неруҳои рӯшанро пайравӣ мекунад.

Дар дини зардуштия манъкуниҳои асосӣ барои пешгирӣ намудани андешаҳо, гуфторҳо ва амалҳои гунаҳкорона нигаронида шудааст. Зардуштия чанд амалеро мамнуъ ҳисобидааст, ки он гуноҳҳои вазнин ҳисобида мешаванд: 1) ҳомосексуализм (алоқаи шаҳвонии мард бо мард) ва ҳама фосидкориҳо нисбат ба табиати инсон; 2) тағофули (чашмпӯшии) ихтиёрӣ ва ё ғайриихтиёрии бадӣ; 3) куштор ва ё худкушӣ; 4) дурӯғгӯйӣ, ҳатто дар андешаҳо; 5) дуздӣ дар кадом шакле набошад; 6) омехтасозии некӣ бо бадӣ; 7) таҳқир кардан ва хароб кардани муқаддасот (атеизм, холигию мурдадилии маънавӣ, касифкунандаи маъбад, вайронкунандаи ибодатгоҳҳо); 8) такаббуру мағрурӣ (ҳукумати ҷоҳил); 9) чоплусӣ, тамаллуқкорӣ; 10) разилӣ, хиёнаткорӣ; 11) нопокӣ (таҳқир кардани табиат, ҳайвонот, унсурҳо); 12) истифодаи қувваи бадӣ, ба монанди ҷодугарӣ; 13) тарсуӣ, тарсу ҳарос; 14) ҳасад ва бухл; 15) ҳарисӣ ва хасисӣ; 16) қаҳру ғазаб [34, 289-290].

Осори адабии то ба имрӯз ба мо расидаи давраи миёнаи форсӣ-паҳлавӣ имкон медиҳанд, то комилан арзишҳои дар ин замон қабулшударо муайян кунем. Он ҷо асосан адабиёти динӣ ҳастанд, ки дар онҳо арзишҳои маънавии бештарашон хусусияти универсалӣ дошта, инъикос ёфтаанд.

Арзишҳои ахлоқӣ, ё ин ки маънавӣ дар адабиёти этикӣ-дидактикӣ васеъ муаррифӣ шудаанд. Ба осори пандомез метавон андарзҳо-насиҳатҳо, пандҳо мисли Васияти гузаштагон – «Андарзҳои пешинагон», насиҳатҳои интихобкардашудаи муаллимони аввал – «Сидаг андази порйёткашон», дастурамали ҳакимони зардуштӣ «Андарзи доногон ё маздоясноён», Роҳнамоии Хусрав, писари Қубод – «Андарзи Хусрави Қубодон», Дастури Адурбад, писари Маҳраспанда «Андарзи Адурбади Маҳраспандон», Насиҳати Беҳзод Фарроҳ Перозӣ – «Андарзи Беҳзод Фарроҳ Перӯз», Чанд сухани Абдуфарробаг, писари Фарроҳзод – «Сухани чанди Абдуфаробаги Фароҳзадан», Ҳикмати Бахтофарид ва Адурбад, писари Зардушт – « Вижагиҳои Бахтофарид Абудрбади Зардуштан», Тақсими ашёҳои заминӣ – «Ниҳишни тиси гетӣ», Насиҳати Бузургмеҳр – Аядгари Бузургмеҳр», Пандҳои дастурии зардуштиён – «Андарзи дастварони беҳдонон», Дар бораи панҷ хислати коҳинон «Абар панҷ ҳаме асронан», Чанд ҳикмати Адурбад, писари Маҳраспанда – «Вижагиҳои чанди Абурбади Маҳраспандон», Дармони қонеият – «Доруи хурсандиҳо», Дар бораи хислат ва хиради инсони хушбахт «Абар ҳаме хиради фаррох мард», «Баҳман яшт», «Денкард», [45,10] Насиҳати Ошнар, Насиҳат ба тифлон ҳастанд, ки дар бораи арзишшиносии зардуштия маълумоти саҳеҳ медиҳанд, ки асосан ба ситоиши таълимоти зардуштия тааллуқ доранд.

Андарзгароӣ, ки баъдтар дар шакли маҷмуи ривоятҳо дар бораи тасаввурот, одат ва маросими зардуштиён ва порсҳо маълумоти муҳим

медиҳад, хело баътар – дар қарни XV тартиб дода шудаанд ва дар Шарқ аз замонҳои қадим шуҳрат доранд. Ин адабиёт ҳикмати олӣ номида шуда, ба таври васеъ аз Миср то Байнанаҳрайн маълум буданд [148]. Ривоятҳо дар бораи маъруфият доштан ва оммавӣ будани ин дидгоҳ дар асрҳои баъдӣ низ маълумот медиҳанд.

Аз лиҳози маъною мундариҷа бештаре аз ин насиҳатномаҳо (андарзҳо) аз адабиёти шифоҳии халқ баромадаанд. Аз ин рӯ, асосан шакли муколама, монолог ва нутқи мустақимро доранд. Анъанаи дарҷи андарз оғози дар ин дидгоҳ ба вуҷуд омадани ниҳодбандӣ ва муаллиф пайдо карданро медиҳад.

Шакли афоризмҳое, ки дар Авесто ва Динкард буданд, ба матнҳои дигари паҳлавӣ мегузаранд. Бештаре аз қисматҳои ин дидгоҳ дар худ мазмунҳои дунёвиятро фаро гирифтанд. Масалан, дар «Додистонӣ меноги храд», ки он ҷо таърифи Нек ва Бад дода шудааст, – файсалаи рӯҳи Хирад аз номи Хирад ҳарф зада, тавсия медиҳад, ки бо нодон (аҳмақ) набояд баҳсу бо ҳарис набояд ҳамкорӣ кард, аз дурӯғгӯй набояд қарз гирифт [45, 12].

Қарнҳои баъдӣ таъсири таълимоти ахлоқии тоисломӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Горшоспнома»-и Асади Тусӣ, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Маснавии Маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ва ғ. эҳсос карда мешавад. Машҳуртарини онҳо Ибни Надим, ки ба унвони «Адаб» муаррифӣ шудааст, дар бораи 14 асаре ҳарф мезанад, ки аз форсӣ ба арабӣ тарҷума шудаaанд [50, 15-22]. Дар ин қатор метавон асари паҳлавии «Ҷовидон храд» – Хиради абадиро ном гирифт, ки «Ал ҳикматул холида»-и Ибни Мискавейҳ бар он асос ёфтааст. Иқтибосҳои алоҳидаи ахлоқии паҳлавиро дар осори хеш Ибни ал-Муқаффаъ, Ибни Қутайба истифода кардаанд. Инчунин аз рӯйи маълумоти М.Гриняски дар яке аз асарҳои қарни XVII иншошуда, ӯ андарзҳои Бузургмеҳрро пайдо кардааст [45, 13].

Ба саволи «Инсон чист?» ва «ӯ чӣ тавр дар зиндагиаш рафтор намояд?», ки махсуси антропоаксиология аст, ҷавобҳоро дар ду манобеи фарҳанги ҳинду-эронӣ пайдо мекунем. Ҷавоб ба ин саволҳо идомаи мантиқӣ -онтологии мақоми кайҳонии инсон аст. Дар Ригведа сифатҳои кайҳонии инсон ситоиш мегардад: «Ҳама чизҳои мавҷуда ва ҳама он чизе, ки дар оянда пайдо мешавад, аз худи инсон вобаста аст. Инсон ин ҳоким ва роҳбари абадист, ӯ натиҷаи ҳама он чизест ки тавассути ҳастии моддӣ пайдо шудааст. Чунин аст мақоми бузурги инсон дар низоми кайҳон» [78, 354]. Ба ибораи дигар, инсон дар хештан олами сағир аст, ки оламҳои моддию маънавиро меомӯзад ва қобил аст, олами кабирро, ки ҳастии берун аз ӯро ифода менамояд, маърифат кунад.

Фикри машҳури Мавлонои Балхӣ, ки ҳанӯз дар қарни XIII баён кардааст, шарҳи адабии матлаби мазкур мебошад:

Солҳо фикри ман ин буд, ҳама шаб суханам

Ки чаро ғофил аз асрори дили хештанам.

Аз куҷо омадаам, омаданам баҳри чӣ буд,

Ба куҷо меравам охир, кадомин-ст ватанам.

Аз ин дидгоҳ бори аввал масоили антропоаксиологӣ дар муколамаи Зардушт бо Ҳурмуз дар Готҳо гузошта шудааст, ки дар онҳо «инсони озод» ҳузур дорад, ки роҳи худро аз Некӣ ва Бадӣ интихоб карда, эҷодкунандаи сарнавишти хеш аст. Ин арзишҳоро дар андарзҳои аввалин муаллимон пайдо мекунем: Ҳар кас бояд бидонад: аз куҷо ман омадам, чаро ман ин ҷо ҳастам, ба куҷо бояд ман биравам, худоён аз ман чӣ мехоҳанд? [45, 46]

Ба масъалаи антпроаксиологияи осори даврони зардуштия руҷуъ намуда дар муқаддимаи хеш М.О. Чунакова менависад, дар андарзҳои паҳлавӣ доир ба корҳои давлатӣ пандҳои камтар ҳастанд, зеро ки ин насиҳатномаҳо аз ҷониби ходимони дин ҷамъ овардаю навишта

шудаанд [45, 45]. Ин далели аҷоиб ишора ба он мекунад, ки дар он замон тақсимоти матлаб байни ҳокимияти давлатӣ ва динӣ будааст.

Ҳикматҳои паҳлавӣ аз лиҳози маънӣ шартан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: пандҳое, ки ба таҷрибаи зиндагӣ асос ёфтаанд, пандҳое, ки хайру некӣ ва муносибати оқилонаро ба ҳастӣ муайян мекунанд, андарзҳое, ки баъзе ҳақиқати ахлоқиро равшан месозанд.

Андарзҳое, ки ба таълимоти динӣ бахшида шудаанд, дар гурӯҳи алоҳида қарор доранд. Ба онҳо, масалан, ба ғайр аз «Авесто», матнҳои динии насиҳатҳои муаллимони аввал – «Сидаг андарзи порйёткашон», насиҳатномаи ҳакимони зардуштӣ – «Андарзи донандагони маздаясно».

Дар насиҳатҳои дастурии зардуштиён «Андарзи дастоварон ва беҳдонон», дар бораи панҷ ҷиҳати хислати коҳинон – «Абар панҷ хеми асронан» арзишҳои асосии динӣ изҳор гардида: мавҷудияти офаридагор – Ҳурмуз ва душмани ӯ – рӯҳи шарр Аҳриман, ҷанги абадии онҳо, ки баъди се-чаҳор ҳазор сол ҳатман бо пирӯзии Ҳурмуз ба анҷом хоҳад расид, мавҷудияти биҳишт ва дӯзах, эҳёи олами навшуда ва зиндашавии ҷисмонияти мурдагон ва пайваст шуданашон ба рӯҳи баргаштаомадаашон дар мувофиқат ба ҳаёти дар замин ҳамроҳ бурдаашон, дар рӯзи чаҳоруми вафот ҳукм нисбати арвоҳашон, дар бораи аз ҷониби Ҳурмуз офаридашудани осмон, об, замин, растаниҳо, ҳайвонҳо ва Одами аввал – Каюмарс, ки авлоди инсон аз ӯ баромадааст. Инсон чун офаридаи Ҳурмуз бояд дар муборизаи неруи Хайр ва Шарр аз ҷониби Офаридагор иштирок намуда, уҳдадориҳои худро иҷро намуда, одату маросимҳоро риоя намояд.

Яке аз муҳимтарин арзишҳои антропоаксиологии марҳилаи тоисломӣ, ки дар фарҳанги мо ҳамчун меросбари фарҳанги қадимаи форсӣ, амиқан ҷой гирифтааст, идеяи Наврӯз – ҷашнгирии омадани

Соли нав мебошад, ки айнан ба забони тоҷикӣ маънои «Рӯзи нав»-ро дорад. Ин яке аз аввалин ҷашнҳои фасли сол аст, ки омадани Соли навро тасдиқ мекунад ва дар миёни ҷашнҳои дигаре чун ҷашнҳои Меҳргон, Тиргон ва Сада муҳимтар мебошад. Чуноне ки М.Бойс қайд мекунад, ҷашнҳои мавсимӣ дар зардуштия таҳти мафҳуми «Гаҳанбар» ном бурда шуда, маънои шаш маросими ҷашниро дорад, ки пайдоиши онҳо ба марҳилаҳои тозардуштия алоқаманд аст. Ҷашнҳо характери мавсимӣ дошта, дар миёнаи баҳор; миёнаи тобистон; дар охири тобистон – аввали тирамоҳ; вақти ҷамъоварии ҳосил; охири тирамоҳ, вақте ки чорво аз чарогоҳ бармегарданд; миёнаи зимистон; охири зимистон – дар арафаи баҳор ҷашн гирифта мешаванд [26, 33-34]. Идеяи Соли нав тамоми инсониятро муттаҳид намуда, ҳама гуна ноиттифоқӣ ва фарқияти байни одамонро инкор мекунад.

Наврӯз ҷадвали хоси арзишҳои худро дорад, ки ба фарҳанги миллӣ ва анъанаҳо печида аст. Ҷашнгирии Наврӯз тоҷиконро ҳамчун миллати соҳибфарҳанг, ки пайгирӣ аз тамаддун ва маънавиёти аҷдодӣ мекунад, муаррифӣ менамояд. Чуноне ки муҳаққиқон зикр мекунанд, гузаштагони мо андеша доштанд, ки фарорасии Соли нав бояд ҳамон вақте бошад, ки ҳама ҷо зебу зинат ёфта, тозаю озода бошад ва дар ҳама чизи одамро иҳотакунанда, тартибот, ҳамоҳангию мувозинат бошад. Бо ин мақсад, одамон ҳанӯз то омадани Наврӯз омода мешаванд – одамон ҳамдигарро бо тозагӣ пазирой намуда, манзили худро ба тартиб медароранд, онро тармим карда, аз ифлосию касифиҳои ҷамъшуда, тоза мекунанд. Ранги сиёҳ ранги торикӣ ва иблис ҳисобида мешавад, аз ин рӯ, одамон кӯшиш мекунанд тамоми хонаро тоза кунанд, то дар он ягон сиёҳӣ ва гӯшаи тозакорӣ накарда, намонад. Зарфҳоро мешӯянд, хонаро ранги сафед мезананд, ҳама қолин, намад ва гилемҳоро афшонда, кӯрпаю болишту парбистарро дар Офтоб мегузоранд. Дар замини наздиҳавлӣ ва майдони обчакорӣ

якчанд корҳоро анҷом медиҳанд. Агар замин калон бошад, он гоҳ барои шудгор ва кишти он чорвои корӣ ва лавозимоти киштро тайёр мекунанд. Тухми зироат ва растаниро барои рӯёндани ҳосили соли оянда омода месозанд. Дар ин давра муҳиммияти хосро куҳансолон пайдо мекунанд, ки аз рӯйи дониш ва таҷрибаашон стратегия ва тактикаи кишти ояндаро муайян сохта, ҳосили ғалладона, чормағз, меваҳо ва ғайраро пешгӯйӣ мекунанд.

Дар замони қадим ва ҳоло низ дар минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон Наврӯз ду ҳафта ҷашн гирифта шуда, ҳар рӯзи ҷашн доираи амру ҳидоятҳо, дастурҳо ва фалсафаи худро дорад. Умуман, ин ҷашн дар Тоҷикистон як моҳи тамом, аз 21-уми март то 21-уми апрел идома меёбад. Наврӯз хӯрокҳои махсус, рамзҳо, афзалиятҳо дар либоспӯшӣ, тоза кардани хонаю ҳавлӣ, одату анъана, фолклор ва рақсҳо дорад, ки маҳз ҳамин рӯзҳои ҷашн амалӣ мегарданд. Дар ин вақт ҳама ҷо гулхан гиронида, аз болои он одамон ба хотири аз гуноҳҳо тоза шудан, меҷаҳанд.

Наврӯз оини навӣ аст, ки ба ҷойи куҳна омада, гармӣ муқобили сардӣ, рӯшанӣ муқобили торикӣ пирӯз шуда, хайр бар ивази бадӣ, зебоӣ бар ивази зиштӣ хоҳад омад. Аз ин рӯ, муҳаббат ба ин арзишҳо дар шуури таърихии тоҷикон аз замонҳои зардуштия ҳамчун хотираи экологии халқ боқӣ мондааст. Соли навро бо тоза кардани манзил оғоз карда, тоҷикон пешомадҳои нохушро аз худ дур сохта, аз он раҳоӣ ёфтан мехоҳанд, тозагии хона ва либосро нигоҳ карда, ба чаҳор аркони зардуштия оид ба ҳимоя аз касифӣ такя намуда, тозагии муҳитро таъмин мекунанд. Ҳамаи ин рамзи муайяни рафтор ва муносибати солимро ба ахлоқ тақозо дорад.

Ҳамин тавр, Наврӯз инъикоси тозагии тамоми муҳити зисти инсон, тартибот дар зиндагию рӯзгор, рӯҳ ва равоният буда, муайянкунандаи фикр ва орзую омоли халқ дар бораиояндаи хеш, дар

бораи мавҷудияти осоиштаю осудаҳолонаи инсоният мебошад. Ин айнан ҳамон омилест, ки инсон, ҷамъият ва тамоми инсониятро муттаҳид сохта, нобаробарӣ ва ихтилофу низоъро бартараф мекунад. Дар замони муосир ин ҷашн ва арзишҳои он робитаи идеявии наслҳои гузашта ва оянда буда, ба тоҷикон аз гузаштагони дурашон мерос мондааст.

Оини тозагию нафосат дар андарзҳои паҳлавӣ арзишҳои хоси антропаксиологиеро муаррифӣ мекунад, ки хоси дастуру нишондодҳои зардуштия аст. Аз рӯйи он метавон ҳар рӯз маросими таҳорату ғусл ва софкориро анҷом дод. Мебояд ҳайвонҳои зарароварро, ки Аҳриман сохта ва лашкари ӯст, нобуд сохт, эҳтиёткории хоссаеро риоя бояд кард – агар дар хона майит бошад, дар хона деви бадкирдор Насрушт ҷой гирифтааст ва метавонад ба инсон зарар бирасонад. Ин эҳтиёткориҳо ҳатто ба хӯроки хайротӣ низ дахл дорад, баъди он зарур аст заминро ҳатто бо дандонхилол шуст.

Ба оини софкорӣ мубориза ба муқобили ҳавасу дилкашолии рӯҳ низ дохил мешавад ва пешниҳод мегардад, ки ба чунин роҳ ҳавасу майлро фурӯ нишонанд: «шаҳвоният ва ҳаваси гунаҳкоронаро бо ақл пирӯз шавед. Ҳарисиро бо шикастанафсӣ, бадхашмию ғазабро бо итоаткорӣ, ҳасаду бахилиро бо хайрхоҳӣ, эҳтиёҷу бенавоиро бо фармонбардорӣ, душманиро бо сулҳҷӯйӣ, дурӯғро бо адолат пирӯз шуда, қотеона аз ҳасуду худпарастӣ, душманӣ ба одамони нек, аз бадбинӣ ва хасисӣ, туҳматгаройӣ ва каззобию мунофиқӣ худдорӣ намоед».

Дар «Сидаг андарзе порёткешан» навишта шудааст, ки ба ғайр аз эътирофи идеяҳои асосии эътиқод зарур аст зан гирифта, оиларо нигоҳубин ва кӯдаконро тавлид намоед, заминро шудгор ва кишт карда, ҳайвонҳоро парварида, ҷашнҳои диниро таҷлил, рӯҳи рафтагонро ёд ва ба одамони тақводору парҳезкор садақа дода, Оташи

муқаддаси Вараҳранро таъсис диҳед. Раҳмдилию меҳрубонӣ ва кумак ба наздикон, волидайн, оила, ҳамдинон ҷойи муҳимро дар таълимоти ахлоқии зардуштиён ишғол кардааст. Ҷавонмардию олиҳимматӣ нишон дода, ҳақро гуфтан, оиладор ва соҳиби зурриёту насл шудан дар ин дунё, ибодат кардан, дар эътиқод устувор будан, ба издивоҷи ҳамхунӣ даромадан, оташи Вараҳранро таъсис додан, ҷойи валангорро обод кардан, ҷашнҳои диниро таҷлил, чорпоёнро парварида, ба зардуштиёни лоиқу сазовор садақа додан [16, 83]. Чанд таърифи зани неккирдор аст, ки яке аз онҳо дар «Насиҳатҳои вехзад Фарроз Пероз» оварда шудааст: «Зане, ки фармони шавҳарро иҷро намекунад, бо шавҳар фоидаю зарарро тақсим намекунад, набояд зан ҳисобида шавад, ҳаққо ки ӯ бадтар аз ҳама гуна душман аст» [16, 50]. «Аз авлоди худ зан гиред, то қабилаю хонаводаатон идома ёбад. Зеро ошуфтагию изтироб, қаҳру ғазаб ва зиёну зарар ба офаридаҳои Ҳурмуз ба дараҷаи бештар ҳамон вақт буд, ки духтарони худро ба бегонагон дода, бегонагонро ба бачаҳои худ хостгорӣ намудаанд, ҳамин тавр оилаҳо вайрон шуданд» [90, 97]. Ё дар нисбати занҳо ин гуна андешаҳо низ гуфта шудааст: «Бо умеди занон нашавед, то ки шуморо шарму пушаймонӣ гирифтор нашавад. Ба занон сирреро бовар накунед, то ки заҳмати Шумо зоеъ наравад» [90, 99]. Инчунин нисбат ба мардони ҷоҳилу бераҳм низ таъкид мегардад «Кӣ азобу азияти зиёдеро мерасонад? Шавҳари даҳшатангез ва кӯдакони кулфатдидаю ҷафокашида» [88, 91].

Таълимоти зардуштӣ барои инсон оини ақлгароиро таъйин мекунад: «Ман ба ту мегӯям, писарам. Ақли солим барои одамон манфиате дорад. Худо накарда, агар боигарӣ раваду чорпоён бимиранд, аммо ақл боқӣ хоҳад монд» [15, 80]. «Ва ба ту мегӯям, писарам, барои одамон аз ҳама чиз дида, ақл муфидтар аст» [15, 82]. Ақлро бояд аз ҳавасҳои паст эҳтиёт кард. Ақл нисбӣ будани накӯӣ ва

бадиро дар назар дошта, таносуби онҳоро муайян мекунад. Дар «Пандҳои Вехзада Фаррох Пероз» мо чунин андешаҳоро пайдо мекунем: «Ман озмудам, ки Ақл беҳтарин ғановати маънавист. Ва он чизе, ки ба аъмоли ҷаҳон дахл дорад – ҳама ба тақсимоти бохирадона қарор дорад. Он касе, ки ақли комил дорад, ба ӯ ҳамеша осон аст, он касе ки беақл аст, ҳамеша ба ӯ мушкил аст. Ду нафаре ҳастанд, ки аз кори хеш бепарвою осудаанд: яке аз онҳо нуқтасанҷу зирак ва дигаре онест, ки беақлу аҳмақ аст. Зираку боақл - аз ақле, ки ӯ соҳиб аст, аммо беақлу нодон аз фаросате, ки ӯ дар ҳувияти хеш надорад [16, 82]. Ё ин ки: «Хушбахтӣ ва ёрмандӣ аз ақл. Зеро ки инсонро ба мартабаи баланд ақл пеш бурда, ӯро аз фалокату бадбахтии ниҳоӣ ақл наҷот медиҳад. Ақл – ҳимоятгар ва муҳофизи рӯҳ, ақл –наҷотдиҳанда ва ёридиҳандаи ҷисм аст. Ақл дар боигарию сарват беҳтар буда, дар камбизоатию нодорӣ чизи аз ҳама боэътимод – ақл аст. Дар ин олам беҳтарин кумакрасон – ақл аст ва дар он олам барои дастгирӣ ақл боэътимодтар аст. Силоҳ ба шарофати ақл бештар неруманд хоҳад буд. Ороиши ном – бар асари ақл аст. Саховатмандию олиҳимматӣ ба туфайли ақл ёрии бештаре хоҳад дод. Воситае, ки оиларо зеб медиҳад, ба ақл асос ёфтааст. Итминон ва боварӣ дар дин, муътақид будан ба ҳама чиз ба шарофати ақл аст. Дониши шоёни таҳсин ба туфайли ақл мебошад. Одами оқил дониш кишт мекунад. «Пурсиданд: «Кишт кардани ақл чӣ маъно дорад?» Гуфт: «Кишт кардани ақл – ин омӯзонидан, сухани ақл – фармонбардорӣ, ҳосили он – қобилияти ҳаллу фасл сохтан» [89, 84].

Дар аксиосфераи зардуштӣ эътидол мақоми муҳим дошта, тавассути ақл аёну равшан аст, дониш ба шарофати ақл бештар амалӣ мегардад. Зеро ҳар соҳибақл соҳибмалака аст. Ва ҳар нафере, ки боақл аст, соҳибнеъман аст ва ҳар касе, ки корҳояш хуб амалӣ мешаванд, бунёди онро бо ақл поягузорӣ кардааст» [16, 83]. Баъдан, дар рӯҳияи

ҳамон зарбулмасале, ки имрӯзҳо хело оммафаҳм шудааст: «Тасаввур кун, ки оилаи ту осудаҳол аст, вақте ту мемирӣ, ин осудаҳолӣ аз ту ҷудо мешавад, ба ту аз ин боигарӣ чӣ манфиате ҳаст? Чӣ фоидае ба шавҳар аз маблағҳои ҳарисона ғункардааш, ки он хазинаи калонеро барои занаш ҷамъ овардааст… Оқил дар аввал инро мебинад, нодон бошад дар охир» [15, 52].

Эътирофи аҳамияти ақл ба эътирофи арзиши омӯхтан мебарад, хусусан омӯзондани писар, ки барои ӯ мактаб ҳанӯз дар кӯдакӣ чун рӯшноӣ дар чашмон аст: … дониш - кайфияту лаззати бештаре аст, аммо умеди бузурге дар олами осмон (мавҷудияти охират) хоҳад буд [16, 52]. Лозим аст, ки дар рӯзи махсус Хвар тифлашро ба мактаб бибарад, то ӯ босаводу оқил шавад. Дар «Андарзи Адурбади Маҳраспандан» дастур дода мешавад, ки зану фарзандони хешро бе дониш нагузор, то туро ғуссаю андуҳ ва ғами вазнине наояд ва ту пушаймон нашавӣ.

Барои ахлоқи бостонии форс алтруизм (ғамхории беғаразона) шинос аст ва дар Пандҳои Бохтафрид (Бахтафрӯз) мо амрномаеро пайдо мекунем, ки ба хотири накӯкорӣ, ба хештан гирифтани вазниниҳоро талқин мекунад [89, 85]. Аксиосфераи анъанаи тоисломӣ оламро ба ду соҳа – маънавӣ-рӯҳонӣ (меног) ва заминӣ-ҷисмонию моддӣ (гетиг) ҷудо мекунад, ки дар ин анъана олами рӯҳонӣ воқеӣ буда, олами ҷисмонию моддӣ ғайривоқеист. Ҳамин тавр, дар хусуси тақсими чизҳои заминӣ дар ҳикматҳои Бохтафрид мо мебинем: «…ашёи ин олам ба 25 ҷузъ тақсим мешавад: 5-тои он ба мард ба туфайли сарнавишт дода мешавад, 5-тои онро амалҳо, 5-тои онро табиат ва 5-тои он вобаста ба хислати ӯст ва боз 5-тои дигар ба ӯ меросӣ мегузарад. Ҳаёт, занон, кӯдакон, ҳокимият ва боигарӣ аз тақдир вобастагӣ дорад. Мутааллиқ ба табақа – коҳин, низомӣ, заминдор, накӯкорӣ ва бадкирдорӣ мувофиқ ба корҳои инсон муайян

мешавад. Ба назди зан рафтан, меҳнат, хӯрок хӯрдан, ҳаракат кардан ва хоб рафтан аз ҳувияти табиӣ бармеояд. Муҳаббат, шарафу номус, саховаткорӣ, ҳақиқатҷӯйӣ ва хоксорӣ аз хислат вобаста буда, бадан, зебоӣ, ақл, хотира ва қувва – ирсӣ аст» [47, 85]. Байни олами моддӣ ва олами рӯҳонӣ мувозинат мавҷуд аст: инсон наметавонад дар дорулфано ва дорулбақо ду маротиба мукофотонида шавад ё ҷазо бигирад.

Доир ба заминаҳои ташаккули антропоаксиология дар афкори ахлоқии тоҷик муҳокима ронда, дар бораи марҳилаи эллинистӣ, ки бар асари истилои юнониҳо ба тамоми Осиёи Марказӣ паҳн гашта бо афкори буддоиву зардутӣ махлуту омехта гардид, набояд фаромӯш сохт. Чуноне ки муҳаққиқон зикр мекунанд, инкишофи минбаъдаи фарҳанги юнонӣ дар шароити ғасби васеи юнонӣ ба амал омад, ки ба таърих бо мафҳуми «мустамликагардонии Бузург» ворид шудааст [135, 16].

Сухан дар бораи миёнаҳои қарни VIII – охири қарни VI пеш аз милод меравад, ки юнониҳо дар заминҳои навистилошуда ба сифати муайянсозандаи тамаддуни махсуси типи антиқа, ки таърихи инкишофи он бо Шарқ омехта шудааст, нақш бозиданд. Юнон ҳамчун мамлакате, ки дар инкишофи тамаддун ба ҳадди гулгулшукуфӣ мерасад, дар тараққиёти худ нисбат ба кишварҳои Осиёи Наздик пеш рафта буд. Дар натиҷаи он таҷдиди назари низоми арзишҳои анъанавӣ ба вуқуъ пайваст. Дар ин маврид барои аксиосфераи атиқа берун шудан аз марзи ҳавзаи Эгей ҳамчун иқдоми далеронае баҳогузорӣ мешавад. Ин раванди гуногунтасрифи таърихӣ сабабгори синтези фалсафаи эллинӣ бо афкори эронӣ гардид, ки дар ботини он эллинизм баробариеро, ки зардуштияи мутараққӣ эълон дошта буд, меъёри ҷудо намудани «худию бегона» аз рӯйи принсипи мансубияти шаҳрвандӣ ё этникиро бекор карда, принсипи нав - принсипи антропоаксиологии

мансубият ба «Хайр» ва «Шарр» ба миён оварда интишор намуд [135, 41].

Дар аксиосфераи ҷадид таҷдиди назари масъалаи саодат ё хушбахтӣ ба назар мерасад, ки мисли арзиши динӣ зуҳур карда на ба фаровонии моддӣ, балки ба эътиқод тааллуқ дошт. Кадом инсон хушбахтар аст? Ҳамоне, ки камтар гуноҳ дорад [88, 87]. Кӣ бадбахтар аст? Гунаҳкори диндор [88, 90]. Ё ин ки «Бадбахтии аз ҳама зиёд чист? Иттифоқ бо одамони бад ва аҳмақ» [88, 93].

Дар антропоаксиологияи ин давра одами хушбахт бо чунин самтҳо зоҳир мешавад: оне ки дар бораи меҳнат, тақводорӣ ва шаъну эътибор ғамхорӣ мекунад, ба хотири неруманд шудан ба парҳезкорию порсоӣ мекӯшад, дар бораи корҳои нек орзу мекунад, шаҳватро заиф сохта, аз андешааш дур мекунад, майлу ҳавас ва бемориҳои шаҳвонию ҷисмониро аз худ меронад, аз рафторҳои бачагона эҳтиёт мекунад, манфиат ва зарари худро мефаҳмад, худро барои дарёфти номи нек, шараф ва маълумот мебахшад, медонад, ки аз офаридани одамон ба Ҳурмуз чӣ манфиате хоҳад дод, чӣ гуна зиннате аз меҳнати накӯкорона ба олам аст, чӣ гуна неру пайдо кард, барои чӣ худро ситоиш мекунанд ва хешро маъқул меҳисобанд. Одами хушбахт ҳамонест, ки медонад – дониш ва ақл чист, чӣ тавр инсон набояд дар миёни онҳое бошад, ки ба сӯяшон таърифу ситоиши парҳезкорон нигаронида шудааст [91, 100-101]. саодати инсон ҳам ба парҳезкорию тақводорӣ, ҳам бо зиндагии неку хушӣ пайваст аст, яъне ҳам моҳияти заминӣ ва ҳам осмонӣ дорад. Пас, инсони хушбахт ҳамонест, ки зоҳиду порсо буда, аз навоқис ва камбудӣ озод аст, онест, ки метавонад бо одамон мисли бародар ва баробарона муроҷиат кунад, он аст, ки мекӯшад хушбахтиро аз худоён ва шарофатмандиро аз дӯстон пайдо кунад, яъне ҳамоне аст, ки ном ва шавкату ҳашамат, инчунин хонаю оила дорад.

Якумин панд аз даҳ аҳком барои коҳинон дар чанд ҳикматҳои Адурбад, писари Маҳраспанд, ёддошти неке аз роҳбар, устод ва ҳаками маънавии худ мебошад. Дар аҳкоми сеюм гуфта мешавад, ки ҳеҷ гоҳ нисбат ба устоди худ бадгӯйӣ накунед. Аҳкоми чаҳорум тақозо дорад, ки донише, ки аз устод гирифтаед, ба дигарон бирасонед [89, 97-98]. Тасаввуроти зардуштия дар бораи адолат ва аҷру подош барои ташаккули чунин тасаввурот дар бисёре аз фарҳангҳои ҳамсарҳад асос шудааст. Рӯҳ барои амалҳои заминиаш дар ҷойи муайяне аз ҷониби се ҳакам мавриди мурофиа қарор мегирад. Накӯкории рӯҳ дар тарозуи махсус баркашида мешаванд, Корҳои нек инсонро ба сӯйи биҳишт мебаранд ва ҳар бадкирдорие бояд худро бишӯяд. Инсоне, ки бадкориҳо ва гуноҳҳои зиёде кардааст, ба дасти девон дода мешавад ва онҳо ӯро ба сӯйи дӯзах барои ҷуброни гуноҳҳояш мебаранд. Дӯзах мустақиман дар ҷойи махсусе қарор дорад. Баъд аз тоза шудан, рӯҳ ҳуқуқ пайдо мекунад ба сари пуле бираванд, ки аз сари нав ба тарозӯ гуноҳҳои ӯро тарзе мекашанд. Зимни афзалияти гуноҳҳо пул танг ва зимни кам будани гуноҳҳо васеъ мешавад.

Зардуштия аллакай ба дини тавҳидӣ наздик мешавад, зеро ки Ҳурмуз худованди асосӣ буда, атрофи ӯ маъбади худоён ҷамъ омадаанд. Меҳр чун худованди ин маъбад дар мурофиа бар рӯҳи мурдагон иштирок намуда, паёми Ҳурмузро ҳамчун паёмовари худованд ба инсон мерасонад. Ҳом – худованди солимӣ ва осудагӣ, дурсозандаи тарси марг, дарозкунандаи умр ва дур сохтани марг, Боди Хайр, инчунин худои пирӯзӣ Вараҳран, ки ба Срошу, барои рӯҳи порсоро ба биҳишт бурдан кумак мекунад, вақте ки Боди Шарр ба деви марг Аствиҳад кумак мекунад то деви Хешму рӯҳи инсонро медуздад.

Яке аз арзишҳои муҳимми замони тоисломӣ ин мафҳуми сипосгузорӣ барои неъматҳои додашуда аст. Маслиҳати асосии

рӯзгордорӣ дар пандҳои Одурбод, писари Маҳроспандон ин сипосгузорӣ ба тақдир ба хотири омадани фалокати фиристода аст, ки шаш тарзи тасаллиятро баён мекунад: миннатдорӣ маҳз барои ҳамин офат, на офати аз ин ҳам бадтар, фалокате, ки ба ҷисм расидааст, на ба рӯҳ, сипосгузорӣ барои он ки як офати таъйиншударо паси сар кардааст, миннатдорӣ ба он хотир ки офати мазкур маҳз ҳамин одамро гирифтор шудааст – ҳамчун тасдиқи устувории рӯҳи ӯ, сипосгузорӣ барои он ки ин офат ба фарзандонаш нарасидааст, шукргузорӣ ба он хотир ки шумораи умумии офатҳо кам шудааст ва аз ин офат инсони неке дур мондааст. Ин тавзеҳи шукронаи тақдир, ки Даруги хунсандиг – «Дармони қаноатмандӣ» [45, 18] дар шакли панду андарзҳо дар фарҳанги тоҷикон бо сухани «шукр» ифода меёбад ва то имрӯз фаъолона истифода мегардад. Дар зардуштияи баъдӣ таъсири равияҳои динӣ ва фикрӣ, ба мисли Монавия ва Зурвония, ки ба онҳо фатализм хос ҳастанд, эҳсос мегардад.

Паҳншавии низоми нави арзишҳои эллинизм, мисли таълимот дар бораи зиддиятҳо ва адолати кайҳонӣ, метавонад дар зери таъсири равандҳои иҷтимоии дохилии ҷомеаи юнонӣ пайдо шуда бошад. Низоми арзишҳои намояндагони мактаби Милет, чун мактаби ашрофию асилзодагӣ дар худ низоми арзишҳои демократияи шаҳр-полисро ифода мекард. Принсипи баробарии демократӣ бо Шарқ маънои кайҳоншиносии баробарӣ ҳамчун мувозинатро қабул дорад. Барои мисол метавон ба таҷдиди таълимоти Анаксимандр муроҷиат кард, ки ҷузъҳои таркибии оламро таркибсозанда, ин неруҳои баробар қароргирифтаи мувозӣ ҳастанд; инҳо моҳиятан заминӣ буда, он ҷо кайҳон иштирок надорад; Анаксимандр оламро дар ҳолати худтанзимшавандаи мувозӣ мебинад, ки он ҷо адолати кайҳонӣ ҳукмфармо аст. Тартиботи иҷтимоӣ, адолат оламро мувозию баробар месозад [135, 58].

Дар замони эллинизм барои умумӣ шудани арзишҳо замина эҷод мегардад ва назарияи арзишҳо хусусияти илмиро соҳиб мешаванд. Чуноне ки Ф.С. Старр боадолатона таъкид мекунад: «Дар муқоиса ба худозани юнонии ҳикмат Афина (воқеан, дар Осиёи Марказӣ низ ситоишкунандагони худро дошт) ин марҳилаи тараққиёти фарҳангӣ пурра аз сари Зевс ташаккул наёфтааст. Ин марҳила аз сарзамини қадим, вале тараққикарда, ки қарнҳо иқтисоди пешраванда ва ҳаёти пурғановати зеҳнӣ дошт, маншаъ гирифтааст [106, 49].

Давлати юнонии эллинистӣ, ки дар Осиёи Марказӣ камтар аз ду қарн мавҷуд буд, аз байн рафт. Соли 129-и замони мо, баъд аз он ки ба хотири ҳимоят ёфтан аз кӯчманчиён ба хитоиҳо рӯ овард, фано ёфт [106, 80]. Ба муҳити фарҳангии пурнеъмат афкори форсӣ омад, ки бо таъсири он инкишофи баъдии кайҳоншиносӣ ва онтология сурат мегирад. Аз ҷумла, ба тасаввурот дар бораи ҷойгиршаваии ҷирмҳои осмонӣ, тавзеҳи замони бекарон, шарҳи ситораҳои осмон ҳамчун ҳалқаҳои оташин, тасаввурот дар бораи замини беҳаракат, ки дар маркази кайҳон овезон аст. Далеле равшан мешавад, ки Осиёи Марказӣ чи дар соҳаи ҳаёти дунявӣ ва чи дар соҳаи динӣ, сарвати бойи фарҳангӣ ва зеҳнӣ доштааст [106, 40].

Гузаштан ба фарҳанги тавҳидии исломӣ низ дар заминаи бойи анъанаи фарҳангӣ сурат гирифт, ки бо фишори арзишҳои нав ин анъанаҳо ноилоҷ дигаргун шуданд. Давраи дурударози исломшавию исломгарой дар муҳити анъанаҳои гуногуни зеҳние сурат гирифт, ки паҳлуи ҳам то соли 1000 ва баъди он ҳам инкишоф ёфтанд. Дар ин қаламрави васеи ҷуғрофӣ, хронологию фарҳангӣ арзишҳои бунёдии ҳастӣ ва маънавиёт эҷод шуда, дер гоҳ сабзиш ёфтаанд ва то имрӯз зиндаю фаъол ҳастанд. Дарки он ки онҳо дар сарзамини қадим зиндагӣ карда, ғурури бузургманишӣ доранд, эҳсоси он ки гузаштаи муҳиммеро соҳибанд, инчунин сабақҳои имрӯз фарогир ба тоҷикон

имкон медиҳад, ки арзишҳои наверо эҷод намуда, ба саволҳои зарурию мубрами замони муосир ҷавоб ёбанд. Тоҷикон ҳамеша дар иҳотаи дӯстону душманони бадхӯ қарор гирифта, ба истилогарон муқобилият нишон додаанд. Ин ҳолат имкон додааст, то бо қобилияти ҳунармандона навовариҳои муфидро ҷустаю интихоб кунанд [106, 90]. Чизеро ки аз дигарон фаҳмидаанд, бемулоҳизаю кӯркӯрона қабул накарда, балки эҷодкорона ба он муносибат кунанд. Доир ба сатҳи баланди маълумоти тоҷикон, ки аз доираи тиҷорату танзими ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ фавқулода боло аст, мушоҳидаҳои сайёҳоне, ки то омадани арабҳо ба Осиёи Марказӣ меомаданд, шаҳодат медиҳад. Савдогарони чинӣ ва бозаргонони дигар, ки ба Самарқанди тоисломӣ меомаданд, зикр мекунанд, ки ин ҷо ҳама кӯдакон ба хотири тоҷир шудан тарбият дода мешаванд ва ин ҳунарро ҳатман то бистсолагӣ меомӯзанд [36, 38]. Тарзи прагматикии ақл, ки хоси тоҷирон ва фарҳанги тоҷикон аст, онҳоро барои интихоби мазҳаби ҳанафӣ раҳнамоӣ кардааст, зеро ин мазҳаб аз рӯйи чанд роҳу равиши амалӣ дар нисбати ҳаёти рӯзмарра фарқ дошта, қоида ва меъёрҳои мавҷударо пазируфтааст. Ин ҳолатро Ричард Фрай «секуляризатсияи тиҷоратӣ» меномад. Манбаъҳои чинӣ доир ба мавҷуд будани маҷмуаи хаттии қонунҳои Суғдиён дар яке аз маъбадҳо навишта, мактубҳои кӯҳи Муғ бошанд, ба аҳамият додани суғдиён ба саводи техникӣ ва умуман ба дониш ишора мекунанд. Ҳар яке аз соҳаҳои истеҳсолот ва ҳунармандӣ ба заминаи устувори донишҳо доир ба металлургия, саноати кӯҳкоркунӣ, геология, химия, гидрогеология такя мекарданд [106, 94].

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои ташаккули арзишҳоро дар бораи инсон баррасӣ намуда, мо дар мактабҳои фалсафии Шарқ ба таъсири амудӣ ва уфуқӣ таваҷҷуҳ намуда, чанд марҳилаю чанд амвоҷро дар ин раванд муайян намудем. Аз Дунёи бостон оғоз карда, мушкилоти

инсон ба доираи таъсири фарҳангу тамаддунҳое афтод, ки дар ҳамсоягии хронологӣ (марҳилаи таърихӣ) ва ҷуғрофӣ қарор доштанд, инчунин дар заминаи қабати бузурги тамаддуни ориёӣ ки беҳад бузургу устувор буд, қомат афрӯхт ва асороти он душвориҳои таърихро паси сар карда, то ба замони мо расид.

Дар фарҳанг ва хотираи таърихии халқ нигоҳ дошта шуда, ин арзишҳо ба ташаккули таркиботи арзишҳои имрӯза мусоидат намуд, ки он ҷо инсон мавҷудест: оқилу озод, маънаван инкишофёфта, ҳадафкорона таълимгирифта, ба манфиати тамаддун дониши худро истифода намуда, ба сӯи сохтмони ҷомеаи тараққикунандаи хеш сафарбар гаштааст.

## 1.2. Масъалаҳои арзишҳои инсонӣ дар афкори ахлоқии асримиёнагӣ ва ирфон

Инсон дар маҷрои беихтиёронаи зеҳнии асримиёнагӣ маркази олам, маъно ва мақсади ниҳоии он аст. Ин қазияро тамоми равияҳо ва анъанаи фикрии халқи тоҷик бидуни истисно пазируфтаанд ва кӯшиш мекунанд, ҳаққонияти онро исбот созанд. Инсон фарҳанг ва тамаддунҳоро эҷод кардааст, ки дар худ тамоми раванди инкишофи таърихии ҷомеаи инсониро инъикос намудааст. Фарҳанги ҷомеаи асримиёнагӣ ҷиҳатҳои гуманистиро касб карда, таълимотро дар бораи инсон инкишоф дода, бунёди моҳиятии тарбия, хирад, андешаҳо ва саъю кӯшиши наҷиб ва ифтихории ӯро таҷассум кардааст.

Воқеан, «ҳар як фарҳанг, ки мағзу маҳаки тамаддунро ташкил медиҳад, танҳо ҳамон арзишҳоеро доро аст, ки хоси ҳамин фарҳанг буда, мавҷуд будани ӯ чун дониш ҳамчун субъекти фарҳанг на танҳо инкишофи тамаддуни «маҳдуди минтақавӣ»-ро, балки умуман

муттасилӣ ва назму тартиби инкишофи илми ҷаҳонӣ ва фарҳангро дар ҳазорсолаи баъдӣ муайян мекунад» [105, 4].

Фарҳанг барои фаъолияти махсуси эҷодкоронаи одамон дар роҳи офариниш, такомул ва ҳифзи арзишҳои моддию маънавӣ шароит муҳайё мекунад. Ин арзишҳо хусусияти умумиинсонӣ пайдо карда, ҳамзамон, аҳамияти миллӣ-этникии худро нигоҳ медоранд.

Бунёди идеологии ахлоқ ва фарҳанги асримиёнагиро ислом ташкил медиҳад. Пайғамбари ислом, баъди ба даст овардани қудрати сиёсӣ, даъват намуд, ки одамон худро ба иродаи худовандӣ бахшида, яккахудоиро бишносанд ва меъёрҳои ҳукмкардаи худовандро, ки ба қатори онҳо мубориза ба зидди судхӯрӣ, риояи софдилию росткорӣ дар тиҷорат ва адолат нисбат ба фақирону камбағалон дохил аст, нигаҳбон бошанд. Ин меъёрҳо арзишҳои асосии асримиёнагӣ гашта, дар ин ё он шиддат ба давраҳои баъдӣ гузашта, ба шакли миллӣ ва универсалӣ дигаргун шуданд. Ҷамъияти навташкилшудаи исломӣ бо суръати баланд васеъ шуда, ба масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва давлатӣ рӯ ба рӯ шуд, ки ҳалли он сабаби тағйирёбии арзишҳо гашт. Исломгардонии ҳудудҳои истилошуда, арабикунонии фарҳанги маҳаллӣ асоси инкишофи тамаддуни мусулмонӣ шуд. Дар коркард ва таҳияи арзишҳо ва оини исломӣ, дар бойшавии фарҳанги исломӣ тоҷикон (форсҳо), юнониҳо, туркҳо ва дигар қавму миллатҳо иштироки фаъол доштанд [29, 198].

Моҳияти ҷаҳонбинии фарҳанги исломӣ ба як қатор муқаррароти муҳимми принсипиалӣ дар бораи инсон ҳамчун мавҷуди интихобшуда, ки Худованд ҳадафнок, бо унвони муҳаббат ӯро офаридааст, бунёд ёфтааст. Оллоҳ инсонро баъди фариштаҳо ва деву парӣ офарида, шакли аввалияи онро ба сурати Одам сохта, ба муҳокимаи фариштаҳо, сипас ба ҷуфти ӯ – Ҳаво, пешниҳод мекунад. Фариштаҳо аз офаридаи Оллоҳ мафтун мешаванд, ба ҷуз Иблис, ки ба ҳадафнок будани

ибодати махлуқҳои аз оташ ва аз гил сохташуда, шак меорад. Иблиси лаънатшуда ба сурати фариштаи бадкирдори афтода ҳукм шуд, то ки абадан инсонро аз роҳи ҳақиқат гумроҳ созад. Дар ислом ҳаёти инсон ба ду давра тақсим мешавад: заминӣ – фиребандаю муваққатӣ ва осмонӣ – абадию ҳақиқӣ. Чуноне ки дар Қуръон навишта шудааст: «Ҳаёти заминӣ танҳо бозӣ ва дилхушӣ; маскани охират барои онҳое, ки худотарс ҳастанд» [66, 32].

Фарҳанги исломӣ умуман баробарии тамоми мусулмононро дар пеши Оллоҳ таъкид намуда, ҳуқуқи ҳар муъмин аст ба ҳукми одилона ва наҷот умедвор бошад. Дар ин эътиқод идеяи қазову қадар – қаблан муайян шудани рафтори инсонӣ меравад, ки дар бораи ҳамаи он Оллоҳ медонад. Аз ин рӯ, дар он арзишҳои асосӣ арзишҳои дини ислом ҳастанд.

Фалсафаи асримиёнагии мусулмонӣ ба модели афкори юнонӣ майл мекунад. Афлотун, яке ҳимоятшавандагон дар фалсафаи асримиёнагӣ ба таври намунаю лозима пазируфта мешавад, дар ҳоле ки фалсафаи Арасту бештар ба тафаккури Шарқ наздик аст. Аҷиб аст, аммо ба назар мерасад, ки андешаи Юнони бостон, махсусан фалсафаи Афлотун, Арасту ва Плотин ба ҳама равияҳои зеҳнии фалсафаи асримиёнагӣ таъсир расонидааст. Пайравони Арастуро аҳли фалосифа-файласуфон меномиданд, ки мундариҷаи асосии андешаи онҳо идеяи воҳидияти ҳастӣ, абадияти олам ва беоғоз будани он аст, ки қонунҳои ҳастӣ тобеи онанд. Фалсафаи Шарқ ба ҳаёти заминӣ нигаронида шуда [28, 212], ба инкишофи илмии соҳаҳои дониш дар самти омӯзиши табиат, ҳайвон, инсон, минералҳо, обу ҳаво, баҳру уқёнусҳо, кӯҳҳо, ҷирмҳои осмонӣ ва ғ. алоқаманд буд.

Дар мағзи фалсафаи Шарқ метод ва методологияҳои миқдоран зиёди илмӣ, ки ба кашфи ҳақиқат пайванд буданд, таҳия шуда, равиши

ақлоният, оини ақлгароӣ ҳамчун меъёри ҳақиқат, мантиқ ба сифати олоти ба даст овардан ва бунёди он тасдиқ мегардад.

Дар ин давра як гурӯҳи калони олимон – ал-Форобӣ, ал-Хоразмӣ, ал-Хуҷандӣ, ал-Фарғонӣ, Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино, Ибни Рушд, ал-Берунӣ, Баҳманёр ва дигарон зиндагӣ ва эҷод кардаанд, ки саҳми бузургро дар инкишофи афкори илмию фалсафӣ гузоштаанд.

Дар байни равияҳои зеҳнии фалсафаи асримиёнагии Шарқ калом яке аз ҷараёнҳоест, ки барои эҷод кардани низоми арзишҳо таъсири калон дошт. Фалсафаи калом дар худ маҷмуи дастурамал, ақида, идея, мулоҳиза ва маърифатҳоро фаро гирифтааст, ки дар масъалагузориҳои хаттию шифоҳии исломӣ таҳлили амиқ мегарданд.

Усули исломии шарҳи ҳастӣ ба монизм ва ташреҳи монистии раванди таърихӣ бунёд меёбад, ки мувофиқи он ҷомеаи инсонӣ тибқи қонунҳои умумӣ ва маҷрои воҳиде инкишоф ёфтааст, ки муносибатҳои дохилии моддию маънавиро алоқаманд месозад. Вобаста ба афкори исломӣ дин дар табиат ва генетикаи инсон хуфта ва аз он ҷудо нест [66, 30:30].

Аз мавқеи ислом Офаридагор инсонро қобил ва лоиқу сазовор ба маърифати монотеистии Худованд офаридааст. Инсон дар навбати худ, набояд шаъну эътибори худро дар ҷабҳаи эҳтироми эътиқодҳои дигар паст занад, балки ба ҳамон таъйиноти азалии худ садоқатманд бимонад. Ин пайравию ихлос воқеан ва ҳувиятан эътиқод аст, аммо барои бисёриҳо ин ҳақиқат номаълум аст, то онҳо битавонанд ба он муроҷиат карда, мутобиқи он рафтор кунанд [66, 35:24; 2:213; 7:158; 30:30; 3:19, 83; 39:54].

Эътиқод ва тасаввурот дар бораи мавҷудияти Худо, худошиносӣ ва худопарастӣ ҷузъе аз табиати инсон, сифати ирсии ӯст ва мисли дигар сифатҳои модарзодию ирсӣ, чун хушнудӣ, ғам ва муҳаббат дар табиати инсон ҳузур дошта, аз моҳияти ӯ ҷудо нест.

Мувофиқи таълимоти Имоми Аъзам ва «Фиқҳи акбар» – фиқҳи бузурги ӯ, Худованд аз авлоди инсон дар шакли заррае ба Одам мерос гузошта, дар ақл ва маърифати ӯ ба шакли зарраи хурд онро ҷой намуд. Сипас ӯро объекти даъват сохт ва ӯро амр кард то эътиқод дошта бошад ва ӯро аз хатари бединӣ огоҳ кард. Ҳамагон эътиқоди худро ба он изҳор доштанд, ки ӯ Офаридагор аст ва ин иқрори ҳамон эътиқоде буд, ки одамон бо ҳамин ҳисси ирсии эътиқод тавлид мешаванд [109, 5]. Арзиши аввали ислом ин парастиши Худои ягона аст. Аммо чуноне калом тавзеҳ медиҳад, новобаста ба ҳисси ирсии яккахудой, муҳит, тафаккур ва тақлиду такрор ба ӯ таъсир мерасонанд. Чуноне ки дар ҳадис гуфта шудааст: «Ман кулли бандагони худро бо ҳисси ирсии эътиқод (имон) офаридам, сипас ин хислатҳо ӯро аз имони Ҳақ рӯй тофтанд» [104, 28-65]. Дар ин мавзуъ Пайғамбар низ мегӯяд: «ҳар навтавлидшуда ба дунё бо ҳисси модарзодии имон пайдо мешавад (табиати тоза ин имон ба Худованд аст), сипас волидайнаш ӯро яҳудӣ, масеҳӣ ва ё буддоия мекунанд» [104, 26-58].

Калимаи ислом аз лиҳози этимологӣ маънои итоаткорӣ ва парастишро дорад, ки ба иззату эҳтироми дини ислом тааллуқ дошта, он ҷо Офаридагор тавассути расулони хеш ба одамон мефиристад, зеро принсипҳои имон аз ҳамаи расулон як аст.

Монотеизм, парастиши Воҳид, эътиқоди бошуурона ба Худо ва иҷрои принсипҳои этика барои тамоми динҳои худовандӣ як буда, онҳо бо мурури замон ва зуҳури расулон тағйир наёфтаанд. Онҳо дар баъзе ҷанбаҳо, тавзеҳи баъзе арзишҳо мутобиқи китобҳои муқаддаси худ фарқ мекунанд, ки бо гузашти вақт хусусияти мутазод ва мухолифро касб кардаанд.

Зарурати муҳимму воҷибе дар баёни (ваҳй) худовандӣ ва китобҳои дигари осмонӣ пайдо шуд, ки халқҳоро наҷот дода, ба сӯйи роҳи рост

ҳидоят намуд ва дурӯғро бартараф сохт. Ҳамин тавр, Қуръон фиристода шуд, ки барои маърифати ҳақ аз дурӯғ мусоидат намуд. Офаридагори ҳар миллат пайғамбарро аз ҳисоби ҳамин халқ фиристода, ӯро аз дигарон ҷудо карда, бо паёми худовандӣ ба сӯйи роҳбарии қавму қабила дар роҳи ҳақиқат раҳнамоӣ мекунад [66, 1636. 35, 24.]. Ислом зуҳури ҳама пайғамбаронро пазируфта, онҳоро ҳамчун соҳиби ахлоқи баланд ва ҳикмат ҳисобида, ҳамчун намунаи инсони комил қабул мекунад.

Аз лиҳози назарияи исломӣ эътиқодмандони ислом – умматро мебояд адолатро дар замин устувор сохта, мусулмононро мувazzаф созанд, ки муқобили зулму зӯроварӣ, рафторҳои бешарафона баромад карда, онро аз реша нест кунанд, амри Худовандро доир ба ҳимояи беғаразона ва садоқатмандонаи арзишҳои исломӣ иҷро намоянд. Ислом ҳаргиз ба пайравони худ иҷозат нахоҳад дод, ки пайравони динҳои дигарро аз динҳояшон баргардонанд ва маҷбуран исломро пайравӣ кунанд. Одамон дар парастиши динҳо комилан озоданд, дар дин ҳеҷ як маҷбурсозие нест [66, 2, 255].

Тибқи таълимоти ислом, Офаридагор ба ҳама пайравони худ на мушкилӣ, балки осонӣ мехоҳад, ба беморон ва мусофирон иҷозат медиҳад, ки моҳи Рамазон рӯза нагиранд ва ин корро ба вақти дигар гузоранд [66, 189].

Ислом муносибати сулҳҷӯёна ва оромонаро бо пайравони дини дигар ба ҳайси бунёди ҳамзистӣ боло бардошта, ҳаргиз куштани одамони динҳои дигар ва ҷангро бо эътиқодмандони динҳои дигар ба сабаби фарқияти динию мазҳабӣ иҷозат надода, ба пайравони хеш дастур медиҳад, ки мубоҳисаҳоро бо роҳи музокирот – бар асоси манфиатҳои муштарак ва ҳамкорӣ, ҳал созанд. Агар ғайриисломиҳо ба сулҳ майл дошта, муросоро пешниҳод намоянд, пас мусулмонон бояд таклифи онҳоро пазиранд [66, 61]. Ислом то ба ҳадде майл ба сулҳу

оромӣ дорад, ки мусулмонон бо дидани якдигар «Ассалому алайкум», яъне «сулҳу оромӣ ва хушбахтӣ ба Шумо» гуфта, якдигарро самимона аҳволпурсӣ мекунанд.

Ба мардон ва занони мусулмон дастур дода мешавад, ки ба ғайримусулмоне, ки мехоҳад моҳияти исломро дар ҳудуди зиндагии онҳо биомӯзад, паноҳгоҳ диҳанд ва то вақте, ки ин ҷо меҳмони бесилоҳ қарор дошта, нияти ҷанг ё дасисаю фитнаеро кардан надорад, бехатарии ӯро кафил бошанд. Пайғамбари ислом инро яке аз роҳҳои беҳтарини таблиғи таълимоти исломӣ меҳисобид [104,]. Ин ва ба ҳамин монанд масъалаҳое, ки дар ислом амр шудааст дар илме бо номи калом – сухан, нутқ – илми динӣ муҳокимаю исбот шуда, он ҷо моҳияти Худованд, сифатҳои он бо овардани далелҳо, манобеъ ва ташреҳи он омӯхта мешавад. Онҳое, ки каломро маърифат намудаанд, мутаккалимон номида мешаванд.

Маърифати ислом паси сар намудани чанд марҳиларо дар назар дорад: гузаштан аз тақлид ба ҳақиқати саҳеҳ, раҳнамоӣ ба нафаре, ки мехоҳад дониш биёмӯзад (муршид будан ба мурид), ифшои ҳақ бо роҳи ташреҳ ва тавзеҳи ҳуқуқи талабгорон, маҷбур сохтани рақиб то ӯ далел ва исбот биоварад, ҳифзи дину мазҳаб дар баробари рақибон ба воситаи далелҳои бохирадона, инкишофи илмҳои зарурӣ, зеро калом ин яккахудоӣ – тавҳид, ақоид ва усули динро пайгир аст ва ин аҳком асос ва манбаи илмҳои заруристl, ислоҳу тасҳеҳи эътиқод дар роҳи ҳақнигорӣ ва бозёфти сарои абадӣ ниятдоштагонро раҳнамоӣ кардан.

Арзишҳои асосии калом дар ду марҳила ташаккул ёфтааст – марҳилаи аввал каломи қудамо ном дорад ва бо ёрии далелҳои ақлию исботҳое рушд кардааст, ки фаҳмиши принсипҳои эътиқодро бе истифодаи фалсафа мусоидат мекунад. Марҳилаи дуюм – каломи мутааххирин, каломи пайравонест, ки усулҳои мантиқи фалсафиро истифода мекунанд. Марҳилаи аввал ба нимаи аввали хилофати

Маъмун (820-833) рост омада, марҳилаи дуюм аз интишори фармони Маъмун (827), ки гузаштани хилофатро ба равияи муътазилия инъикос менамояд, оғоз мешавад. Ин давраест, ки ба тарҷумаи осори фалсафии Юнони бостон шуруъ намудаанд, ҳарчанд ин марҳилабандии ягона нест.

Мактабҳои маълуми калом инҳоянд: мотурудия – ба номи асосгузори он Абумансур Муҳаммад Мотурудии Самарқандӣ (соли вафот 944), пайрави устувори Имоми Аъзам Абуҳанифа буда, каломи ӯро тавассути дастгоҳи илмии замони худ тафсир кардааст; ашъария – бо номи асосгузори он Абулҳасан Алӣ ибни Исмоили Ашъарӣ (солҳои зиндагӣ 873-931) пайрав ва шореҳи таълимоти Имом Шофеӣ; қадария – мактаби пайравони Маъбад Ҷуҳонии Басрӣ (соли вафот 699) – аввалин нафаре, ки дар бораи қазову қадар сухан гуфтааст ва баъдҳо бо амри халифа Абдулмалик таслиб (чормех, чорпора) мегардад; ҷабрия – пайравони Ҷаъд ибни Дирҳами Димишқӣ (соли вафот 741) аст, ки мувофиқи андешаи онҳо инсон комилан дар аъмол ба амри Оллоҳ иҷборан қарор дорад ва ба гуноҳҳои кардааш ҳеҷ як масъулияте надорад. Барои эътиқодаш бунёдгузори ин равия, гумон меравад охирин қурбоние буд, ки рӯзи Қурбон баргузор гардидааст, мувофиқи хабари маҷмуи ҳадисҳо ва баъзе муаррихон волии уммавиҳо Холид ал-Каср соли 724 ин корро анҷом додаст; муътазилия – пайравони Восил ибни Ато (699-748) асос гузоштаанд – ин гурӯҳест, ки «муътазил» – ҷудошуда, барои ҳақ будани асосҳои дин, далелҳои ақлиро мутлақ гардонида, дар ояндаҳо сабаби пайдо шудани «миҳне» – инкивизитсия дар замони халифа Маъмун шудааст, ки барои ҷавоби нодуруст додан ба хилқати Қуръон одамонро қатл мекард; қараматиҳо – пайравони Муҳаммад ибни Карама (соли вафот 868-869) ориф ва мубаллиғ, ки таълимоташро дар китоби «Азоб-ул-қабр» таҳия карда, он ҷо дар бораи ҷисмонияти Худованд гуфта мешавад [124, 129]. Ба муқобили

онҳо мактаби Мотурудия баромад мекунад, ки онҳо пайравони сунниҳои Мовароуннаҳр буданд.

Калом мактабҳои сиёсӣ дорад, ки машҳури онҳо Хаворич; Мурҷиа ва Шиа мебошанд.

Айни ҳол, равияҳои воқеии ислом суннӣ ва шиа мебошад, ки боз ҷараёнҳои худро аз қабили ҳанафия, шафеия, моликия, ҳанбалия, исмоилия, зайдия, имомия, исноашария, ваҳҳобия ва ғайра доранд.

Идеологияи диниро муаррифӣ намуда, ин мактабу равияҳо ҳанӯз ягона арзишсозандагон дар раванди фикрии Шарқи асримиёнагӣ набуданд. Дар байни онҳо равияҳои фалсафӣ ва таълимоти ирратсионалие буданд, ки таъсири калон доштанд. Калонтарин равияи шинохта машшоия – перипатетизм, ё ин ки аристотелизми шарқӣ, таълимоти «пайравони модда», фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи исмоилизм, инчунин таълимоти тасаввуф – ирфон ва фалсафа дар ислом мебошанд.

Он чизе ки ба машшоиён дахл дорад, гуфтан мумкин, ҷараёни фикрии мазкур дар фарҳанги асримиёнагии Шарқ ҳамчун ҷараёни нодир буда, фарҳанг ва тамаддунофар аст. Бо кӯшиши намояндагони машҳури машшоия на танҳо ҷанбаҳои муҳимми ҳастӣ – оғоз аз зарраи материя то ҷирмҳои осмонӣ, ҳаракати онҳо шарҳу тавзеҳ ёфтаю омӯхта шуданд, балки афкори илмии ҷаҳониро, ки дар замони Эҳё дар Аврупо инкишоф ёфта, асоси пайдо шудан ва инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ гардид, такони бузурге доданд.

Дар адабиёти фалсафӣ таърихи афкори фалсафии халқи форсу тоҷики ин давра бо фалсафаи араб якҷоя нишон дода шуда, фалсафаи араб ном бурда мешавад. Дар ҳоле ки тоҷикон ва олимони форсизабон анъанаҳои бештари маънавӣ ва фарҳангиеро дар шакли митраизм, зардуштия, монавия ва ғайра таҳия намудаанд, ки манбаи асосии ташаккули афкори нави исломӣ (арабӣ) шуданд [56, 6].

Дар ин марҳилаи таърихӣ ҳокимони минтақавии Хуросон ва Эрон – Тоҳириён, Саффориён, дар Бухоро Сомониён ба сари қудрат омада, барои инкишофи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, илмӣ-фалсафии тамаддуни исломӣ заминаи сазоворро гузоштанд. Он муҳити илмие, ки дар ин минтақаи олами ислом ташаккул ёфт, бешак натиҷаи истифодаи мероси бузурги зеҳнӣ (интеллектуалӣ), озодандешӣ ва хирадгароии тоисломии тоҷикӣ-форсӣ буд, ки низоми нави арзишҳоро офарид. Дар замони салтанати Сомониҳо забони тоҷикӣ-форсӣ мавқеи худро бо эҷоди мероси бузург дар ҳама соҳаҳои фарҳанг ва афкор – аз исломию динӣ то мероси адабӣ, ҳар чи бештар мустаҳакам намуд [68, 116].

Аз ин нуқтаи назар, мо андешаи муҳаққиқони дигарро, ки ин марҳиларо инкишофёфтаю васеъ, умуман фалсафаи ин давраро ҳамчун марҳилаи Эҳёи шарқӣ баҳогузорӣ мекунанд, дастгирӣ мекунем [56, 9].

Хусусияти хоси фаъолияти зеҳнии ин давра, пеш аз ҳама, фаъолияти файласуфони мактабҳои аввалияи Эрон ва Осиёи Марказӣ дар он аст, ки дар қарни аввали паҳншавии ислом ин мактабҳо ҳалқаи пайвандсозандаи тамаддуни нав бо тамаддуни куҳна, миранда (Байнанаҳрайн, Шумер, эронӣ-форсӣ, паҳлавӣ, сосонӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва ғ.) шуданд. Бо ҳамин сабаб, на танҳо хилофати Бағдод, балки фарҳанг, адабиёт ва фалсафаи давраи Сомониён низ як муколамаи фарҳангие ба шумор меравад, ки аввалан дар хатти уфуқӣ – байни қишрҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (бо халқҳо ё табақаҳои дигар) қарор дошт, инчунин ҳузур доштан дар муҳити хатти амудӣ – маънавӣ аст, ки дар робитаи мутақобила бо гузашта (зардуштия, манихеизм (меҳрпарастӣ), буддоия ва ғ.) қарор дорад. Намунаи инро мо дар эҷодиёти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Муҳаммад ал-Хоразмӣ, Абумаҳмуди Хуҷандӣ, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон мебинем [56, 17]. Хусусияти дигари мероси зеҳнии ин давра ба наздикшавии синергетикӣ ва танзими тавҳид бо анъанаи фарҳангӣ,

динӣ ва илмии ин минтақа равона гардидааст. Ин амал ба манфиати маориф буда, намунаи он хидмат кардан ба таълимоти бародарондӯстони материя, фалсафа ва натуралистон бошад. Дӯстони материя масъалаҳои фалсафиро на дар тақлиди юнониёни бостон, балки дар ифшои нуқтаи бо ҳам бархӯрдан бо ислом медиданд, зеро мутафаккирони ин равия аз аввал худро дар муҳокимаронӣ озод ҳис карда, мутаяққин буданд, ки ҳақиқат як буда, фалсафа, илм ва дин мақсади ягонаи маърифати асрори ҳастиро доранд.

Намояндагони машҳури ҷараёни фикрии асҳоби ҳаюло Абулаббоси Эроншаҳрӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Ровандӣ, Ибни Муқаффаъ, Абуҳаёни Тавҳидӣ, Абусулаймони Мантиқӣ [109, 891] паҳнкунандагони (мувассили) гуногунандешӣ, озодфикрӣ ва ҳаллу фаслкунандаи мушкилоти илмӣ-фалсафӣ буданд. Кӯшиши аз мавқеи илмӣ муқоиса намудани ҳастии материя, фазо, вақт, мушкилоти пайғамбарӣ, пешво ва дин бо ҷаҳонбинӣ ва динҳои дигар сабаби пайдоиши рақибони идеологӣ, нобуд сохтани мероси онҳо, таъқиб ва бидъат эълон намудани онҳо мегардад.

Тасаввуроти умумиро доир ба ин равия метавон аз порчаҳои осори Эроншаҳрӣ, аз осори Берунӣ, Носири Хусрав, Абулмаолӣ Алавӣ, Қутбуддини Шерозӣ, дар осори муҳаққиқони муосир Ҳамиди Ҳамид, Муҷтабо Минавӣ, Қақнуси Шарқ ва дигарон [110, 44,46], инчунин метавон дар мероси файласуф ва намояндаи аҳли шаккокия Муҳаммад Закариёи Розӣ пайдо намуд.

Ин гурӯҳи мутафаккирон ба абадияти олам бовар доштанд, ба тарзи дигар гӯем, материалистоне буданд, ки ба оғози ҳама чиз аз материя эътиқод доштанд. Аз байни онҳо Розӣ, зиёдтар материалисти устувор аст, ҳарчанд ки ӯ пайрави Афлотун буданашро дар «Ас-сират-ул-фалсафа» эътироф карда, мавҷудияти Офаридагорро низ қоил буд, аммо назарияи хешро дар бораи офарида шудани олам пешниҳод

мекунад, ки ба эволютсияи материя, гузаштани он аз як шакл ба шакли дигар, гузариш аз сода ба мураккаб, тағйирёбӣ ва такомулшавӣ бунёд ёфтааст.

Ӯ андеша дорад, ки намебояд аз ҳеҷ чиз, кадом чизе пайдо шавад. Дар бораи алоқаи рӯҳ бо материя муҳокима ронда, ноилоҷии рӯҳ ва эҳтиёҷи онро ба материя, ки ба ин дил бастагии рӯҳ бепарвост дида, ӯ ба Худо рӯ меорад. Худованд ин ихлоси фалокатбори рӯҳи беандешаро дида, маҷбур мешавад дахолат намояд ва оламро офарида, ба ӯ камтаре аз хиради худовандӣ медиҳад то ки рӯҳ беандешагии худро дарк ва иштибоҳояшро маърифат созад. Ҳамин тавр, ӯ ба хулосаи афлотунӣ меояд, ки фалсафа ин маърифати худовандӣ аст, ки дар ҳадди қобилияти инсон муяссар мешавад. Зеро ки Худованди мо донову дур аз нодонӣ буда, одил ва дур аз ҳама зӯроварию зулму ситам аст. Ва мо бояд дар сифатҳои хеш ба ӯ монандиро биҷӯем [109, 37,42].

Аз рӯйи маълумоти Берунӣ, ки дар «Қонунҳои Масъудӣ» овардааст, Ровандӣ яке аз аввалинҳо шуда ҳақиқатҳои динҳои китобиро муқоиса менамояд, вале худи ӯ худ пайрави ягон дине, ки худ фикр карда баровarda ва дине, ки даъват мекард, набуд [109, 45,49]. Ровандӣ математик ва ситорашиносест, ки кусуфи Офтобро соли 242/837 пешгӯйӣ намуда, назарияи заминмарказӣ (геосентризм)-и Батлимусро ба шубҳа гузошта буд.

Чунин мавқеи плюрализм барои инкишофи фарҳанг ва тамаддуни нав ниҳоят таъсиргузор буд. Мушобеҳ ба ин мавқеъро метавон дар идеяҳои Эроншаҳрӣ, Закариёи Розӣ, намояндагони «Ихвон-ус-сафо», муътазилия, калом, исмоилия, тасаввуф ва машшоияи шарқӣ низ мушоҳида кард. Бо ин мақсад, чанд мафҳум ва арзишҳои беназире таҳия шуд, ки хоси ҷараёнҳои афкори фалсафии зикршуда буда,

қарнҳои баъдӣ ба андешаҳои фалсафии навэҷодшуда таъсир гузоштааст [56, 18].

Арзишҳои бештар истеъмолшаванда дар соҳаи этика (ахлоқшиносӣ) ҷой доранд, аз ин рӯ, аксиология машшоиёни шарқиро дар мисоли этикаи Мискавейҳ – ягона намояндаи комил ва собитқадами этикаи арастуӣ арзёбӣ мекунем, ки ӯ ҳамин этикаро ба олами Шарқ шинос намудааст.

Абуалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Яъқуби Мискавайҳ (932/936-1030) чуноне Википедия менависад, дар шаҳри Райи Эрони имрӯза таваллуд шуда, дар Исфаҳон вафот кардааст. Муаррихи тоҷику форс, шоир ва файласуф, кимиёгар, табиб, дорушинос ва сиёсатмадор, назариётчии ахлоқшиносӣ, ки дар ҳудуди имрӯзаи Эрон ва Ироқ зиндагӣ карда, ходими давлатии Бувайҳиён, ба ҳайси дафтардори аморати онҳо дар Ироқ фаъолият кардааст [43]. Ӯро «муаллими сеюм» мегуфтанд, зеро ӯ аввалин мусулмоне буд, ки ба таҳқиқоти ахлоқ аз мавқеи илмӣ муносибат намудааст [46, 142]. Унвони баландро ӯ ба хотири саҳми муҳим гузоштанаш дар фалсафа ҳамчун асосгузори илми ахлоқи мусулмонӣ, сазовор шудааст.

Асарҳои таърихии ӯ аз лиҳози объективӣ ва назари илмӣ буданаш дар баёни далелҳои таърихӣ фарқ мекунанд. Мискавейҳ асарҳои худро ба забони арабӣ ва форсӣ навиштааст. Танҳо дар соҳаи ахлоқшиносӣ ӯ чор асар бахшидааст, ки дар иттиҳодияҳои илмӣ хело машҳур шудаанд. Асари муҳимтарини ӯ «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ» (Тарбияи ахлоқ ва поккории реша) баёни муназзами назарияи ахлоқшиносӣ дар анъанаи юнонӣ ба забони арабӣ аст [147, 211].

Ин ҷо чунин арзишҳои ахлоқӣ мисли некӣ, адолат, хушбахтӣ, муҳаббат ва дӯстӣ баррасӣ шудаанд. Мискавейҳ адолатро чунин муайян мекунад: «Адолат чун воситае байни мақсад ва имконият, комилтарин хайру некӣ буда, наздиктарин чизест ба Воҳид». Чуноне

сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ӯ бо Ибни Сино шинос ва ҳамсуҳбат буд, бо Абуҳайёни Тавҳидӣ дӯстӣ дошт ва бо хоҳиши ӯ рисолаи «Рисола фи моҳияти-л-адл» (Рисола дар бораи табиати адл) навиштааст. Таснифи адолат аз нигоҳи Мискавейҳ чунин аст: табиӣ, шартӣ, ки ба амали озод алоқаманд аст ва адолати худовандӣ. Дар таълифоташ ба асарҳои юнониёни қадим, ба мисли «Ҷумҳурият»-и Афлотун, «Категорияҳо» ва «Ахлоқи Никомах»-и Арасту, «Энеадҳо»-и Плотин такя намуда, ӯ адолатро дар алоқамандиаш бо ҳастии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва метафизикӣ ба таври консептуалӣ баррасӣ мекунад.

Дар сарсухан ба тарҷумаи «Таҳзиб-ул-ахлоқ» ба забони форсӣ Алиасғари Ҳалабӣ менависад, ки Мискавейҳ асосан юнониёни қадимро иқтибос оварда, воқифии амиқи худро аз мероси Афлотун, Арасту, Гипократ, Гален, навафлотуниён Плотин ва Порфириус нишон медиҳад. Дар сурате, ки ба ғайр аз ду нафар: Абуусмони Димишқӣ ҳамчун тарҷумон ва файласуфи араб Абуисҳоқи ал-Киндӣ (соли вафоташ 261/883), ки муфассал дар бораи ҳикояҳои ӯ доир ба ғаму ғусса навиштааст, дигар дар бораи ягон файласуфи араб маълумот намедиҳад. Ғайр аз ин, Мискавейҳ иқтибосҳои зиёдеро аз Киндӣ меорад [43, 7].

Мискавейҳ мақсади инсонро ҳамон мақсаде медонад, ки барои ҳосил кардани амалҳои нек майл дорад. «Ахлоқи Никомах»-и Арастуро пайравӣ намуда, Мискавейҳ неккирдориро ҳамчун комилияти ҷузъи ақлонаи рӯҳ тавзеҳ медиҳад, ки ба дигар қисматҳои ҷисм сарварӣ дорад. Таснифи ахлоқшиносии Арастуро пайравӣ намуда, адолатро ҳамчун накӯкории чаҳорум медонад, ки натиҷаи мувозинату ҳамоҳангии сеи дигар: хирадмандӣ, мардонагӣ ва парҳезкорӣ аст. Ба онҳо боз се арзиши дигар: имон, умед ва ишқ ҳамроҳ мешаванд.

Ахлоқшиносӣ – чуноне ки онро Фахри Розӣ дар «Ҷомеъ-ул-улум» муайян мекунад, – ин қобилиятест, ки тавассути амали рӯҳ осон ва бидуни истифодаи фаросат рӯй медиҳад [116, 201]. Аммо арзишшиносӣ ба ҳама амали рӯҳ, агар огоҳона ва агар ноогоҳона ҳам ки бошад, тааллуқ дорад. Ин мафҳумро бисёре аз ахлоқшиносон, мисли Ибни Муқаффаъ дар ахлоқшиносии калон ва хурди худ ва Абулҳасани Мовардӣ дар «Адаб-уд-дунё ва-д-дин» тавзеҳ медиҳанд [43, 35]. Ҳадафи ахлоқшиносӣ ин маърифати илм дар бораи хулқ, омӯзиш ва азхудкунии бунёдии неккирдорӣ аст, то (инсон) нафси худро аз он зиннат диҳад, мисли он ки ба хотири раҳоӣ аз бадкирдорӣ ва покизагии нафс аз он, бадкирдориро низ бояд маърифат намуд [43, 84]. Мискавейҳ доир ба ин мавзуъ дар сарсухани худ навишта, мулоҳизаҳоро атрофи он аз нафс – рӯҳ ва табиати он оғоз мекунад. Дар алоқамандӣ ба ин, ӯ тасдиқ мекунад, ки нафсро метавон тарбия, ислоҳ, беҳтар сохт, фақат барои ин кор мебояд нафсро комилан омӯхт [43, 54].

Воқеан нафс тунуку маҳин, образи ғайриашёии инсон буда, мутобиқи табиати ҷисмонии худ мисли буғ ва ё ҳаво аст. Нафс сабаби ҳаёт ва андешаи ҳамон мавҷудест, ки ҷон дорад. Нафс мустақил ва тақсимнопазир, шуури худ ва иродаи соҳибияти ҷисми худро доро аст. Нафс қобил аст, ҷисмро тарк намуда, дар фазо ҷой иваз кунад. Агар зарурат бошад, нафс (рӯҳ) неруи ҷисмонӣ пайдо мекунад, ҳарчанд бештар ламснашаванда ва диданашаванда аст. Рӯҳ ба одамон афзалан ҳамчун суроб ва шабаҳест, ки аз бадан ҷудост, вале монанд ба он аст. Ба ғайр аз ин, рӯҳ қобил аст, ба ҷисми одамони дигар, ҳайвонҳо ва ҳатто ашё ворид шуда, онҳоро соҳибӣ карда, ба воситаи онҳо амал намояд [31, 104-105].

Тасаввуроти анимистӣ дар бораи рӯҳ ба ду мафҳуми устуворшудаи классикӣ такя мекунад: соя ва нафас. Аммо варианти

дуюми ин тасаввурот бештар паҳн шудааст: рӯҳ ҳамчун нафас. Ин осонтар шарҳ меёбад. Чунки раванди нафаскашӣ дар бораи ҳаёт шоҳидӣ дода, бо тамом шудани нафас, ҳаёт низ ба итмом мерасад. Аз ин рӯ, нафас табиист, ки ба ҳаёт, ба рӯҳ шабоҳат карда мешавад. Аз ин мавқеъ, умумияти семантикии он барои аксари забонҳо характернок аст. Масалан, дар забони Юнонии бостон «психа ва пневма», дар лотинӣ «анима ва спиритус», дар славянӣ «дух, душа, дыхание», дар тоҷикию форсӣ «нафс, ҷон, рӯҳ» ва ғ.

Чуноне М.Исоев қайд мекунад, Мискавейҳ таҳлили масъалаи рӯҳро дар фасли аввал, таҳлили хулқ, озодӣ, ирода, нақши тарбия ва комилияти ахлоқиро дар фасли дуюм, масъалаҳои хайру некӣ ва хушбахтиро дар фасли сеюм, моҳияти адл, ишқ, дӯстиро дар фасли чаҳоруму панҷуми «Таҳзиб»-и худ бахшидааст. Баъдан, дар фасли шашум сухан дар бораи тибби рӯҳӣ ва ислоҳи рӯҳ меравад [53, 12].

Мискавейҳ дар таърифи рӯҳ қайд мекунад, ки рӯҳ на ҷисм, на ҷузъе аз он буда, араз (аксиденсия) низ нест. Андешаи худро ривоҷ дода, муқоисаи онро дар андешаи аҳли калом мебинем, ки мувофиқи андешаи онҳо рӯҳ на ҷисм, на ҷузъе аз ҷисм буда, иддао доранд, ки рӯҳ (нафс) ба пайдоиши худ ба неруи ҷисмонӣ эҳтиёҷ надошта, балки иборат аст аз ҷавҳари (субстансияи) сабук, ки ҳеҷ сифате надорад, аммо қобил аст ҳама чизро дарк намуда, аз ин кор хастагӣ надошта, балки сабаби ин худи ӯ бошад (Мискавейҳ дар тавзеҳи нафс таъкид мекунад, ки дар мо чизе ҳаст, ки он на ҷисму на ҷузъе аз ҷисм ва араз аст. Дар ҳолати мавҷудияти худ ба ягон қувваи ҷисмие муҳтоҷ нест. Балки он ҷавҳари ғайримахсусест, ки бо ҳиссҳо дарк намешавад (109, 507).

Гап сари он аст, менависад Мискавейҳ, – ҳар ашёро шакле хосе аст, зеро шакли дигаре наметавонад шакли аввалаи худро маърифат созад, магар ин ки танҳо ӯро тарк кунад. Доир ба ин матлаб ӯ чунин

мисол меорад: «агар ягон ашё ба худ шакли секунҷаро раво бинад, пас ӯ наметавонад, ҳамзамон, мураббаъ ва ё доира бошад, танҳо метавонад агар аз секунҷагии аввалаи худ даст кашад. Агар он шакли дигаре ҳам дошта бошад, пас ин маънои онро дорад, ки ӯ аз шакли аввалаи худ ба пуррагӣ даст кашидааст ва дар ӯ ду шакл омехта шудаанд, мисли нақши муҳр дар мумест, ки ба ангуштарӣ гузошта шудааст. Аммо рӯҳи худро тавре дармеёбем, ки он ҷо шаклҳои тамоми чизҳои дидашаванда ва ламсшаванда таҷассум ёфтаанд, бидуни он ки аз шакли аввалаи худ даст кашем [43, 56].

Баъдан Мискавейҳ дар бораи хосияти нафс мулоҳиза ронда, зикр мекунад, ки ба нафс мисле ки ба чизҳо фазо хос аст, фазо аз макон орӣ аст ва амиқияту васеъ будани худро нафс ҷисман не, балки ба таври идеалӣ ё ин ки интеллигибелӣ (фавқулмаърифатӣ, тавассути интуитсияи зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ҳадс мекунад [43, 59]. Сипас, нафс дар муқоиса бо ҷисм, ба истифодаи чизҳои ӯро мададкунанда эҳтиёҷ надошта, ба чизҳое, ки ба васеъшавии ҷисм ва пуррагию комилияти ҷисмонӣ мусоидат мекунанд, одат надорад, балки сифатҳои беҳтарин, сареҳию возеҳии бештари тафаккурро дар ҷараёни даст кашидан аз қонеъ шудани ҷисмонӣ пайдо мекунад. Нафс болотар аз ҷисм аст, ба он сабаб ки тан наметавонад худро маҳдуд кардаю озмоиш намояд, дар сурате ки нафс қобил аст худро тавассути озмоишҳои гуногун мукаммал созад. Нафс метавонад нахустсабаби чизҳоро дарк карда, оламро маърифат ва ҳақиқатҳои олами муҳитро муқоиса кунад. Нафс оламро тавассути рӯ овардан ба ҳақиқатҳои аввалия, ки дар худи ӯ ҷой доранд ва тавассути мулоҳиза, ки хоси ҷисм нест, маърифат менамояд.

Эҳсос, идома медиҳад Мискавейҳ, – ҳар кадоми он ахборро мутобиқ ба ҷузъиёти хеш соҳиб аст, нафс бошад, қобил аст ҳамаи ин ахборро ҷамъ оварда, таҳлил намуда, нисбат ба ҳар кадоми он хулоса барорад. Баъзан маълумотҳои ботили ҳис ақли бохирадро ба

натиҷагирии хато мебарад. Ин дар ҳоле рӯй медиҳад, ки ҳис қобил нест он чизеро, ки дар пешорӯйи ӯ истодааст, таҳлил намояд, ин хосияти нафси соҳибхирад аст [43, 60].

Доир ба хосияти нафс, Мискавейҳ ҳаждаҳ далелу бурҳон оварда, бо тамоми ҷузъиёти он шинос карда, ба натиҷагирие мерасад, ки ҳамаи он чизе, ки ҷисми инсон одат мекунад, нуқсону иллатест, ки агар инсон дар ҳайвонҳо мушоҳида кунад, мебинад, ки онҳо бештар ба ин нуқсонҳо одат намуда, онро такрор мекунанд. Чун инсон худдорӣ намудан аз васвасаю майлҳоро касб намудааст, ҳамон ҳиссаи заруриеро аз он истифода мекунад, ки нафси соҳибхирад истифодаи оқилонаи онро далел меорад. Ғайр аз ин, ӯ таъсири офатовари чунин саргармию завқро ба нуқсону айб дар одамони дигар дарк намуда, қобил аст онҳоро пешакӣ хабар дода, сарзаниш ва ислоҳ намуда, ба сӯйи Хайр онҳоро раҳнамоӣ кунад [43, 62].

Аз нуқтаи назари Мискавейҳ, инсон ду неру дорад: маърифатсозанда ва амалкунанда. Неруи амалкунанда ӯро ба сӯйи омӯзиши атрофиён ва худи ӯ, маърифатсозанда бошад, ин донишҳоро комил сохта, онҳоро тасниф мекунад. Нафси инсон зотан се неру дорад – *ҳайвонӣ*, ки аз он парҳезкорӣ меояд, *ваҳшигӣ*, ки аз он мардонагӣ бармеояд ва *оқилӣ*, ки аз он хирадмандӣ бунёд ёфтааст. Ин неруҳо мунтазам дар ҷараёни мубориза қарор доранд ва инсон кӯшиш мекунад, то ки дар ин мубориза нафси бохирад афзалият пайдо кунад. Ӯ андеша дорад, ки хулқи инсон тадриҷан ташаккул меёбад.

Инсонро мебояд ҳамеша ба сӯйи Хайр ҷаҳд кунад, то хушбахтиро ба даст биёрад. Хайрро ӯ қисмати ҳама чиз, хушбахтиро бошад, насиби одамони алоҳида медонад. Хайрхоҳӣ (некӯӣ)-ро ӯ хосияти инсони комиле медонад, ки бояд ҳар кас ба сӯйи он ҷидду ҷаҳд намояд. Хушбахтиро тағйирёбанда ва иборат аз саодати олӣ ва ахлоқӣ меҳисобад. Аксиосфераи мазкур оламро ба оғози маънавӣ ва моддӣ

тақсим мекунад, ки ҳадду ҳудуди худро дорад. Олами рӯҳонӣ – олами фариштаю малоикаҳо, олами назарӣ, олами моддӣ бошад, олами ҳайвон, олами ломиса. Инсон бо аъмоли хеш дар яке аз оламҳо ҷойи худро хоҳад ёфт. Ҳамаи ин се сифат адолатро ташкил медиҳанд ва манбаи ахлоқ ҳисобида мешаванд.

Антропоаксиологияи эллиниро метавон дар таҳлили аксиосфераи он аз ҷониби мутафаккирони пайрави давраи исломӣ, хусусан Ибни Мискавейҳ дарёфт. Некӯкорӣ дар таносуб ба андозаи ҳис қарор дорад. Мискавейҳ мисли ҳамақидаҳои арастуии худ инсонро моҳияти иҷтимоӣ медонад, ки бидуни ҷомеаи худ зиндагӣ карда наметавонад. Ӯ андеша дорад, ки инсон дар ҷомеа суфтаю сайқал ёфта, комилияти худро дар муколама ба ҳамназири хеш пайдо хоҳад кард.

Чуноне М.Исоев таъкид мекунад, таълимоти ахлоқшиносии Мискавейҳ сифати шоён дорад, – ин таълимот бо идеяи озодии хулқият, масъулияти ахлоқӣ фаро гирифта шудааст. Аз ҳамин мавқеъ, хирадгароӣ ва пешқадамии фалсафаи ахлоқшиносии ӯ муайян мегардад [53, 22].

Мискавейҳ чӣ тавр будани дӯстӣ ва муҳаббатро шарҳ медиҳад. Дӯстӣ чунин тариқи муҳаббат, зуҳури олии он буда, дар миёни одамон кам вомехӯрад. Дар дӯстӣ мебояд тартиби боварию эътимод ва мақсадҳои некро пайгирӣ карда, аз туҳмат, бuҳтон ва тамаъҷӯйӣ канорагирӣ карда, ба қаҳру ғазаб, кинаву адовати байни дӯстон роҳ дода нашавад. Ошиқӣ – ин тарзи махсус ва ғайриодии дилбастагиест, ки байни мард ва зан зоҳир мешавад.

Ба масъалаҳои тибби рӯҳӣ дахл карда, мутафаккир муфассал дар бораи тарбияи кӯдакон мулоҳиза ронда, бисёре аз идеяҳои дидактика ва педагогикаи ояндаро қаблан пешгӯйӣ мекунад. Масалан, ӯ ақида дорад, ки кӯдаконро бояд аз таъсироти бадахлоқӣ ва одати бадхислатӣ, аз муроқибаи нохалаф ва шунидани алфози ноҷо эҳтиёт

карда, барои онҳо шароити созгору мусоид барои омӯзиши илм ва ҳунарҳо муҳайё карда, ба онҳо меҳнат ва босабрию таҳаммулпазириро омӯхт. Мискавейҳ ба нақши асосии падару модар дар тарбияи фарзанд ишора карда, таом ва ғизохӯрии дуруст, оромии муҳити зист, тозагии бадан ва маҳали зиндагии кӯдаконро махсусан қайд мекунад.

Исмоилия низоми дигари арзишҳоеро пешниҳод мекунад, ки аз ниҳоди эътиқоди исломӣ ҷудо нест. Дар нимаи дуюми қарни VIII дар муҳити шиа ташаккул ёфта, исмоилия сифату мундариҷаи хотимавии худро дар қарни IX, дар андешаҳои яке аз бунёдгузорони исмоилия Ҳамидаддини Кирмонӣ, ки яке аз асосгузорони тафаккури нав буд, пайдо мекунад [57, 665]. Навоварӣ ба тавре ифода меёфт, ки онҳо фаъолона ба ислом таҷрибаи ақидавии гузаштагонро ворид сохта, ҷаҳонбиние таъсис доданд, ки дар он эътиқоди исломӣ бо кашфиётҳои илмӣ печидааст. Ба тарзи дигар гӯем, онҳо аз мавқеи худ далелҳои ақл ва мантиқро барои исботи оини тавҳидӣ истифода мебурданд. Агар дар ситоиши эътиқоди исмоилия тантанаи динӣ бештар намоён бошад, пас дар таълимоти гурӯҳи олимони «Ихвон-ус-сафо» бештар муроҷиат ба далелҳои илмӣ афзалият дорад [110, 757].

Антропоаксиологияи хосеро фалсафаву ахлоқи исмоилия пешниҳод менамояд, ки тарғибгари барҷастаи он Носири Хусрав ба ҳисоб меравад. Дар антропоаксиологияи исмоилия мафҳуми «ботину» «зоҳир» мавқеи калидӣ пайдо карда он ибодати ботинӣ ва зоҳириро, ки ҷанбаи ниҳонӣ ва ошкоро дорад, ба таври васеъ таъбир менамояд. Ибодати ошкоро «ибодати амал» номида мешавад, ки аз татбиқи ҳама амру дастур ва расму русум иборат аст. Ибодати ниҳонӣ ё ин ки «ибодати дониш» дарёфти дониши ҳақиқиро дар бораи Кулл, сохтори он – маҷозӣ, табиӣ, иҷтимоӣ ва муносибати Худованд ба онро дар назар дошт. Ин донишҳо инсон ва табиати ӯро тағйир дода, пайравии дурусти инсонро комил месозад, яъне ӯро ба сӯйи наҷот хоҳад овард.

Маънои ақидаҳои ахлоқии фалсафаи исмоилия масъулияти инсон дар роҳи ҳаракат ба сӯйи такомул аст. Дар ин раванд инсон он накӯиҳоеро соҳиб мегардад, ки хулқияти ӯро ташкил мекунад.

Ин ҳамон сифатҳои анъанавии исломӣ чун ҳақиқатгӯйӣ, олиҳимматӣ, парҳезкорӣ, мардонагӣ, таҳаммулпазирӣ ҳастанд, ки ба он боз исмоилиён сифатҳои дигарро илова намуданд, чун: таҳар (покизагӣ), назофат, ки тозагии баданро дар назар дорад, инчунин тозагии нафс аз доғҳои нуқсонҳои табиӣ, шавқ – ҳаракат ба сӯйи воҳидият бо оғози мавҷуди муҷаррадот ва ғ. Ин сифатҳо мукаммал шудани нафсро дар назар дорад. Ибодати ниҳонӣ хирадмандӣ – ҳикмат, накӯкории расмӣ, дониши воқеӣ ва пурраро медиҳад ва ба ин танҳо сарвари олии ҷамоати исмоилиён соҳиб аст, ки дастгирии бевоситаи оғози муҷаррадоти оламро истифода менамояд ва ин донишест, ки аъзои ҷамоати исмоилиён мепазиранд. Пайравони воқеии исмоилия бояд ба ҳамоҳангию мувозинати ибодати ниҳонию ботинӣ ва маърифат ба он хотир рағбат дошта бошанд, ки комилиятро сазовор шаванд [57, 293].

Дар мисоли ахлоқи тасаввуф ва арзишҳои он, ки тарзи дигари ҷаҳонфаҳмӣ аст, метавон мушоҳида намуд, то кадом ҳад афкори шарқӣ дар маърифати табиати инсон, асрори равонияти ӯ пеш рафтааст. Фалсафаи сӯфия дар муқоиса ба амалияи он баъдтар ташаккул ёфтааст. Таҷрибаи аввалин сӯфиён, чун Зунуни Мисрӣ (қарнҳои VIII-X), Абуязиди Бистомӣ (соли вафот 875), Мансури Ҳаллоҷ (соли қатл 922), Абулқосими Қушайрӣ (986-1072) асоси ташаккули фалсафаи тасаввуф шуд, ки шакли пурраи онро Муҳиддин Ибни Арабӣ (1165-1240) эҷод намуд. Тасаввуф миқдори зиёди равияю ҷараёнҳо дошта, ба фарҳанги маънавӣ ва зеҳнӣ (интеллектуалӣ) таъсир расонида, нақши муҳиммеро дар тамаддуни муосири тоҷикӣ-форсӣ ва арабӣ-мусулмонӣ дорад.

Тасаввуф аксиосфераи хоси худро пешниҳод менамояд. Моҳияти фалсафаи тасаввуфро тафсири робитаи байни Ҳақ (Асли аввал) ва олам дар асоси принсипи робитаи бевоситаи зоҳиру ботин ташкил мекунад. Ин принсип бори аввал аз ҷониби сӯфиён ба таври кулл, аз ҷумла дар ахлоқшиносӣ пазируфта шуда, низоми ташаккулдиҳандаи арзишҳои он аст. Антропоаксиологияи тасаввуф аз он мавқеъ баромад мекунад, ки халқ – ҳар чизи офаридашуда бо Офаридагор, Ҳақ, Худованд алоқаи бевоситаи зоҳирию ботинӣ дорад. Ин робита мувофиқат ва гузаштани зарурӣ бо якдигарро дар назар дошта, қолиби абадию воҳид, шуури воҳидро ташкил мекунад, ки дар моддиёт зуҳур дорад. Офариниш ва Офаридагор аз ҳамдигар фарқ дорад, мисли он ки маҷмуъ аз Воҳид. Аммо дар Воҳид ҷамъи ҳама ҳузур дошта, дар ҷамъ бошад – Воҳид, онҳо яке ба дигар гузашта, дар алоқамандии ботин ва зоҳир қарор доранд. Аз ин рӯ, ҷузъиёти алоҳидаи олам (одамон, ашё) дар муносибат ба якдигар фарқ дошта, аммо дар муносибат бо Худованд ягона ҳастанд [57, 294]. Ба тарзи дигар гӯем, ин робитаи байниҳамдигарӣ чунин аст, ки якеи онҳо аслитар аз якдигар нест ё дигаре зарууртар нисбати дигаре. Аз лиҳози ин мантиқ робитаи ботин ва зоҳир тавзеҳ дода мешавад: ҳам дар кирдор зарурат ва аслияти ният ва рафтори беруна воҳид бошад, ҳам дар ҳастӣ зарурат ва аслияти зоҳир –Офаридашуда воҳид буда, ҳамин тавр, ботин – Ҳақ-Худованд низ.

Ин маънои онро дорад, ки дар муҳити арзишии тасаввуф ҳар инсон ҷузъе аз офаридашуда на бештар аз Худованд буда, ҳар кадоми он аз ҳастии дигар дуртару тафовутшаванда бошад, боз ҳамон қадар шабоҳате доранд. Ин ягонагӣ ва гузариши ба ҳам зидҳо, ки баробар ба ҳақиқат буда, якдигарро инкор накардаанд, Ҳақро ташкил мекунанд ва Хайр ном доранд. Ин тарзи фарқкунандаи назари тасаввуф доир ба

робитаи байни олам ва Худованд аст, ки нақши худро дар ахлоқшиносии тасаввуф низ гузоштааст.

Бояд таъкид кард, ки таълимоти тасаввуф мафҳуми ботину зоҳирро ба таври худ табсир карда муҳити арзишии наверо месозад. Гузариш аз зоҳир ба ботин дар он ба таври фаврӣ сурат гирифтааст, ки дар он таъсири зурвонияии пеш аз исломии зурвон-хронос ва назарияи атомии калом эҳсос мешавад. Ин гузариш ҳамчун гузариши фаврии зарраҳои вақт аст, ки аз лаҳзаи фано шудани Махлуқ дар Худованд ва зуҳури Худованд дар Махлуқ тавзеҳ дода мешавад. Ин ҳолатест, ки Махлуқ ва Холиқ гуногун боқӣ мемонанд, аммо Воҳиданд.

Антропоаксиологияи тасаввуф робитаи Офариниш ва Офаридгорро шарҳ дода ба инсон имкон медиҳанд, ки на танҳо ҳар лаҳза ба ҷамоли Ҳақ бирасад, балки мавҷудияташро чун ҳама ҳастӣ бо Худо таъмин намояд. Инсон ҳамин тавр мавҷуд буда наметавонад, агар ҳар лаҳзаи фаврӣ ба ҳолати «худовандӣ» нагузарад. Аз ин рӯ, сӯфиён андеша доранд, ки маърифати Худованд ин на танҳо амри гносеологӣ, балки амри онтологӣ низ ҳаст, ки бунёди зарурии мавҷудият хоҳад буд. Аз ин рӯ, худошиносии сӯфӣ ин на раванди муқаррарии дарёфти дониш ва ахбор, балки ин раванди таҳаққуқ – барқароршавии Ҳақ мебошад. Инсон, ки пардаи Ҳақро дарёфт, набояд доир ба махлуқияти хеш ва баръакс, фаромӯш кунад. Бинобар ин, дар тасаввуф дар нақшаи аввал низоми мафҳум-арзишҳо мебарояд, ки бо мафҳуми бедорӣ – бардоштани пардаҳо, алоқаманд аст. Зеро таваҷҷуҳро аз тарафи дигари моҳияти хеш дур насохта, инсон метавонад манзараи пурраи сохтории худро эъмор намояд. Ин тавассути зинаҳои ҳолати мавҷуд тавзеҳ меёбад, ки бо мафҳуми мақом, мақомот ифода меёбад, ки 18 то буда, дар ҳар яке муҳити арзишии худро сохтор медиҳад ва инсон дар он ба ҳолати муайяне мушараф

мегардад. Ҳолат ва сифату муҳити инсон аз як зина ба зинаи дигар ба навъу навбати муайяне тағйир меёбад. Мақом ин ҳолати инсони сайёҳи роҳи ҳақ аст, ки ӯ дар давраи гузариш аз нофаҳмӣ ба фаҳмиши комил, аз як зина ба зинаи дигар равон аст, ҳамон роҳест, ки сайёҳ ба сӯйи Худованд мепаймояд ва ин роҳ метавонад дар мақоми зикршуда, нишонаҳои гуногуне дошта бошад. Тасвири ин раванд ба ӯ маънои сайру сулукро равшан мекунад, аммо мусофирро зарур нест аз нуқтаи А ба сӯйи В ҳаракат кунад, зеро ин роҳ метавон дар як лаҳзае тай шуда, кӯшиши зеҳниву бошууронаи солик нолозим гардад.

Дар муҳити арзишии тасаввуф дарки арзишҳо ба таври хос сурат мегирад ва дар муқоиса ба физика, дар метафизикаи сӯфиён робитаи сабабию натиҷавӣ байни зарраҳои ҳамсояи вақт вуҷуд надорад, ҳолати оянда вобаста ба он аст, ки дар ҳамин лаҳза Ҳақ чиро мефиристад. Тағйироти фаврӣ метавонад ҳар лаҳза, яъне дар атоми дигари вақт баргузор шавад ва сӯфӣ ҳайрон бимонад, ки чӣ тавр олам ба таври аҷиб бо мурури замон, тағйир ёбад. Сӯфӣ дар ин раванд дигаргуншавии ҳақиқатро, ки ин ҳолати гузаштан аз як мақом ба мақоми дигар аст, мушоҳида кунад. Ин ҷо ба саволи он ки мақоми оянда чӣ мақомест, ҷавобе нахоҳад буд. Махлуқ, ё ин ки мутобиқати пурраи зоҳир ва ботин ба он мувофиқ аст, ки Худованд ҳамон тавре зоҳир мешавад, ки он қаблан ба Махлуқ муқаррар шудааст. Ба ифодаи дигар, мо аз ҷониби Худованд муайян шудаем, чун Худованд моро муайян мекунад, худи мо низ бо қазову қадар муайян гаштаем. Ё воқеияти ҳақиқӣ, худи инсон дар ҳамон ҳадде мебошад, ки ӯ дар кирдори хеш бо Худованд муайян гаштааст. Аммо Худованд амали ӯро тарзе муайян мекунад, ки худи инсон онро «пешакӣ таъйин» кардааст [57, 297].

Аксиосфераи тасаввуф қотеиятро нисбӣ қабул менамояд, ки ҳадафнокии кирдорро ба сӯйи бад ё нек ба шубҳа мегузорад, зеро аз

мавқее амал менамояд, ки арзиши ҳайратро ба шакли ҳавоспарешонӣ, худгумкунӣ ворид карда он қотеияти ҳукмро сарфи назар мекунанд. Сӯфӣ набояд фаромӯш кунад, ки ҳар гуна ислоҳ нисбӣ аст ва метавонад нохуб ва мухолифи Худованд буда хислати зоҳириашро аз даст надода бошад, яъне, мухолифати зоҳирӣ метавонад мадад пурсидан ва ё ислоҳ бошад. Бо ҳамин идеяи мазҳабгароии тасаввуф алоқаманд аст, ки на ба маънои он таҳаммулпазирии муқаррарию мустақим, балки ба он маънои андозаи наздикӣ ба Худо, ибодати Худованд дарк карда мешавад. Аз ин рӯ, аз мавқеи тасаввуф ҳеҷ як дин наметавонад ғайриҳақиқӣ бошад, аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо низ наметавонад ба ҳақиқати қатъӣ иддао намояд.

Аз ин ҳақиқати мутлақ муҳити арзишии тасаввуф бо идеяе ороста мешавад, ки ҳама ҳастӣ чун офаридаи Худо хайр буда, наметавонанд дар он чизҳои бад бошад. Агар олам ин ҳастии дигари Худованд бошад, пас ҳамаи ҳастӣ бо ҷузъиёташ, накӯст ва чун ҷузъе аз махлуқ мутаносиб аст. Дар ин маврид, сифату арзишҳои нек ва бади чизҳо дар муқоиса бо ҳам зуҳур меёбанд, ки барои яке хуб ва барои дигаре бад аст. Бадӣ метавонад дар ҳастӣ (рӯзгор) ҷой дошта бошад, зеро ки олам наметавонад ҳамчун тарафи дигари Худованд, баррасӣ шавад. Он чӣ ки марбут ба муҳити арзишии инсон хос аст, маънои онро дорад, ки одамон дар комилияти хеш универсалӣ, куллиятро касб мекунанд, зеро онҳо муаррифгари воҳидияти Махлуқ ва Холиқанд. Тафовут байни одамон вуҷуд дорад, аммо нарм хоҳад шуд, чун тамоми олам ба зуҳури Ҳақ хидмат мекунад, инсон рисолати комилан ошкор кардани Худовандро дорад. Зеро дар тасаввури суфия Худо миқдоран дар Инсон зуҳур карда, камолоти худовандӣ сифотан дар шакли мунтазаме дар фардҳо таҷаллӣ пайдо намояд.

Чунин аст фарқияти ду фаҳмиши комилияти инсон: сӯфӣ дар тафовут аз тасаввуроти умумӣ доир ба «инсони комил», ки хоси

фалсафаи Шарқ аст ва тибқи он ҳар инсон ба ҳадди дар ӯ сифатҳои худовандӣ буда, комил аст, аммо танҳо дар баъзеи онҳо сифатҳои мазкур дар андозаи бузургиҳои сифатӣ зоҳир мешаванд [57, 298].

Ҳамин тавр, ба муҳити арзишшиносии ҷараён ва мактабҳои гуногуни афкори фалсафии Шарқ назари иҷмолӣ андохта дар он нишонаҳои ягонагӣ ва фарқияти низоми арзишҳоро, ки дар ҷараён ва мактабҳои гуногуни афкори фалсафии Шарқ ифодаи худро пайдо карда дар ифшо сохтани низоми арзишҳои таълимоти арзишшиносии онҳо таъсир гузоштаанд, муайян кардани табиат ва моҳияти инсон ҷамъи манзараи гуногуни ақидаҳоро доир ба ин масъала равшан сохтем.

Ҳамзамон, сайри мазкур имкон медиҳад, муқаррар созем, ки омили муттаҳидкунандаи антропаксиология ва муҳити арзишии ин низомҳо, пеш аз ҳама, мавқеи ягонаи онҳо нисбат ба масъалаи муносибат ба ислом ва арзишҳои бунёдии он, муносибат ба инсон ҳамчун офаридаи олӣ ва тоҷи ҳастӣ буда, эътиқод ба табиати ақлонаи инсон, фарқият ва таъйиноти ҷудогонаи ӯро дар муқоиса бо дигар офаридашудагон, бунёду муҳатвоии онтологӣ ва гносеологии муҳити аксиологии онҳоро ташкил медиҳад. Тобишҳои гуногун дар назарияҳо танҳо хусусияти хоси фалсафаи Шарқро тасдиқ намуда, саҳми шахсии шахсиятҳоеро, ки бо мавқеъ ва ҳиссаи гузоштаи худ фалсафаи ҷаҳониро ғанӣ гардонида, онро ба сӯйи кашфиётҳои нав пеш бурданд, барҷаста намоиш медиҳад.

## 1.3. Ҷанбаҳои онтологии арзишҳои инсонӣ (антропоаксиология) ҳамчун масъалаи фалсафӣ

Арзишҳои маънавӣ дар таркиботи онтологии хеш ҳанӯз дар шуури асотирии инсон ташаккул ёфта, ҳамзамон, асотир ва сохтори

асотирӣ-қаҳрамонӣ ба ҳайси аслиҳаи муқтадири маънавӣ хизмат намуд, ки бо ёрии он одамони ибтидоӣ тавонистанд ҳувияти инсонро ба сатҳи олии накӯфарҷомӣ боло бардошта, ӯро дар шакли намунаи беҳтарини образҳои асотирии Хайр (Некӣ) ва Зебоӣ тарбия намоянд [117, 763-764]. Ба сифати категорияи фалсафӣ дар муҳокимаҳояш файласуфи антиқаи юнонӣ Суқрот арзишҳои маънавиро бунёди онтологии фалсафаи хеш, таҳия намудааст. Суқрот яке аз аввалинҳо шуда масъалагузории фалсафӣ – «Хайр (Некӣ) чист?»-ро пеш гузошта, онро ҳамчун як чизи муфид ё ҳамчун як ғановати амалишуда асоснок мекунад. Афлотун мафҳуми «арзиш»-ро бо мафҳумҳои зебоӣ ва хайр алоқаманд месозад [140, 4].

Ба таърихи пайдошавию инкишофи аксиология ҳамчун илми алоҳида назар андохта, метавон гуфт, ки мафҳуми арзиш ҳанӯз дар таълимоти мутафаккирони антиқа ва асримиёнагӣ зикр гардида бошад ҳам, таваҷҷуҳи хосро ба арзишҳо сирф дар қарни XIX Герман Рудолф Лотсе равон сохта, Адолф Вагнер методи арзишии таҳлили ҳаёти ҷамъиятиро аз мавқеи арзишҳо таҳия мекунанд. Герман Лотсе аз лиҳози назариявӣ соҳаи мафҳумоти арзиширо аз ду соҳаи дигар – зуҳуроти воқеият ва эътиқоди интеллектуалӣ дар ҳадди маърифати он ҷудо сохта, дар ҳамин замина мафҳуми «арзиш»-ро ба маънои мафҳумие, ки ҳам барои ҳастӣ ва ҳам барои маърифат аҳамият доранд, пешниҳод мекунад [137, 14].

Мутафаккирони асримиёнагии араб ва форс ба маънои арзиш мафҳуми «хайр»-ро истифода намуда, ҳама хайрҳои ҳаётро ба хайрҳои «зоҳир», яъне хайре, ки тавассути узвҳои ҳис муроқиба мешаванд ва хайрҳои «ботин» ( пӯшида, номаълум) ё ҳамчун арзишҳои маънавие, ки ба воситаи ақл ё ҳадс (интуитсия) ба даст меоянд, ҷудо кардаанд.

Бо вуҷуди мувофиқтар будани методи аксиологӣ дар омӯзиши ҳастӣ, ин метод асосан дар афкори фалсафаи аврупоӣ – дар мактабҳое,

чун мактаби «кантчигии ҷадид»-и Баден бо сарварии В.Винделбанд ва Г.Риккерт, дар осори В.Дилтей ва О.Шпенглер – эҷодкунандагони фалсафаи ҳаёт ва назариячиёни фалсафаи муосири фарҳанг, созмондиҳандаи мактаби структурализм Т.Парсонс, асосгузори назарияи стратификатсияи иҷтимоӣ П.Сорокин, У.Томас – яке аз эҷодкунандагони равоншиносии иҷтимоӣ ва М.Шеллер – яке аз бунёдгузорони «антропологияи фалсафӣ»-и муосир, ки метавон ӯро ҳамчун асосгузори аксиологияи фалсафӣ номид, инкишоф ёфтааст.

Новобаста ба таҳқиқотҳои зиёд дар соҳаи аксиология то ҳол дар робита ба таърифи методҳои он, объекти асосии таҳқиқот ва тасвири воҳиди арзишҳо вазифаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондааст: доир ба муайян кардани мафҳумҳои калидӣ, воқеияти амалӣ ва таърифи назариявии арзишшиносӣ зиддияти фикрҳо вуҷуд доранд [17, 14].

Маводи таърихӣ-фалсафӣ доир ба ташаккул ва инкишофи арзишшиносии фалсафӣ имкон медиҳад, ки назария ва усулҳои муҳимми таҳқиқотии олимони Ғарб ва рус оид ба ташхиси онтологии табиати арзишҳо, нақш ва мақоми онҳо дар муҳити ҳаётии инсон мавриди арзёбӣ қарор гирад. Асосан якчанд назарияҳои мубрам таҳлил мегарданд, ки муфассал дар қисматҳои баъдии рисола баррасӣ мешаванд.

Таҳлили назария ва консепсияҳои муҳимтарини аксиологӣ ду гурӯҳи масъалаҳоро дар арзишшиносӣ равшан месозанд: масъалаҳои дохилӣ, ки ба таҳияи консептуалии категорияҳо, алоқаи дохилӣ ва асоснокунии ҳамин робитаю таркибот пайваст мебошанд ва масъалаҳое, ки бо ёрии метод ва дастгоҳи аксиологӣ дар фалсафа ва фарҳанг ҳаллу фасл мешаванд. Ин ду гурӯҳи масъалаҳо дар алоқамандӣ ва вобастагӣ бо ҳам қарор доранд ва ногузир бояд дар ҳамбастагӣ арзёбӣ шаванд.

Яке аз бунёдгузорони арзишшиносӣ М.Шеллер доир ба ҷанбаҳои моҳиятии арзишҳо ва робитаи он бо инсон ҳамчун офаранда ва истеъмолкунандаи арзишҳо амиқ андеша ронда, чунин меҳисобад, ки арзишҳои онтологӣ априорӣ (додашуда) ва маърифатпазир – мисли падидае, чун муҳаббатанд, ки моҳияти арзишии инсонро ифшо месозад. Арзишҳо дар мазраи олам на алоҳида аз олам ва на ҷудо аз пешбарандагони он, мавҷуданд.

М.Шеллер мақоми махсуси арзишҳои фарҳангиро, ки аслан, аз пешбарандагони худ мустақиланд, таъкид менамояд. Қудсияти китобҳои Қуръон ва Библия (Инҷилу Таврот) аз шахсиятҳо вобастагӣ надошта, онҳо арзиши абадан муқаддасанд. Ин мустақилият хусусан дар робитаи онтологии арзишҳо ҳамчун моҳияти махсус нуҳуфта аст, ки ҷамъи он арзишшиносӣ (аксиология)-ро ташкил мекунад [130, 299].

Аз нигоҳи М.Шеллер онҳо мазмуни баъзе аз муқарраroти аксиоматикӣ ҳастанд, ки шаклан ва айнан аз ҷониби инсон ҳамчун субъекти арзишии маърифат (далели «афзал донистан») пазируфта мешаванд. Зимнан арзишҳо аз таъсири шахс озод буда, объективӣ ва аз ӯ вобаста нестанд. Ӯ якчанд аксиомаеҳоро пешниҳод мекунад, ки аввалини он аз тақсимоти арзишҳо ба мусбат ва манфӣ иборат аст.

Мазмуни онтологии ин тақсимот чунин аст: «ҳастии баъзе аз арзишҳои мусбат ин ҳамон арзиши мусбат аст; ҳастии баъзе аз арзишҳои манфӣ ин ҳамон арзиши манфист; ғайриҳастии баъзе аз арзишҳои мусбӣ худ ҳамон арзиши манфӣ хоҳад буд; ғайриҳастии баъзе аз арзишҳои манфӣ ин ҳамон арзиши мусбӣ мебошад» [130, 299]. Аксиомаи дуюм ба алоқаи байни арзишҳо ва шахсият ишора намуда, мафҳуми баёнгардидаи «зарурати мавҷудияти идеалӣ» аст, ки тавассути арзишҳо асоснок мегардад. Аксиомаи сеюм мубрамияти мавҷуд будани танҳо арзишҳои мусбатро ба миён гузошта, ҳастии манфии арзишҳоро инкор мекунад [13, 15].

Пайдоиши арзишшиносӣ маҳз дар қарни XIX, ташаккул ва инкишофи он ҳамчун равияи муайяни фалсафаи аврупоӣ дар солҳои 20-50-и қарни гузашта, ба буҳрони маънавии замон ва беқурбшавии анъанаҳои фарҳангӣ, таҳаввулоти инқилобӣ ва нобасомониҳои олам ва муфлисшавии бунёди идеологии ҷомеа алоқаманд аст [137, 19]. Маҳз ана ҳамин лаҳзаҳои шикастовар муроҷиат ба маънии арзишҳо, таҳқиқи моҳият ва манобеи онро муҳим мегардонад.

Ба ибораи дигар, аксиология ҳамчун соҳаи мустақили таҳқиқоти фалсафӣ дар заминаи муфлисшавии моҳияти ҳастӣ, ки ба ду унсур: арзишҳои воқеӣ ва арзишҳои идеалӣ тақсим мегардад, ба вуҷуд меояд.

Арзишшиносӣ барои нишон додани имкониятҳои онтологии ҳастии арзишҳо дар сохтори умумии ҳастӣ хидмат намуда, робитаи мутақобилаи онро бо «далелҳои» воқеият равшан месозад [117, 11].

Калимаи юнонии αξια – арзиш, ки асоси истилоҳи «аксиология» аст, фасли фалсафа аст, ки назарияи арзишҳоро меомӯзад. Баъзан ба ҷойи истилоҳи «аксиология» мафҳуми «назарияи арзишҳо» ва ба забони тоҷикӣ бошад, мафҳуми «арзишшиносӣ»-ро истифода мекунанд [151].

Дар арзишшиносӣ мафҳумҳои фалсафии хирад, ҳукм, ирода, шавқу завқ ва талаботи инсон ҳамчун категорияҳои арзишие ном бурда мешаванд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсонро муайян мекунанд.

Доираи мавзуъҳои аксиологӣ васеъ буда, ба ғайр аз мавзуъҳое, ки ба арзишҳо алоқамандӣ доранд, боз аҳамият, таъйинот ва муносибати арзишҳоро байни худ ва зуҳуроти ҷамъиятию фарҳангӣ омӯхта, консепсияҳои гуногуни арзишҳоро, ки дар илмҳои алоҳида – этика, эстетика, адабиёт, ҳуқуқ ва ғ. коркард шудаанд, ғановати назариявӣ мебахшад. Арзишшиносӣ мутмаин месозад, ки баҳогузории арзишӣ ба ҷобаҷогузории чизи мубрам ва таъҷилӣ, чизи зарурӣ ва чизи нолозим

мусоидат хоҳад кард. Арзишҳои эътирофшуда дар роҳи ба танзим овардани ахлоқи ҷамъиятӣ ва инкишофи ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти инсонӣ нақши муҳим мебозанд.

Азбаски ба омӯзиш ва шарҳу тафсири арзишҳо аз назаргоҳи гуногун ва ҳадафҳои мухталиф муроҷиат мекунанд, дар арзишшиносӣ назарияҳои гуногун пайдо шудааст. Ин назарияҳо аз нимаи дуюми қарни гузашта то имрӯз барои муайян кардани тарафҳои гуногуни робитаи мутақобилаи одамон, инчунин робитаи инсон бо табиат истифода мешаванд. Назарияҳои шинохта ва васеъ истифодашаванда инҳоянд: психологизми табиӣ, трансендентализм, онтологизми персоналӣ, релятивизми фарҳангӣ-таърихӣ, сотсиологизм ва ғ. [71, 81-102].

Назарияи психологизми табиӣ, ки асосгузорони он Ҷ.Дюи, А.Мейнонг, Р.Б. Перри мебошанд, манбаи арзишҳоро аз ҷумлаи талаботе меҳисобанд, ки аз табиат - биологияи инсон бармеояд ва онҳо худи арзишҳоро ба таҷрибаи эмпирикии инсон мутааллиқ медонанд, ки дар ҷараёни бевоситаи маърифат кардани он, ба назар мерасад. (Албатта, чунин нуқтаи назар аз ҳолати дилеммавӣ (алтернатива, интихоб, думаъноӣ) ва ихтилофнок будани мавқеи онҳо шаҳодат медиҳад. Аз як тараф арзишҳо аз талаботи биологӣ бармеоянд ва аз тарафи дигар он зодаи фаъолияти амалӣ-ҷамъиятии онҳост. – А.А.)

Назарияи трансендентализм, ки аз ҷониби В. Винделбанд [31] ва Г.Риккер [99] эҷод шудааст, аз мавқеи психологизми табиӣ фарқ мекунад ва ин назария ҳузури таҷрибаро дар ташаккули арзишҳо дар муқоиса ба ҳузури субъект – инсонҳо муқобил мегузорад. Ин кантгарои ҷадиди баденӣ арзишҳоро ба оғозҳои идеалистии объективан вуҷуддошта марбутдониста, ҳастии идеалии арзишҳоро

дур аз алоқамандӣ бо шуури эмпирикӣ меҳисобад ва ҳамзамон, иддао дорад, ки арзишҳо ба шуури номуайяни трансенденталӣ пайвастанд.

Арзишҳо чун мафҳумҳои идеалӣ аз хоҳишу талаботи инсонҳо вобастагӣ надоранд. Барои асоснок кардани ин нуқта онҳо – аввалан, шуури эмпирикиро идеализатсия карда, ба он меъёри муайянеро мечаспонанд, дуюм – идеяро дар бораи моҳияти трансенденталӣ, фавқулинсонӣ доштани моҳияти онтологии арзишҳо инкишоф медиҳанд. Аз нигоҳи Риккерт арзишҳо ба ҳақиқатҳои табиӣ ва психологӣ ҳеҷ муносибате надоранд, онҳо берун аз ҳастии табиӣ аҳамияти мубрами худро соҳиб мешаванд. Дар ин тезис муҳим он аст, ки арзишҳо – ин ***фаҳмиши*** инсон доир ба аҳамияти арзишҳост, ки аз зарурати истифодаи чизе бармеоянд, ки ба арзишҳо алоқаманданд [71, 85].

М.Шелер ва Н.Гартман фаҳмиши шахсии арзишҳоро коркард намуда, маҳз ба робитаи мутақобилаи онҳо, ки дар идеяи «логос» инкишоф ёфтааст ва онро Шеллер ба ҳастии Худованд алоқаманд месозад, таваҷҷуҳ доранд. Гартман бошад, арзишҳоро аз манобеи динӣ озод намуда, онҳоро ҳамчун ҳақиқати мустақил муаррифӣ мекунад. Ба он таваҷҷуҳ дорад, ки низоми арзишҳо зиёд ва на ҳамеша якхелаанд, инчунин ӯ ба мавҷудияти низомҳои зиёди баробарҳуқуқ ишора мекунад. В.Дилтей назарияи плюрализм ё ин ки релятивизми фарҳангӣ-таърихиро таҳия менамояд. Ӯ андеша дорад, ки низомҳои зиёди баробарҳуқуқи арзишҳо аз лиҳози онтологӣ марбут ба шароитҳои фарҳангӣ-таърихианд.

Аксиологияи сотсиологӣ (М.Вебер, Ф. Знанетский, Т.Парсонс ва У.Томас) арзишҳоро бар асоси амали иҷтимоии субъект гузошта, назарияи сотсиологизмро инкишоф медиҳад. Дар ин робита арзиш воситаи ошкор кардани алоқаҳо ва татбиқи амалии ниҳодҳои иҷтимоист [86, 98]. М. Вебер дар таснифи арзиш диққатро ба мафҳуми

«меъёр» ҷалб мекунад, Т.Парсонс бошад, арзишҳоро воситаи ифшо ва тавсифи муносибатҳои иҷтимоӣ меҳисобад.

Мебояд зикр кард, ки дар поягузории асосҳои инкишофи арзишшиносӣ мутафаккирони рус – диншиносон Н.А. Бердяев ва Н.О. Лосский, ки дар хориҷи Шуравӣ зиндагӣ мекарданд, саҳми бузург гузоштанд [24]. Ин мутафаккирон арзишҳои диниро баррасӣ намуда, бори аввал назарияи аксиологиро ба арзишҳои ахлоқӣ татбиқ намуданд.

Дар марҳилаи шӯравии инкишофи фалсафа назарияи арзишшиносиро идеалистӣ хонда, онро бо тафаккури динӣ тавъам меҳисобиданд ва дар осори классикони марксизм-ленинизм назари аксиологӣ ҳамчун бунёди зуҳуроти ҳаётӣ пайдо накарданд. Танҳо баъди соли 1965 (соли 1965 дар Тифлис симпозиуми умумишӯравӣ доир ба масъалаи арзишҳо баргузор шуд) олимони шӯравӣ С.Ф. Анисимов, О.М. Бакурадзе, О.Г. Дробнитский ва В.П. Тугаринов ҷиддан ба таҳқиқи мушкилоти аксиологӣ ва муносибати он ба фалсафаи марксистӣ оғоз намуданд.

Аз ҷониби онҳо назарияҳои гуногун таҳия гардиданд, ки дар байни онҳо нақши О.Г. Дробнитскийро мебоист хоссатан қайд намоем. Ӯ аввалин шуда ба печидагии мушкилоти арзишҳо ва имконияти инкори пурраи мавҷудияти аксиология ҳамчун фанни алоҳидаи фалсафӣ диққат додааст. Ӯ аз мавқеи марксистӣ аксиологияро лаҳзаи ҳаракати объективии таърихӣ номида, андеша дорад, ки таҳлили аксиологӣ танҳо дар заминаи методҳои сотсиологӣ имконпазиранд [37, 39].

Дар айни замон О.М. Бакурадзе мавқеи мутазодро ишғол карда, ақида пеш мегузорад, ки мавҷудияти арзишҳо дар доираи робитаи субъект ба арзишҳо алоқамандӣ дорад ва ӯ зарурати мавҷудияти робитаҳои субъект-объектро бо амали якҷояи инсон бо арзишҳо

ҳамчун робитаҳои махсус пешниҳод намуда, ҳамин тавр, муҳим будани таъйиноти арзишҳо ва аҳамияти онро дар ҳаёти ҷамъиятии инсон асоснок мекунад. Бакурадзеро метавон бунёдгузори аксиологияи марксистӣ ҳисобид, зеро ӯ дар муқоиса бо назарияи маърифат, имкониятҳои аксиологияи марксистиро асоснок карда, ба хулосае меояд, ки таҳлили арзишӣ (аксиологӣ) хусусияти хоси худро дошта, аз дигар намуди маърифат ҳам дар робита ба предмет ва ҳам аз ҷиҳати предмети таҳқиқоти фалсафӣ, фарқ дорад [22, 48].

Дар ҷараёни муқобил гузоштани назарияҳои гуногуни арзишӣ бо назарияи арзишҳо С.Ф. Анисимов консепсияи аксиологии хешро инкишоф дода, зарурати коркарди аксиологияи марксистиро асоснок намуда, таснифоти аксиологияро дар таркиби аксиологияи илмӣ, ғайриилмӣ, материалистӣ, идеалистӣ ва аксиологияи динӣ-асотириро дар муқоиса бо назарияи маърифат таҳия намуда, назарияи арзишҳоро олоти муҳим барои танқиди тахассусии аксиологияи зиддиилмии буржуазӣ номидааст [18, 3].

С.Ф. Анисимов дар монографияи худ «Арзишҳои воқеӣ ва хаёлӣ» дар заминаи танқиди таъбири масеҳӣ ва истифодаи арзишҳои ҳаётӣ-фарҳангӣ, асосҳои маърифати табиати арзишҳо ва шиносоӣ бо аксиологияро поягузорӣ мекунад. Арзишро ба ин маънӣ мутафаккир субъективӣ меҳисобад [18, 20].

Диққати хосеро ба арзишҳои маънавӣ равона сохта, С.Ф. Анисимов чунин масъалаҳои мубрамеро ҳамчун назари арзишӣ ба омӯзиши фаъолияти маънавӣ, арзишҳои маънавӣ дар раванди таърихӣ, хусусияти истеҳсолот ва истеъмолоти арзишҳои маънавӣ дар қаринаи муфидияти назари арзишӣ зимни баррасии зуҳуроти маънавиро арзёбӣ мекунад. Дар алоқамандӣ ба табиати арзишҳо, ӯ зикр мекунад, ки онҳо метавонанд танҳо мусбӣ бошанд, вале онҳо аҳамиятҳои гуногунеро соҳибанд. Назари мазкурро бо роҳкорҳои

гносеологию сотсиологии арзишҳо қиёс карда, ӯ гуногуншаклии робитаҳои арзишии одамонро зикр мекунад, ки махсусан дар фаъолияти маънавӣ инъикос ёфта, ҳамчун фаъолияти иҷтимоӣ барои эъмори арзишҳои маънавӣ ва азхудкунии онҳо аз ҷониби одамон, тавзеҳ додааст [17, 37]. Идеяҳои Анисимов дар робита ба таснифи арзишҳо низ қимматноканд.

Дар баробари арзишҳои мусбӣ, С.Ф. Анисимов бори аввал мафҳумҳои манфиеро баррасӣ мекунад, ки аҳамияти арзишҳоро муайян месозанд, мисли бадӣ, ҷоҳилӣ, зиштӣ. А.Н. Максимов дар асари «Фалсафаи арзишҳо» табиати арзишҳо, мақом ва нақши онро дар ҳаёти инсон таҳлил намуда, мекӯшад роҳу равияеро ба сӯйи таҳияи методологияи маърифати арзишии олам пайдо кунад [71].

Арзишшиносиро дар робита ба масъалаҳои умумифалсафӣ таҳлил намуда, А.Н. Максимов методи марксистиро мавриди танқид қарор дода, зарурати таҳлили арзишии зуҳуроти ҷамъиятиро асоснок ва методи шахсии материалистии арзишҳоро пешниҳод мекунад. Ӯ дар чунин мавқеъ аст, ки дар таҳлили арзишии падидаҳои иҷтимоӣ моҳияти арзишҳо хеле васеъ тафсир мешаванд, зимнан, ӯ дар бораи афзалияти назари аксиологӣ дар нисбати марксизм ҳарф мезанад.

А.Н. Максимов тафсири шахсии мафҳуми арзишро ҳамчун шакли аввали предмети воқеият пешниҳод мекунад, ки он дар муносибати арзишӣ нисбат ба шуур ва предмет қарор мегирад. А.Н. Максимов ташреҳи шахсии моҳияти арзишҳоро ҳамчун шакли аввалияи предметҳои воқеият пешниҳод мекунад, ки он дар баробари шуур дар муносибати арзишиаш ба ҳамин предмет қарор дорад [71, 120].

Солҳои 80-ум назари аксиологӣ аллакай ба омӯзиши равияҳо ва мактабҳои гуногуни афкори фалсафӣ истифода мегардад. С.К. Сатибекова масъалаи арзиши инсонро дар фалсафаи шарқии машшоияи классикӣ ба миён мегузорад [103, 57-68].

Чуноне ки яке аз аввалин муҳаққиқони масъалаи арзишҳо дар Тоҷикистон А.Муҳаммадӣ тасдиқ мекунад, дар доираи илмҳои фалсафии замони шӯравӣ ва баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ низ масъалаҳои аксиологӣ ба ҳайси соҳаи махсуси фалсафа мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст [137]. Зимнан солҳои охир таҳқиқоте рӯи кор омада ва анҷом ёфта истодаанд, ки ба масъалаҳои этикию эстетикӣ бахшида шуда, дар онҳо ба таври имплитсит таҳлили аксиологӣ дар омӯзиши масъалаҳои миллӣ, фарҳангӣ, оилавӣ ва арзишҳои ахлоқию тарбиявӣ сурат гирифта истодаанд. Дар ин таҳқиқот арзишҳои асосии фарҳанги миллӣ тавзеҳ ёфта, дар алоқамандӣ ба омӯзиши онҳо ногузиру ноайён масъалаҳои умумии аксиология ба миён гузошта мешаванд [83].

Ҳамин тавр, арзишшиносии таърихии тоҷик чун қисми таркибии афкори фалсафии шарқ, куллан таълимот дар бораи мафҳуми ахлоқии Хайр ба ҳисоб рафта, таълимоти фалсафие дар бораи ҳастии арзишҳои воқеӣ ҳамчун бунёди ҳадафнигорона ва фаъолияти қимматбори инсон мебошад.

Арзишшиносӣ фасли хотимавии метафизика буда, ба он характери мушаххас ва шахсӣ мебахшад, ки бунёди методологии ахлоқшиносӣ, зебоишиносӣ ва фалсафаи фарҳанг хоҳад буд.

Аз лиҳози онтологӣ арзишшиносӣ на объектҳои олами воқеӣ, балки муносибати инсон ба он ҳамчун субъекти маърифаткунандаро тавсиф мекунад. Категорияҳои асосии арзишшиносӣ инҳоянд: муносибат, муҳиммият, арзиш, баҳо, нақш, мақом, синфият, ҳизбият, идеализм, материализм, субъективизм, объективизм, волюнтаризм, фатализм ва ғ.

Категорияҳои арзишшиносии ахлоқӣ, ки марбут ба инсон буда соф ба масъалаҳои фалсафаи инсон рабт дорад, як дараҷа фарқ дошта, онро метавон бо мафҳуми антропоаксиология ифода кард. Яке аз

муҳимтарин категорияҳои антропоаксиология инҳоянд: некӣ, бадӣ, хайр, адолат, шараф ва эътибор, шарм ва виҷдон, муҳаббат ва шафқат, масъулият, уҳдадорӣ, инсон будан, шахс, фард, ҷомеаи башар ва ғ.

Арзишшиносӣ ба сифати мафҳуми асосӣ истилоҳи «арзиш»-ро истифода намуда, онро дар парадигмаи фалсафӣ муқаррар месозад. Таърифи табиати арзишҳо ҳамчун мафҳуми фалсафӣ, мақом ва аҳамияти он дар ҷамъият, муайян намудани таркиби он, таҳлили аксиологиро ташкил медиҳад.

Нуқтаи назари асосӣ дар ин раванд илмӣ будани он аст, зеро равия ва методҳои гуногунро истифода намуда, мутафаккирон чанд мактаб ва ҷараёнҳое сохтанд, ки дар тавзеҳи арзишҳо назари фарққунанда дошта, гоҳе якдигарро пурра ва гоҳе комилан зидди якдигаранд. Мақсаднок мебуд, агар дар ин қарина ба мавқеи баъзе аз ин равияҳо ба хотири равшанӣ андохтан ба тамоюлҳои асосии инкишофи арзишшиносӣ шинос шавем.

Мурожиати аввалия ба мафҳумҳои арзишшиносӣ таъбиру тафсири мафҳуми «арзиш»-ро дар доираи ду хат – идеалистӣ ва материалистӣ маҳдуд месозад. Дар ин самт месазад чунин тафсирҳоеро ҳамчун моддиёт ва маънавиёт ифшо сохт, ки дар байни онҳо моддиёт низ мафҳуми иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳамчун «арзиш», «қимматгузорӣ» ва «нарх» (арзиш) маъно дошта бошад. Ин ҷо порчае аз манзараи пайдарҳаму муттасиле пеши назар меояд, ки дар он арзишҳои абадӣ ва гузаранда, ки ба манфиат, даромад ва фаровонӣ тааллуқ доранд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Дар ин нуқтаи назар арзишҳо дар худ сифат ва хосиятҳои маънавиро касб мекунанд. Ҳамзамон, арзиш ҳамчун чизи манфиатовар таъйиноти иҷтимоӣ пайдо мекунад, ки он ҷиҳатҳои гуногуни арзишҳоро инъикос ва хосияти ашё ва аҳамияти таърихии зуҳуроти ботинӣ ва зоҳирии онро тавсиф, қонеъ гардидани талабот ва

ё баргузории ниёзмандиҳои ҷомеаи инсонӣ ва ҳам фардҳои алоҳидаи онро таҷассум менамояд.

Ба таҳқиқи амиқи арзишҳо шуруъ намуда, олимон алоқаи онтологии онро бо майлу хоҳиш, талаботу рағбат ва имтиёзхоҳии одамон ва фардҳо таъкид кардаанд. Р.Б. Перри яке аз поягузорони неореализм - дар байни онҳо истилоҳи «манфиат»-ро барҷаста карда, онро вазифаи амалҳои муайяни шуур, самти таваҷҷуҳ ба сӯйи истифода, соҳибият доштан ва ё кӯшише ба сӯйи арзишҳо меномад [137, 24]. Дар айни замон, Ҷон Дюи дар арзишҳо зуҳуротеро мебинад, ки дар шароити мушаххаси талаботи муайян пайдо мешаванд. Алишер Муҳаммадӣ мафҳуми «манфиатҷӯйӣ»-ро ба мафҳуми «зарурият» алоқаманд сохта, ба мавқеи Бакурадзе наздик мешавад, ки ба саволи «Арзишҳо чистанд?» чунин ҷавоб медиҳад: «Арзишҳо на оне чизе ҳастанд, ки ҳастанд, балки он чизе ҳастанд, ки бояд бошанд» [137, 25].

Мавқеи файласуфи рус Н.А. Бердяев ҷолиб аст. Ба сохтори мафҳуми арзиш муроҷиат намуда, ӯ ду унсур – аҳамияти мавҳуму муҷаррад ва моҳияти моддӣ доштани онро ҷудо мекунад ва дар ҳастии моддии арзишҳо ӯ маънигузории мусбӣ ва ё манфиро намебинад. Маҳз аҳамияти муҷарради арзишҳо барои қонеъ гардидани талаботи инсон хидмат намуда, дар ин ҷода шакли ҷолиб доштани арзишҳо, на мундариҷаи онҳо, муҳим аст,.

Ба тарзи баён ва изҳори талабот дар таърифи арзишҳо О.Г. Дробнитский истинод намуда, андеша дорад, ки чиз (ашё) ба туфайли талабот арзишманд гашта, арзиши он бошад, дар ҷараёни истеъмоли он ифшо мегардад. Арзишҳо гуногунанд ва дар зинаҳои муайяни робитаҳо қарор доранд.

Ба таснифи арзишҳо оғоз намуда, метавон муайян намуд, ки онҳо асосан ба арзишҳои идеалӣ ва воқеӣ тақсим мешаванд, аммо метавон дар байни онҳо арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ, ирфонӣ, фалсафӣ,

илмӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, экологӣ, техникӣ, истеъмолӣ ва ғ.-ро ҷудо намуд. Аммо назари олимони зиёдро ба назар гирифта, дар муайян намудани намуд ва мақоми он зарур аст тарафи абстрактии онро ба эътибор гирифт.

Тасаввурот дар бораи некӣ ва бадӣ, ки дар эътиқоду эътимод, ихлосмандию дилбандӣ, қонунпосдорӣ ва ахлоқии одамон нуҳуфта аст, маънои онтологии арзишҳоро ташкил медиҳад. Онҳо аз ҳам фарқ доранд, зеро одамон якхела нестанд ва ҷаҳонбиниашон низ наметавонад якранга бошад. Дар назар дошта шудааст, ки ҳар як инсон низоми хоси худ ва олами арзишҳояшро ташаккул медиҳад. Ҳамин тавр, фаҳмиши арзишии як гурӯҳи одамон ё инсони алоҳида наметавонад маҳак ё намуна барои дигарон бошад, одамони дигар метавонанд арзишҳо ва истеъмолоти дигар дошта бошанд. Аммо дар миёни арзишҳо гурӯҳи муайяни арзишҳое мавҷуданд, ки хусусияти универсалӣ дошта, умумӣ ва абадӣ ҳастанд. Ин арзишҳо аз ҷониби инсоният новобаста аз нажод, эътиқоди динӣ, ҷинс ва фарқиятҳои дигари иҷтимоию зеҳнӣ, эътироф шудаанд. Онҳо аз маърази дин берун шуда, решаҳои амиқи худро дар фарҳангҳо доранд ва баробари тамаддунҳо инкишоф ёфтаанд. Арзишҳои адолат, озодӣ, сулҳ, амният, хушбахтӣ, баробарӣ, ҳақгӯйӣ, некӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳо ба шумор меравандд.

Ба умумияти онҳо мутафаккирони бузурги ҳама халқҳо ишора намудаанд. Мутафаккирони тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳон Берунӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон низ ба ин масъала диққати махсус додаанд. Ба ин арзишҳо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои Низомӣ, ғазалҳои Саъдӣ ва Ҳофиз бахшида шудаанд. Арзишҳои умумиинсониро ба инобат гирифта, дар пештоқи даромадгоҳи коргоҳи Созмони Миллали Муттаҳид шеъри Саъдӣ дар хусуси «бани одам аъзои якдигаранд» нақкошӣ шудааст.

Аз тарафи дигар, зикр бояд намуд, ки умумияти арзишҳо нисбӣ ҳастанд ва ба гуногунию надоштани тафсири ягона, муҳаққиқони арзишшиносӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. А.А. Гусейнов ғайримутлақ будани умумияти ҷадвали арзишҳоро тасдиқ намуда, нишон медиҳад, ки қариб ба ҳар як арзиш зиддиятнокӣ ва аҳамияти манфии он хос аст [35].

Ҳамин тавр, ҳатто арзишҳои универсалӣ ҷуфти худро доранд: хайр – шарр, хуб – бад, дилсӯзӣ – бераҳмӣ, ҳарисӣ –эҳсонкорӣ, худпарастӣ – одамдӯстӣ ва ғайра. Дар зинаю дараҷоти арзишҳо гурӯҳи дигареро вомехӯрем, ки арзишҳои умумиинсониро такмил мебахшанд. Ин арзишҳое бо қонунҳо, анъанаҳо, меъёрҳои ҷамъиятӣ, муносибатҳои меҳнатӣ зич алоқаманд буда, арзишҳои ҷамъиятӣ ё иҷтимоӣ номида мешаванд. Арзишҳои иҷтимоӣ ба хотири ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин барои таъмини устуворӣ ва самаранокии ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд. Ба арзишҳои ҷамъиятӣ метавон ватандӯстӣ, эҳтироми қонун, қоида, меъёрҳо ва ғайраро дохил намуд.

Дар ҷараёни вазъи мусоиди иҷтимоӣ замина ва шароит барои муътадил шудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ пайдо мешаванд, ки арзишҳои иҷтимоии барои ниҳодҳои ҷамъиятӣ заруриро ба низом медароранд. Ба ғайр аз ин, инчунин арзишҳое мавҷуданд, ки аз ҷониби равияҳои фалсафию сиёсӣ ва намояндагони ин равияҳо эҷод шуда, тарғиб мегарданд. Ин арзишҳо аз лиҳози ҷаҳонбинӣ ба ҳамин равияҳо алоқаманданд ва низоми арзишҳои онҳоро ташаккул медиҳанд. Миёни онҳо арзишҳои ахлоқӣ ва зебоишиносӣ мавқеи хос доранд. Файласуфи олмонӣ – идеалист Николай Гартман табиати арзишҳоро омӯхта, таваҷҷуҳи махсусро ба масъалаҳои арзишҳои зебоишиносӣ равона месозад. Аз нуқтаи назари файласуф, дар ҷадвали зинавори арзишҳо арзишҳои зебошиносӣ ҷойи хосеро ишғол мекунанд. Ин гурӯҳи

арзишҳо аз лиҳози махсусият ва сершумор буданашон аз арзишҳои нафъовар, некӣ ва аз арзишҳои ҳаётию ахлоқӣ фарқ мекунанд.

Ба мушкилоти таснифоти арзишҳо дахл намуда, мо консепсияҳоеро арзёбӣ кардем, ки маълум ва бештар мавриди истифода қарор доранд. Яке аз аввалинҳо шуда таснифоти арзишҳоро Н. Гартман анҷом медиҳад. Арзишҳо аз нигоҳи Н. Гартман дар шуури инсон дар ду асос (ипостас)-дар ду чеҳра ҷилва мекунанд: а) ҳамчун талаботи уҳдадорию қарз (воҷиби идеалӣ) ва б) ҳамчун мақсади шахсӣ (воҷиби актуалӣ) [96, 241].

Ба тазоди моҳиятӣ дар тасаввуроти арзишии инсон диққат дода, Н. Гартман арзишҳоро ба ҳадафҳои инсон дар як қатор шароитҳо пайванд месозад:

1) зимни васеъшавии ҷиддии «салтанати арзишҳо»;

2) ҷудошавии ҳадафҳо – арзишҳои субъектҳои гуногун;

3) бо назардошти низоъҳои арзишӣ имкон доштани ҳалли масъала аз ҷониби субъект.

Дар мавриди мавҷудияти ҷузъиёти гуногуни арзишҳо Н. Гартман чунин матлаб пеш мегузорад: «Гурӯҳи арзишҳо, ки мо ба он сарукор дорем, бидуни принсипҳои муназзамсозанда, сирф ба таври эмпирикӣ (муроқибавӣ) муқаррар шудаанд. Аз ин рӯ, ҳарчанд ки камтар ҳастанд, онҳо наметавонанд ба сатҳи устувору равшани зинавор (силсилаи маротиб) таркиб ёбанд, аммо дар мавқеи ҷойгиршудаашон дар ин зинаи баланд алвонҷ мехӯранд. Ҳудудгузории тарафайни онҳо низ нуқсондор аст» [137, 54]. Таснифоти арзишҳои Гартман мазмуни идеалистӣ дошта, ба идеяи мавҷудияти зинавори арзишҳо дар қабатҳои онтологии ҳастӣ асос ёфтааст. Гартман арзишҳоро ҳамчун моҳияти идеалии объективан мавҷудбуда медонад, ки ҳастии онҳо ғайривоқеист, аммо ин арзишҳо дар материяи муайяне татбиқ мешаванд. Аз ин лиҳоз, онҳо онтологӣ ҳастанд [100, 44]. Ӯ қонуни

мавҷудияти зинавори арзишҳоро асоснок намуда, чунин гурӯҳи арзишҳоро пешниҳод мекунад:

– арзишҳои хайри барои инсон манфиатнок;

– арзишҳои лаззатбахш, ё ин ки «гуворою форам»;

– арзишҳои ҳаётӣ, ки ба ҳама мавҷудоти зинда тааллуқ доранд;

– арзишҳои ахлоқӣ, ё ин ки «хайр»;

– арзишҳои эстетикӣ, ё ин ки «нафис»;

–арзишҳои маърифатӣ, ё ин ки «ҳақиқат» [33, 276].

Гартман ба ин силсилаи тартиботи зинавор (иерархия) арзишҳои маънавии диниро дохил накарда, аммо зикр мекунад, ки арзишҳои мазкур дар таърихи инсоният нақши муҳим доранд.

Ба таҳқиқот ва таснифоти моҳияти онтологии арзишҳо В. Франкл машғул шудааст, ки зимнан се гурӯҳи арзишҳоро ҷудо мекунад:

– арзишҳои созандаи эҷодкорона татбиқшаванда;

– арзишҳои мутаассиркунандаи марбут ба эҳсосот;

– арзишҳои олии марбут ба ҳаёти воқеӣ ва муносибати инсон ба олами робитаҳои арзишӣ.

Мавқеи арзишшиносии Эрих Фромм маъруфияти бештаре дорад, ки онҳоро ба арзишҳои воқеияти ҳаётӣ ва арзишҳои истеъмолӣ дошта тақсим мекунад. Дар асари «Доштан ва ё мавҷуд будан?» Э.Фром доир ба ҷанбаҳои гуногуни арзишҳо андеша ронда, хоҳиши одамонро нисбат ба соҳибият, ки бар пояи талаботи биологӣ асос ёфта, зарурати худмуҳофизатиро дорад, инчунин дар асоси омилҳои махсуси мавҷудияти инсонӣ дар ҷомеа, ҳамчун фард ва аъзои ҷомеа мавҷуд будани онҳоро қайд менамояд. Дар мавриди моҳияти арзишҳо амиқан андеша ронда, Э.Фромм масъалаи онтологиро пеш мегузорад, ки кадоме беҳтар аст: соҳибият ба предметҳои олами моддӣ ё мавҷудияти комилан бошуурона даркшуда [119, 52].

Э.Фромм ҳувияти арзишҳоро мавриди тафаккур қарор дода онро ба эътибор мегирад, ки «ин ду кӯшиши мутазод дар ҳувияти ҳар инсон нуҳуфта аст ва метавон хулоса кард, ки дар сохтори иҷтимоии арзишҳо меъёрҳои онҳоро муайян метавон кард, ва донист, ки кадоме аз ин ду саъю кӯшишу афзалият пайдо мекунанд».

Теологи рус, намояндаи интуитивизм ва персонализм Н.О. Лосский чунин меҳисобад, ки ҳар унсури ҳастӣ худ арзиш аст. Ӯ арзишҳои идеалӣ ва реалӣ (воқеӣ), мутлақ ва нисбӣ, объективӣ ва субъективӣ, мусбат ва манфиро тасниф менамояд. Бояд тазаккур кард, ки дар ин маврид Н.О. Лосский арзишҳоро таҳқиқ намуда, диққати махсусро ба арзишҳои мутлақе равона месозад, ки онҳоро на ҳама мутафаккирон эътироф кардаанд. Ӯ зикр мекунад: «Арзишҳои мутлақ, чун ҳамаи дигар арзишҳо аввалиятро соҳибанд ва наметавонанд тавассути ин ё он мабдаи дигар исбот ёбанд, онҳо метавонанд танҳо бевосита дида шаванд ва маърифат гарданд».

Олими дигари рус Д.А. Леонтев тартиби таснифоти дигари арзишҳоро пешниҳод мекунад:

– идеалҳои иҷтимоӣ ҳамчун арзиш;

– арзишҳо ашёӣ ҳамчун татбиқи идеалҳои иҷтимоӣ;

– арзишҳои шахсӣ дар сохтори шахсият дар шакли майлонҳои арзишӣ ворид шудани идеалҳои иҷтимоӣ.

Аз нуқтаи назари Леонтев идеалҳои иҷтимоӣ – шакли аввал ва асосии арзишҳо мебошанд. Дар адабиёти муосир арзишҳо чунин тафсир ва аҳамият доранд:

– ашёе, ки ин ё он талаботи инсонро қонеъ мегардонад;

– идеал ва ё тасаввурот дар бораи майлу хоҳиш;

– чизи аҳамиятдоре барои фард ё гурӯҳи иҷтимоӣ.

Дар алоқамандӣ ба ин мафҳумҳо, арзишҳо ба ҳаётан муҳим, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, динӣ ва оилавию хешутаборӣ тақсим мешаванд.

Анисимов таснифи арзишҳои антропоаксиологиро аз муайян кардани мафҳуми «таркиботи арзишҳо» шуруъ мекунад. Аз нигоҳи ӯ «…агар арзишҳои маълумро мувофиқи муҳиммияти онҳо ба дараҷаҳо, ба мавҷудият ва инкишофи пешравандаи он тақсим намоем, пас таснифе ба вуҷуд меояд, ки дар шакли таркиботи махсуси арзишҳо тибқи принсипи субординатсия тобеъ ва ҳар як арзиш дар робита ба арзиши болотар нақши восита, шароит ё натиҷаеро мебозад, ки аз он арзиши баъдӣ сарчашма мегирад. Бояд қайд кард, ки одамон нисбат ба таркиботи арзишҳо дар антропоаксиология назарҳои гуногун ва ҳатто, метавон гуфт, ихтилофнок доранд. Баъзеҳо арзишҳои ҷисмонӣ, дигарон – арзишҳои маишатии шахсӣ, камтари онҳо – арзишҳои фавқулшахсиро эътироф мекунанд. Ҳамин тавр, ҳар ҷомеа ва ҳар синф сохтори арзишҳои худиро месозад.

Анисимов дар антропоаксиологияи худ ҳамчун материалист арзиши олии ҳастиро дар инсон ва инсоният мебинад ва арзишҳои дигарро танҳо дар алоқамандӣ ба инсон эътироф мекунад. Дар ҳадди охир ӯ таснифи зерини арзишҳоро тартиб медиҳад:

– арзишҳои олӣ (инсон ва инсоният);

– арзишҳои ҳаёти моддӣ (захираҳои табиӣ, меҳнат, олот ва маҳсули меҳнат, ки барои мавҷудияти инсон ва аз нав тавлидшавии он зарур аст);

– арзишҳои ҳаёти иҷтимоӣ (муассисоти гуногуни ҷамъиятӣ, ки дар рафти инкишофи пешравандаи инсоният пайдо шудаанд, ниҳодҳои ҷамъиятӣ, ки барои фаъолияти ҳаётии ҷамъият заруранд (оила, миллат, синф, давлат);

– арзишҳои ҳаёти маънавӣ ва фарҳангӣ (донишҳои илмӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, ки ба хотири қонеъ намудани талаботи маънавии одамон нигаронида шудааст). Инчунин, дар нисбати таснифи арзишҳо, Анисимов чунин мафҳумҳоеро чун «арзишнок», «ғайриарзишӣ» ва «зиддиарзишӣ», «арзишҳои бештар муҳим» ва «арзишҳои на он қадар муҳим» номбар мекунад. Аз ин лиҳоз, мутафаккир таснифи арзишҳоро дар заминаи талаботи он мақсаднок ва имконпазир меҳисобад. Хусусияти дигари консепсияи Анисимов доир ба арзишҳо дар он зоҳир мешавад, ки ӯ «арзишҳои худовандиро» хаёлӣ меҳисобад.

Дар арзишшиносии муосир баррасии арзишҳои ахлоқӣ ва ё хулқӣ аҳамияти калидӣ дорад, зеро ки ин гурӯҳи арзишҳо дар сохтори арзишҳои идеалӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунанд. Дар оянда кори мо ба ин гурӯҳи арзишҳо алоқаманд аст, аз ин рӯ, мувофиқи мақсад хоҳад буд, то ба ҳадди зарурӣ назарияҳои муҳимми ба ин мавзуъ робитадоштаро таҳлил намоем.

Дар ҷараёни омӯзиши арзишҳои ахлоқӣ мо назарияҳои гуногуни ахлоқиро мушоҳида мекунем, ки ноаён (имплитситӣ) ё аён -эксплисит ахлоқ ва таърифи онро баён менамоянд. Дар ин робиат қабл аз ҳама, ба ду масъалаи асосӣ диққат бояд дод: якум, таҳти мафҳуми ахлоқ (мораль) чӣ дар назар дошта мешавад?; дуюм, чӣ гуна амал ва сифати инсониро ва дар кадом лаҳазот метавон ба ахлоқият тааллуқ донист?

Дар аввал мухтасар ва мушаххас ба саволи дуюм ҷавоб медиҳем, сипас муфассал масъалаи якумро баррасӣ мекунем. Чуноне Анисимов қайд мекунад: «…на ҳамаи сифатҳои инсон метавон мавзуи муҳокимаҳои ахлоқию арзишӣ бошад. Аниқтараш, ҳама гуна сифат, вале на дар ҳама вазъу ҳолат. Сифати инсон ҳамон лаҳза мавриди баҳогузории ахлоқӣ мегардад, ки он барои атрофиён аҳамияти мусбат ва ё манфиро (муфид ва ё зарарро) касб карда, дар робита бо он ба

дигарон зоҳир шавад, яъне ин сифатҳо дар рафтор ва аъмоли инсон ба назар расад.

Ҷавоб ба саволи аввал ҳарчанд ки одию равшан намояд ҳам, аммо дар воқеият ин тавр нест. Чуноне Дробнитский зикр менамояд, мафҳуми «ахлоқ» ҳамчун категория муайян нашуда аст: «ба он хотир, ки сухан ҳамеша сари «як чизи маълум» мерафт ва онро махсус маълум намудан зарур набуд». Мувофиқи андешаи Дробнитский мафҳуми ахлоқ, новобаста ба он, ки дар аҳди қадим коркард шуда бошад ҳам, таърифи назариявии он танҳо солҳои 50-уми қарни XX оғоз гардидааст. Ҳарчанд Дробнитский мафҳуми ахлоқ ва феълу хӯ (мораль и нравственность)-ро ҳамчун муродиф истифода мебарад, дар айни замон ӯ қайд мекунад, ки ахлоқ метавонад чунон маъное дошта бошад, ки ба мафҳуми феълу хӯ робитаи мустақим надошта бошад.

Ӯ зикр мекунад, ки «агар дар феълу хӯ, пеш аз ҳама, институти иҷтимоиеро бубинанд, ки ба ҳадафҳои ташкилот ва танзими ҳаёти ҷамъиятӣ хидмат мекунад, ахлоқ бошад, аксаран дар шакли низоми рафторҳои оммавӣ муқаррар аст ва табиати ӯ сабабу қонуниятҳои табиӣ ва иҷтимоӣ доранд. Дробнитский фаҳмиши дуҷиҳатаи ахлоқро пешниҳод карда, тасдиқ мекунад, ки маҳз бо ҳамин сабаб ду соҳаи ба ҳамдигар новобаста – иҷтимоиёти ахлоқ ва фалсафаи ахлоқ пайдо шуданд. Гегел ин хусусияти ахлоқро равшан сохта, онро бо ду истилоҳ – «ахлоқ» ва «феълу хӯ, одобогоҳӣ» ифода мекунад. Чун таърифи назариявии ин мафҳумҳо мақсади таҳқиқоти мо нест, мо ба мурочиат кардан ба назария ва таърифҳои мавҷудаи барои мо нисбатан муҳим ва зарур, маҳдуд мешавем. Дар «Луғати энсиклопедии фалсафӣ» мафҳуми «ахлоқ» ба таври зерин тавзеҳ меёбад: «Ахлоқ, (истилоҳи мораль дар назар аст) аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, moralis – хушфеълу боодоб, аз mos, mores – одат, хулқ, рафтор) хулқият - яке аз

тарзҳои асосии танзими меъёрии инсон дар ҷомеа, шакли махсуси шуури ҷамъиятӣ ва муносибати ҷамъиятӣ (муносибатҳои ахлоқӣ) аст».

Андешаи олими шӯравӣ Б.О. Николаевич низ қобили таваҷҷуҳ аст, ки исбот мекунад: «баҳогузории ахлоқӣ амалҳоеро, ки дар шароити набудани имконияти интихоб анҷом дода мешаванд, фаро намегардад. Ин гуна амалҳо амали ғайриахлоқӣ аст».

Файласуфи дигари Шӯравӣ, ахлоқшинос А.А.Гусейнов дар мавриди антропоаксиология тафаккур намуда дар бораи ду ҷиҳати ахлоқ ҳарф мезанад: дар бораи рафтори амалии одамон аз як тараф, меъёр ва тасаввуротҳои таъйиншуда аз тарафи дигар. Инчунин, дар ахлоқшиносии марксистӣ ду тарафи ахлоқ: фаъолиятӣ-амалӣ ва идеалӣ-маънавиро фарқ мегузоштанд. Аз нуқтаи назари файласуфи олмонӣ О.Шпенглер бошад: «Ахлоқ – ин сабаби амали бошуурона ва мураттаби рафтори шахсӣ аст, ки ҳама вазъиятҳои ҳаёти воқеӣ ва хислатро сарфи назар мекунад». Яъне, ахлоқ хислати моро муайян карда, ба фароҳам омадани вазъияту ҳолатҳои мухталиф дар ҳаёти мо, шароит муҳайё менамояд.

Баррасии масъалаҳои дохилиилмиро ба охир расонида, зикр мекунем: дар миёни масъалаҳои зиёде, ки арзишшиносии муосир, хусусан антропоаксиология бояд ҳаллу фасл намояд, масъалаи пайдоиш ва паҳншавии буҳрони имрӯзаи ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоссаи моро ҷалб менамояд. Дар алоқамандӣ ба ин масъала ба таври васеъ таъсири дидгоҳҳои постмодерн ба назар расида, мушкилоти зуҳури нигилизми фарогир, бегонашавии қишрҳои аҳолӣ, аз маънавиёт дур шудани одамон ва беэътиноӣ ба арзишҳои ахлоқӣ арзёбӣ мегардад. Ин масъалаҳо ҳамчун яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти мо дар параграфи оянда ҳамаҷониба баррасӣ ва дар тамоми ҷараёни кори мо пайваста таҳлил мегардад.

Баррасии масъалаҳои мубрами арзишшиносиро аз мавқеи сайри таърихӣ-фалсафӣ натиҷагирӣ намуда, метавон хулоса кард:

– арзишшиносӣ ҳамчун шоха ё ҷараёни алоҳидаи фалсафӣ дар ҳудуди асрҳои XIX-XX дар фалсафаи Ғарб ташаккул ёфта, арзишҳоро ҳамчун илм объекти омӯзиши худ интихоб намуд. Категорияҳои марказии арзишшиносӣ арзиш ва баҳогузорӣ мебошанд;

– дар марҳилаи аввали ташаккули арзишшиносӣ намояндагони идеализм саҳми калон дошта, ба инкишофи минбаъдаи он инчунин, файласуфони материалист низ мусоидат намуданд;

– масъалаҳои мубрами арзишшиносиро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: масъалаҳое, ки дар дохили худи арзишшиносӣ мавҷуданд ва масъалаҳое, ки арзишшиносӣ ҳамчун илм онҳоро бояд ҳаллу фасл созад;

– дар таркиби арзишшиносӣ методҳои гуногуни омӯзиши арзишҳо коркард шудаанд, аммо дар назар дошта шудааст, ки ин раванд ҳанӯз ба анҷом нарасидааст ва солҳои охир бо афзудани таваҷҷуҳи олимон ба арзишшиносӣ, методҳои нав таҳия мешаванд;

– арзишҳои антропологӣ ҳамчун предмети омӯзиши антропоаксиология аз нуқтаи назар ва методҳои гуногун тавзеҳ меёбад, аммо ҳамаи муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки арзиш, пеш аз ҳама, як чизи муҳим барои инсон буда, онро инсон болотар аз ҳама мегузорад ва дар ҳеҷ як ҳолате онро қурбон нахоҳад кард;

– назари антропоаксиологиро метавон бе истисно барои баррасӣ ва таҳлили ҳама зуҳурот ва мавзуъҳои ҷамъиятӣ истифода намуд;

– ҳарчанд ки намояндагони мактабҳои мухталифи фалсафӣ низомҳои зиёди арзишҳоро таҳқиқ намудаю пешниҳод карда бошанд ҳам, омӯзиши онҳо нишон медиҳад, ки то ҳол гурӯҳи арзишҳои антропоаксиологӣ аз лиҳози назариявӣ комилан муайян нашудаанд,

яъне сохтори равшани чунин арзишҳо ҳанӯз муқаррар нашуда ба омузиш ниёзманд аст;

– дар сохтори арзишҳои антропоаксиологӣ низомҳои гуногуни арзишҳо ҷой доранд ва барои ба олами арзишҳо дуруст ворид шудан, инсон ва ё гурӯҳи одамонро зарур аст, принсипҳои муайянеро таҳия созанд ва ё пайгирӣ намоянд;

– дар таркиботи арзишҳо ҷойи асосиро гурӯҳи арзишҳои ахлоқӣ ишғол мекунанд, ки дар раванди омӯзиши масъалаҳои муосири инсоният мавриди таҳқиқи дубора ва таҳти таҷдиди назари шадид қарор гирифтаанд;

– арзишшиносӣ дар ҳоли ҳозир ба ҳалли масъалаҳои зиёди мубраме машғул аст, ки дар байни онҳо, аз нигоҳи мо, масъалаи муҳим

– ин бартараф намудани буҳрони муосири ахлоқӣ, махсусан ифшои омилҳои асосӣ ва манобеи пайдо шудану паҳн шудани он, аст.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ АКСИОЛОГИИ МАСЪАЛАИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ ҶАЛОЛУДДИНИ БАЛХИИ РУМӢ

Дар кишварҳои исломӣ ба ахлоқшиносӣ – ҷамъи арзишҳои маънавӣ таърихан аҳамияти бузург дода, дар таълимоти гуногун онро муаррифӣ кардаанд. Онҳо бо эъмори аксиосфера ва низоми арзишҳои хос, дар пайгирии як равиш худро маҳдуд насохта, бештар дар синтези арзишҳо иштирок ва таъмини ҳузури муштараки мавзуъҳои тоисломӣ ва ақидаҳои арастуӣ, афлотунӣ, навафлотуния, равоқияро бо таъкидоти эътиқодмандии исломӣ эҷод намуданд. Чунин муроҷиату чунин кӯшишҳо дар ҳамаи таълимотҳо мушоҳида гашта, аввалан ба фарохии зеҳнии муаллифони он, дуюм ба фасеҳӣ ва ғановати ақлонии таълимоти ҳамин мактабҳои этикӣ –фалсафӣ ишора мекунад.

Ҷиҳати фарққунандаи антропоаксиология ва муҳити аксиологии таълимоти мутафаккирони Шарқ дар қаринаи хусусиятҳои умумии ислом дар фазои муносибат ба тану пайкари ҷисмонӣ ва мавҷудияти заминӣ, ташреҳи аслияти азоб ва гуноҳ, вазифа ва принсипи уҳдадориҳо, муносибат ба порсогию парҳезкорӣ ва зоҳидӣ метавон муқаррар кард. Инчунин, дар он масъалаҳои зайлро аз қабили масъалаи комилият ва навнигорӣ, масъалаи қотеъияти дастуру амри ахлоқиро низ ҷудо мебояд кард. Муҳити нави аксиологӣ андешаи дар оину эътиқоди устувор қарордоштаро ба куллӣ ба афкори ахлоқии Шарқ накӯчонда, моҳият ва мазмуни таълимоти худро ба таври эҷодӣ таҳия сохта аст. Омӯзиши масъала ва мулоҳизаҳои зайл нисбат ба таълимоти антропоаксиологии Мавлоно, ки дар он инсон масъалаи меҳварӣ ва марказии таълимоти ӯст, бегона нест. Таҳлили арзишҳои онтологии таносуби қудсӣ ва заминӣ дар антропоаксиологияи Мавлоно яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами шинохти муҳити аксиологии мутафаккир ба шумор меравад.

## 2.1. Моҳият ва ҷавҳари антропоаксиологияи инсони қудсӣ ва заминӣ дар афкори Мавлоно

Ҷалолуддин Муҳаммади Балхии Румӣ (1207-1274) аз зумраи он мутафаккирони орифу нодири тоҷик ва мусулмонии қарни XIII аст, ки ном ва таълимоти ӯ на танҳо фаромӯш нашудааст, балки яке аз зиндатарин ва дар бисёре аз нуқоти ҷуғрофии шуҳрати худ ибратомӯзу тақлидпазир буда, таъсири фарҳангофарии ӯ боқӣ мондааст. Ин, пеш аз ҳама, ба ӯ ва меросаш дар Туркия – ватани дуюм ва ниҳоии ӯ дахл дорад, ки Мавлоно он ҷо барвақт шуҳратёр буда, рамзи фарҳангиву тиҷоратии (бренд) ин кишвар гашта, таълимоти ӯ, анъанаи мактаби дарвешони арғуштӣ (чархзан, рақскунанда) – Мавлавия миллионҳо зиёраткунандаро ҳар сол, хусусан 16-уми декабр – рӯзи фавт ва мадфун шудани ӯ дар шаҳри Қуния ҷалб менамояд, ки онҳо шоҳид ва иштироккунандагони намоишномаи боҳашамати театрикунондашуда мегарданд. Дар бораи ӯ филмҳо ба навор мегиранд, ки шараф ва шуҳрати бемислу монандеро касб мекунад.

Инро метавон ба Тоҷикистон низ мансуб донист, ки Ватани таваллуди ӯ буда, рӯзи мавлуди ӯ ҳар сол, оғоз аз соли 2006 26-уми сентябр дар тамоми кишвар, бо фармони Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҷашн гирифта мешавад. Ба номи ӯ ноҳия, кӯча ва хиёбонҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, мактабҳо, муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои савдою тарабхонаҳо ва меҳмонхонаҳо гузошта шуда, асарҳои ӯ бо теъдоди калон нашр ва харидорӣ мегарданд.

Ҷалолуддин ибни Баҳоуддин Султону-л-уламо Валад ибни Ҳусайн ибни Аҳмад Хатибӣ машҳур бо номи Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ машҳур, дар деҳаи Сангтӯдаи ноҳияи Вахши Тоҷикистон, ки он вақт ба ҳайати Балх, яке аз калонтарин шаҳрҳои асримиёнагӣ ва имрӯзи Афғонистон аст, дар оилаи фақеҳ ва илоҳиётшинос, мутааллиқ ба авлоди фақеҳони машҳур Баҳоуддини Валад, таваллуд шудааст.

Баҳоуддин хидматчии дарбори волии ҳамонвақтаи Балх – Хоразмшоҳиён буд ва чуноне дар «Маориф» худи ӯ менависад, зимни таваллуди писараш дар Сангтӯдаи Вахш хидмат мекард. Ба хотири ҳифзи оила, каме пештар аз ҳамлаи муғулон, ӯ маҷбур мешавад ба нияти зиёрати Макка ва маносики ҳаҷ, Балхро тарк намояд.

Ин дар тифлӣ ва ё дар ҷавонии Ҷалолуддин, вақте хонаводаи падараш ба Самарқанд, Бухоро, Нишопур ташриф оварда, маросими ҳаҷро анҷом дода, мехоҳад тавассути Туркияи имрӯза баргардад, вале чун дар Ватан аллакай муғулҳо фармонфармоӣ мекарданд, рух дода буд. Онҳо аввал дар Loранд, сипас қатъиян дар Қуния иқомат ихтиёр мекунанд. Хусусан, замоне ки шуҳрати фақеҳ ва илоҳиётшиноси шинохта Баҳоуддини Валад пештар аз ӯ парвоз мекард, ӯро бо ифтихор чи дар шаҳрҳои калон ва чи дар деҳкадаҳои хурд, пешвоз мегирифтанд. Ҳокими Қуния, ки он вақт пойтахти султонҳои Салҷуқӣ буд, Алоуддин Кайқубод барои Баҳоуддин Валад мадраса месозад, вақте ӯ розӣ мешавад, ки раисии мадрасаро ба уҳда гирад, шахсан ӯро пешвоз мегирад. Ҳамин тавр, оилаи онҳо дар Қуния зиндагӣ ихтиёр намуда, Ҷалолуддин ин ҷо оиладор ва соҳиби ду фарзанд мегардад. Ин ҷо дар маҷмааи зебое ӯ бо тамоми авлодаш мадфун шудааст. Мероси қимматбаҳои ӯ ба ҷуз аз «Маснавии маънавӣ», аз маҷмуи ғазалҳо «Девони ғазалиёти Шамси Табрезӣ (ғазал, қасида ва рубоиҳо)», «Фиҳӣ мо фиҳӣ» (маҷмуи андарзҳо ва суханҳои Мавлоно), «Мавоиз ё Маҷолиси сабъа» (маҷмуи сухан дар маҷолис), «Мактубот» иборат аст, ки чандин маротиба ба забонҳои гуногуни олам ба нашр расидаанд. «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Балхии Румӣ яке аз асарҳои шуҳратёри қарни XIII аст, ки муаллифони гуногун беш аз 150 маротиба онро шарҳ додаанд.

Ин яке аз асарҳои нодире дар Шарқ, ки дар баҳогузории аҳамияти он ду нуқтаи назари мухталиф мавҷуд аст. Агар баъзе мутафаккирон

онро зиёновар ва қобили нобоварӣ (Ин каломи сӯфиёни шум нест, Маснавии маънавии Рум нест) ҳисобанд, Шайх Баҳоӣ ӯро агар пайғамбар нагӯяд ҳам, соҳиби Китоб медонад:

Ман намегӯям, ки он олиҷаноб,

Ҳаст пайғамбар, вале дорад китоб.

Маснавии ӯст Қуръони мудил,

Ҳодии баъзеву баъзеро музил. [48, 28]

Мавлоно аз қабили он мутафаккиронест, ки инсонро дар меҳвари тамоми махлуқот гузошта, инкони мукаммалшавандаро тараннум менамояд. Чуноне ки дар сарсухан ба Маснавӣ дар бораи қисмати «Найнома», ки зебоии Ватани воқеии худро ситоиш мекунад, он на танҳо дар бораи савту наво ва мусиқӣ, балки дар бораи чӣ тавр роҳи номукаммалии маънавиро мардон ва занон бартараф намуда, ба сӯйи қуллаҳои комилият боло мешаванд. Ҳамин тавр, «Найнома» ин ҳамон огоҳиест, ки мусофирро ба раванди худмаърифаткунӣ раҳнамоӣ мекунад.

Инсоне, ки Мавлоно тавсиф мекунад, ин хулосаи печидаи худовандии масъалаи ишқ ва ҷозиба аст, ки Офаридгор озмоиш мекунад. Ана ҳамин сабаби офаридани инсон аст, ки аз чизе ва барои чизе сохта мешавад, то ки ишқи Холиқро ба олам то тавонад татбиқи воқеӣ намояд. Бо ин муқаддима Ҷалолуддини Балхӣ усули таҳаммулпазирии сӯфиёнро дар фаҳмиши олам ва инсон ифшо месозад, ки он ҷо категорияи ҳақиқат дар маънои воҳиди худ дарк гардида, бо тарзҳои гуногун аз ҷониби динҳои мухталиф, тафсир мешавад. Румӣ тавассути консепсияи «инсони универсалӣ (кулл) ва комил» роҳи наҷибонаи иттиҳодро бо тамоми инсоният, тавассути бартарафсозии маънавии ҳама фарқиятҳои (динӣ, табақотӣ, нажодӣ, гендерӣ ва ғ.) худро аз одамони дигар, дар муҳаббат ба Худо мебинад.

Аз нигоҳи таҳлили антропоаксиологӣ низ назарияи фалсафӣ-динии монизми мутлақи Румӣ (эътирофи мавҷудияти ҷавҳари худовандӣ) синтези таълимоти ортодоксалии мусулмонӣ ва ирфонии тасаввуф аст. Назарияҳои калидии Мавлонои Румӣ, ки илоҳиётшиносии тасаввуфро ғанӣ гардонидааст, ин «воҳидияти Худованд ва ҳастӣ, ягонагии олам», «зуҳури ҳақ дар олам», «инсони комил», «худошиносии оинагун» мебошанд, дар таҳия ва интишори арзишҳои нав таъсиргузор будаанд. Дар назарияи «ваҳдати вуҷуд» Румӣ тамоми таҷрибаи ақлӣ ва ирфонии тасаввуфро ҷамъ карда, ин таҷрибаро аз мавқеи офариниши рӯшноӣ ва онтологӣ, пантеизм (олам дар Худованд қарор доштаю олам тарзи зуҳури Худованд буда, яъне «ҳама ӯст») таъбир мекунад. Инсон сифатҳои (атрибутҳои) худовандиро (ишқ, озодӣ, эҷод, эътиқод ба Худо ва ғ.) дошта, маркази олам ва микроолами комилест, ки дар қалби хеш – олами кабирро (пайваст ба олами рӯҳ) ҷой додааст.

Дар муҳити аксиологии мутафаккир назарияи маъруф дар равияҳои тасаввуф доир ба олами кабиру олами сағир, ки мувофиқи он инсон бар тамоми махлуқоти дигари олам бартарият дорад, моҳият ва ҷавҳари антропоаксиологияи Мавлоноро ташкил менамояд. Аз ин лиҳоз мавқеи мутафаккир дар мавриди олами кабир ва олами сағир марбут ба дарки ҳувияти инсон решаҳои амиқи таърихӣ дорад. Ба қишрҳои амиқи ҷаҳонбинии бориз асотир, шуури асотирии ба он алоқаманд, аз ҷумла, эътиқоди маздоия ҳамчун саромади афкори фалсафии халқҳои тоҷику форс он чун қисми ҷудонашавандаи таълимоти маънавӣ мебошад. Чуноне ки дар ин мавзуъ А.Турсунов менависад, «тарзи баён ва ё тасаввурот дар бораи олами сағиру кабир дар Ғарб ва Шарқ метавонад фарқ дошта бошад».

Таърифи «ваҳдати вуҷуд», ки бунёди ғоявии антропоаксиологияи Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро ташкил карда аст, дар Энсиклопедияи

советии тоҷик ба ин тавр шарҳ дода шудааст: «Ваҳдати вуҷуд – таълимоти тасаввуфии пантеистӣ, ки фақат Худоро реалияти ягона мешуморад… пайравони ваҳдати вуҷуд ақида доранд, ки фақат як ҳақиқат ва моҳияти реалӣ (яъне, Худо – А.А.) вуҷуд дорад. Олами ашё, яъне дунёи моддӣ таҷаллии пурраи ҳақиқати мутлақ буда, фонӣ ва бебақо мебошад» [132, 597]. Аксари муҳаққиқон таърифи «ваҳдати вуҷуд»-ро ба ҳамин маънӣ додаанд. Аз ҷумла, мутафаккири асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ низ ҳамин ақидаро тарафдорӣ намуда, мегӯяд: «Мавҷуди ҳақиқӣ яке беш нест ва он айни вуҷуди Ҳақ ва Ҳастии Мутлақ аст» [126, 96].

Дар масъалаи фарогирии масъалаҳои «ваҳдати вуҷуд» ақидаи аксари муҳаққиқони тасаввуф як хел аст, аммо сарчашмаи ин таълимотро аз манбаъҳои гуногун ҷустаанд. Бархе аз муҳаққиқон сарчашмаи онро аз равияи фалсафӣ-ирфонии навафлотуниён ва гностикҳо медонанд, қисме аз дини ислом. Аз ҷумла, Р. Ҳодизода мегӯяд: «…аммо чунин зуҳуротро танҳо нақшу таъсири афкори навафлотуниён пиндоштан хатои маҳз аст. Он ки дар табиат ва ашёву мавҷудоти табиӣ инъикоси симои илоҳӣ мушоҳида мешавад, дар ояи шарифаи Қуръон сареҳан ба назар мерасад…» [126, 96].

Профессор А.Муҳаммадхоҷаев таъкид мекунад, ки «Сарчашмаи асосии таълимоти вуҷудиёнро ақидаи ҷӯгиёни Ҳинд, ки дар китоби онҳо «Ҷуки бишаст» инъикос ёфтааст, ташкил медиҳад. Фарқияти таълимоти вуҷудиён ва ҷугиёни Ҳиндро танҳо фарқияти истилоҳӣ ва забонӣ ташкил медиҳад» [23, 270]. Дар ин ҷо ақидаи охирро тарафдорӣ менамоем, зеро таълимоти ҳиндуҳо, ки масоили мазкурро хеле вусъат додаанд, пештар пайдо шудааст.

Чуноне ки қайд мегардад, дар тариқаи тасаввуф ҳар кӣ ба мартабаи бақо расид, ин маъниро дарёфтааст. Чунончи, Фахриддини Ироқӣ дар «Ламаъот»-аш мегӯяд: «Маҳбуб дар ҳар оина, ҳар лаҳза

рӯйи дигар намояд… Аз ин ҷост, ки дар як сурат ҳаргиз ду рӯй нанамояд… лоҷарам, ҳар ошиқе аз Ӯ нишоне диҳад ва ҳар ориф иборате дигар гӯяд ва ҳар муҳаққиқе ишорати дигар кунад. Сухани ҳама ҷуз ин (ваҳдати вуҷуд – А. А.) нест» [52, 34].

Дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба ин маънӣ муҳити арзишии нодир ва хоси худро чун таҳаммулпазирии мутлақ муаррифӣ намуда мегӯяд: «Агарчи роҳҳо мухталиф аст, аммо мақсад якест. Намебинӣ, ки роҳҳо ба Каъба бисёр аст. Баъзеҳоро роҳ аз Рум аст, баъзеро аз Шом ва баъзеро аз Аҷам ва баъзеро аз дарё, аз тарафи Ҳинду Яман. Пас агар дар роҳҳо назар кунӣ, ихтилофи азим аст, аммо ба мақсуд назар кунӣ, муттафиқанд ва ягона» [2, 85].

Дар дини ислом манобеи идеявии «ваҳдати вуҷуд»-ро зуҳди Ҳасани Басрӣ, ишқи Робиаи Адвия, равшангариҳои Зунун, баёнияҳои Боязид ва Мансур поягузорӣ намудаанд, аммо танҳо ҳамон вақт ин матлаб равшан мегардад, ки дар тафсири Муҳаммади Ғаззолӣ масъалаи гуногунии моҳият ва ҳастӣ дар тасаввуф пайдо шуд.

Савол ба миён меояд: агар идеяи «ваҳдати вуҷуд» аз манбаъҳои гуногун пайдо шуда, дар замони Ҳасани Басрӣ, Робиаи Адвия ва Зунуни Мисрӣ инкишоф ёфта, андешаҳои Боязиди Бистомӣ ва Мансур доир ба ин масъала шуҳратманд шуда бошанд, пас чаро «ваҳдати вуҷуд»-ро ба Ибни Арабӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ алоқаманд месозанд?

Гап сари он аст, ки фақат қарнҳои XII ва XIII тасаввуф ҷанбаи амалии худро бо назария музайян намуда назарияи тасаввуф ба таври мукаммалу том таҳия гардид, то ин замон тарзи амалии он вуҷуд дошт ва мавзуи «ваҳдати вуҷуд» дар шакли таълимоти тасаввуф дар мактаби ирфонӣ-фалсафии орифоне, чун Ибни Арабӣ, Ҷалолуддини Балхӣ ва дигарон ташаккул меёбад, ки он ҷанбаи илмӣ гирифта, дар баъзе дараҷот моҳияти илмӣ ва фалсафиашро ифшо намуд.

Ҷисм зоҳир, рӯҳ махфӣ омадаст,

Ҷисм ҳамчу остин, ҷон ҳамчу даст [7, 31].

Тибқи андешаи Мавлоно ин ҷанбаро танҳо ҳамоне пай мебарад, ки қонуни Худовандро пайравӣ кардааст. Инсон, чун дар бораи моҳияти хеш андеша меронад, парвози фарози худро ба сӯйи Ҳақ оғоз мекунад. Агар, мегӯяд Мавлоно, дар ин сайр ту бо мо нестӣ, пас манзараи ҳастии олам дар чашмони ту нуқсондор аст.

Кулли олам сурати Ақли кулл аст,

К-ӯст бобои ҳар он, к-аҳли «қул» аст.

Чун касе бо Ақли кулл куфрон фузуд,

Сурати Кулл пеши ӯ ҳам саг намуд [7, 425].

Мавлоно муҳити арзишшиносии худро тавре сохта аст, ки дар ҳама ашёи олам рӯҳ (нур)-и Худоро мебинад. Худоро ба Офтоб ва ашёи оламро ба зарра монанд мекунад. Чунин мепиндорад, ки ин заррот бояд ба он нури бузург ҳамроҳ шаванд, то бузург шаванд ва барои ба ин бузургӣ расидан ин заррот бояд худро ба ин Бузургвор бибахшанд. Дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» мутафаккир мегӯяд: «Пеши Ӯ ду «ано» намегунҷад. Ту «ано» мегӯйӣ ва Ӯ «ано». Ё ту бимир пеши Ӯ ё Ӯ пеши ту бимирад, то дуӣ намонад. Аммо он ки Ӯ бимирад, имкон надорад, на дар хориҷ на дар зеҳн… Ӯро он лутф ҳаст, ки агар мумкин будӣ, ту намебудӣ, то дуӣ бархостӣ. Акнун чун мурдани Ӯ мумкин нест, ту бимир, то Ӯ бар ту таҷаллӣ кунаду дуӣ бархезад. Ду мурғро бар ҳам бандӣ бо вуҷуди ҷинсият ва он чӣ ду пар доштанд ба чаҳор мубаддал шуд, намепарад, зеро ки дуӣ қоим аст. Аммо агар мурғи мурдаро бар ӯ бандӣ, бипарад, зеро ки дуӣ намондааст. Офтобро он лутф аст, ки пеши хаффош бимирад, аммо чун имкон надорад, мегӯяд, ки: «Эй хаффош, лутфи ман ба ҳама расидааст, хоҳам, ки дар ҳаққи ту низ эҳсос кунад. Ту бимир, ки чун мурдани ту мумкин аст, то аз нури ҷамоли ман баҳраманд гардӣ ва аз хаффошӣ берун ой ва анқои қофи

қурбат гардӣ» [2, 44]. Дар ҷойи дигар Мавлоно ҷаҳони моддиро ба дӯғ ва «ҷон»-и онро ба равғани дӯғ монанд кардааст:

Равған андар дӯғ бошад чун адам,
Дӯғ дар ҳастӣ баровАрда алам.
Он кӣ ҳастат менамояд, ҳаст ӯст,
В-он кӣ фонӣ менамояд асл ӯст [7, 419].

Масъалаи пайдоиши оламу инсонро ба таври диалектикӣ ҳал карда Мавлоно онро чун гузариши пайдарҳами кайфиву камии ҳастӣ мепиндорад. Ба фикри вай, инсон ҳар замон ба сӯйи асли хеш ҳаракат дорад. Вай дар аввал дар шакли ҷамодӣ вуҷуд доштааст, сипас дар шакли наботиву ҳайвонӣ ва дар охир дар шакли инсонӣ омадааст ва ин зина давомдор мебошад. Ин маънӣ дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» ба ин тариқа омадааст: «Ҳамчунон, ки аз оғоз ӯ (инсон. – А. А.) одам буд, ба вуҷудаш овард. Ва аз тавилаи ҷамодӣ ба наботиаш овард. Ва аз наботӣ ба ҳайвонӣ ва аз ҳайвонӣ ба инсонӣ ва аз инсонӣ ба мулки билониҳоятӣ. Пас ин ҳама барои он намуд, то муқир шавӣ табақоти дигарро, ки дар пеш аст» [2, 48]:

Омада аввал ба иқлими ҷамод,
В-аз ҷамодӣ дар наботӣ уфтод.
Солҳо андар наботӣ умр кард,
В-аз ҷамодӣ ёд н-овард аз набард.
В-аз наботӣ чун ба ҳайвонӣ фитод,
Н-омадаш ҳоли наботӣ ҳеҷ ёд,
Боз аз ҳайвон сӯйи инсониаш,
Мекашад он холиқе, ки дониаш [7, 435].

Ҷолиб аст, ки чунин бозёфтҳои Мавлоноро аз тарҷумаҳои олмонии Маснавӣ ва Девони Мавлоно дарёфта, Гегел уро ҳамчун як диалектик шинохтаву муаррифӣ менамояд.

Дар муҳити арзишшиносии Мавлоно ишқ мақому мартабаи махсус дорад. Оғози муҳаррикии ҳама чизро Мавлоно аз ишқ медонад. Ишқ сабаб ва натиҷаи ҳама чизест, ки ба хотири он Офаридагор олами махлуқ ва дар он инсонро халқ кард. Ишқ муҳаррики ҳама табаддулоти ҳастӣ аст. Сабаби ҳаракати ҳама ашёи ҳастӣ ишқ аст, ки аз Худованд бармеояд ва ба Худо бармегардад ва дар ҳар зина, аз нигоҳи Мавлоно, мусофири роҳи ҳақ ба ӯ наздиктар мешавад:

Гар набудӣ ишқ ҳастӣ кай будӣ,

Кай задӣ нон бар туву кай ту шудӣ [7, 496].

Чуноне ки бармеояд, ҳама мавҷудот, аз нигоҳи Мавлоно дар маҷмуъ, дар пояи ваҳдат қарор доранд. Аз ин мақом антропоаксиологияи Мавлоно тарҳу маъниии тоза пайдо карда дидгоҳи наверо нисбат ба инсон пешниҳод месозад. Инсон дар ин зинаҳои маротиби вуҷуд мавқеи баландтаринро дорад. Маҳз инсон аст, ки ин ҳамаро дарк карда, асли худро мешиносад ва ба сӯйи он моил аст ва он ҳама мавҷудоти дигарро, ки ин асолатро дарк накардаанд, бояд инсон тавассути худ ба сӯйи асли хеш барад.

Мавлоно ба ин маънӣ инсонро бартарин мавҷудот меҳисобад ва ба ишорат нисбат ба рисолаи худошиносии он ба инсоният муроҷиаткунон мегӯяд: «Он амонатро бар осмонҳо арз доштем, натавонист пазируфтан. Бингар, ки аз ӯ чанд корҳо меояд, ки ақл дар ӯ ҳайрон мешавад: сангҳоро лаълу ёқут мекунад, кӯҳҳоро кони зарру нуқра мекунад, наботи заминро дар ҷӯш мевараду биҳишти адан мегардонад. Замин низ донаҳоро мепазирад ва бар медиҳад ва айбҳоро мепӯшонад ва сад ҳазор аҷоиб, ки дар шарҳ наояд, мепазирад ва пайдо мекунад. Ин ҳама мекунад, аммо он яке аз онҳо намеояд. Он як кор аз одамӣ меояд: «ва лақад каррамно бани Одама» [2, 30]. Дар «Маснавӣ» омадааст:

Тоҷи «каррамно» бани Одам шаҳӣ,

Ҳам ба дарё, ҳам ба хушкӣ по ниҳӣ.

Мар малоикро сӯйи баҳр роҳ нест,

Ҷинси ҳайвон ҳам зи баҳр огоҳ нест.

Ту ба тан ҳайвон ба ҷонӣ аз малак,

Ту равӣ ҳам бар замин ҳам бар фалак [7, 91].

Мавлоно ҳарчанд ки рози ғайб мекушояд ва онро фош месозад, вале боз ҳам гуфтаниҳои зиёде дорад, ки аз гуфтанашон худдорӣ мекунад, ё баҳонае пеш меорад, ки ин тарафаш ногуфтанӣ аст:

Кай гузорад он, ки рашки равшанист,

То бигӯям он чӣ фарзу гуфтанист [7, 124].

Ҳамин тавр, метавон ба хулоса омад, ки Мавлоно мисли дигар намояндагони тасаввуф ва ирфон ҳама мавҷудотро муттакои як рӯҳ диниста, ҳастиро ҳамчун манзили Худованд меҳисобад. Мафҳуми рӯҳ дар таълимоти Румӣ ин худшиносӣ аст. Аз нигоҳи ӯ сиришти инсон аз тан, рӯҳ ва хирад иборат аст:

Ӯ чу ҷон асту ҷаҳон чун колбад,

Колбад аз ҷон пазирад неку бад [7, 31].

Ба эътиқоди Мавлоно инсон мабдаъ ва асле дорад, ки маншаи ваҳдат аст ва дар ин олами касратнамо аз асли хеш ҷудо мондааст. Тамоми сайру ҳаракаташ барои он аст, ки боз ба асли худ баргардад. Аз ин рӯ, Мавлоно ба дин (-и ислом ва дар маҷмуъ, ҳамаи адён), ки василаи тасфияи қалб ва ҳодии ахлоқи ҳамида аст, аҳамияти хос медиҳад. Вай на ба тариқи сӯфиёни тундгаро ё ифротӣ аст ва на ба он тариқе, ки дар фақру узлату раҳбония бошад. Марди комил касеро медонад, ки ҷомеи сурату маънӣ бошад ва аз зиндагиву зебоиҳои он низ худро маҳрум надорад. Ҷавҳари тариқатро мутафаккир иборат аз ишқ ва ҳама оламро ғарқаи ишқ донистааст. Ин ишқ тарбиятгари инсон барои дӯст доштани инсон, дарки зебоиҳои олам ва василаи

расидан ба асли худ аст. Агар инсон ин ишқро дарк кард, тамоми мухолифату зиддият аз байн меравад: «Дар ҳақиқат, кашанда яке аст, аммо мутааддид менамояд. Намебинӣ, ки одамиро сад чиз орзуст, гуногун. Мегӯяд: «Тутмоҷ хоҳам, бурак хоҳам, ҳалво хоҳам, мева хоҳам, хурмо хоҳам». Ин аъдод менамояд ва ба гуфт меоварад, аммо аслаш яке аст ва он гуруснагӣ аст. Намебинӣ, чун аз яке сер шуд, мегӯяд: «Ҳеҷ аз инҳо намебояд». Пас маълум шуд, ки даҳу сад набуд, балки як буд» [8, 98].

Мебояд таъкид кард, ки масъалаи инсон ва мақоми ӯ дар олам дар таълимоти зиёди динӣ-фалсафии Ғарб ва Шарқи замони бостон ва асримиёна шарҳу тафсир гардидааст. Ин андеша ва тасаввурот дар тасаввуф низ мақоми муайяне дорад. Идеяҳои ин назария дар таълимоти намояндагони мактабҳои гуногуни фалсафию динии Шарқ, аз ҷумла дар машшоия, калом, исмоилия, фалсафаи Ихвон-ус-сафо истифода шудааст. Ба миён гузоштан ва ҳаллу фасли ин масъала якранг набуда, балки мувофиқи равияҳои фалсафӣ дар худ хусусият ва принсипҳои ҳар кадоме аз онҳоро инъикос менамояд.

Ҷиҳати асосии ин масъалаҳо он аст, ки ҳар нафари солимфикрро маҷбур месозад ба олами воқеӣ, ба муҳити табиии ӯро иҳотакарда назар андохта, ба моҳият ва хусусияти ҳар мавҷуди зинда диди солим дошта бошад. Гумон доштани он, ки инсон тоҷи махлуқот ва асли оламу табиат аст, ин таълимот таълим медиҳад, ки таносуби ҳардуи он мисли як чиз аст. Аз ин ҷо якеро микроолам ва дигареро макроолам меноманд. Дар фалсафаи исмоилия, яке аз шохаҳои шиаи афкори фалсафии асримиёнагии тоҷику форс, онро ҳамчун қисми асосии тамоми ҷаҳонфаҳмӣ дар маърифати таносуби оламу муайян кардаанд. Чуноне ки доир ба ин масъала Х.Додихудоев менависад, ирфони исмоилиҳо, дар ҳадди охир ба эътирофи мавҷудияти табиат аз Худо

оварда мерасонад. Ин нуқта ифодаи худро дар таълимоти исмоилиҳо дар бораи макро ва микрокайҳон – олам ва инсон пайдо кардааст.

Назарияи мутобиқати сохтори олам ва таркиботи инсон – сохтори макро ва микрокайҳон дар Шарқи Қадим ва замони бостон васеъ маълум буда, дар бештаре аз таълимотҳо ба хотири таъбири робитаи сарнавишти худовандӣ ва мавҷудияти ҳастӣ истифода шудааст. Дар фаҳмиши онҳо фаъол будани инсон ба тамоми табиат паҳн мегардад. Дар ин фаҳмиш онҳо аз муқаррароте меоянд, ки рӯҳи ҷаҳонӣ дар олам ҳузур дошта, тамоми оламро дар монандиаш ба инсон, зинда месозад. Мисли он ки дар ҷисми инсон ҳар узв ва ё қисме аз он нақши худро ба шарофати рӯҳ зуҳур месозад, ҳамин тавр қисматҳои олам ва зуҳуроти табиат низ ба туфайли рӯҳи ҷаҳонӣ амал мекунанд.

Машшоиёни Шарқ низ ин идеяро истифода бурда, он бунёди тасаввуроти кайҳоншиносии онҳост. Дар асоси таълимоти бостонӣ дар бораи макро ва микроолам ишора карда, А.Турсунов менависад: «Дар замони Эҳёи Аҷам идеяи қадим доир ба офариниши олам ва инсон аз нав машҳур гашта, объекти муҳокимаҳои фалсафии кайҳоншиносӣ шуд».

Таносуби микро ва макрокайҳон дар рубоии машҳури Абуалӣ ибни Сино баён шудааст:

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон ҷумла бадан,
Аҷноси малоик – хавоси ин тан,
Аҷрому аносиру маволид аъзо,
Тавҳид ҳамин аст, дигарҳо ҳама фан.

Мавлоно, инсонро таҳқиқ намуда, дар баробари маншаъ аз Рӯҳи Ҳақ доштан, онро яке аз дараҷаҳои инкишофи табиат низ ҳисоб мекунад: «Ҳамчунон, ки аз оғоз ӯ (инсон – А. А.) одам буд, ба вуҷудаш овард. Ва аз тавилаи ҷамодӣ ба наботиаш овард. Ва аз наботӣ ба ҳайвонӣ ва аз ҳайвонӣ ба инсонӣ ва аз инсонӣ ба мулки билониҳоятӣ.

Пас ин ҳама барои он намуд, то муқир шавӣ табақоти дигарро, ки дар пеш аст».

Инсон дар робита ба ҷисм ва дар робита ба рӯҳ ба муҳити иҳотакардашуда монанд аст. Аз ин рӯ, ӯ метавонад худро таҳқиқ кунад, яъне ба худмаърифатӣ машғул шуда, хешро ба комилияти рӯҳи боло бардорад. Дар таълимоти Мавлоно мо мебинем, ки ҷузъи бадани инсон ба монанди кӯҳҳо ва замин, об ва дарё айният доранд. Масалан, низоми хунгардиши ӯ мисли дарё, пӯст мисли замин буда, устухонро метавон ба ҷисмҳои сахт мушобеҳ сохт. Ба таври дигар, инсон як модели комили офаридагор ва олами зиндаи боэҳсос аст.

Ё ба сифати амалкунанда ва таҳаммулкунанда, муроқибашаванда ва муроқибакунанда, беинтиҳо ва дар ҳадди муайян, ҷисм ва ҷавҳар, ё ин ки мисли микроолам дар худ ҳама макрооламро ҷой додаст. Чунин қобилиятҳои инсон мисли фаросат (гувоҳи дил), пешгӯию каромот, фаҳмиш, коркарди ақлонаи ахбори ҳиссӣ инсонро кумак мерасонанд дар бораи ғайриҳастӣ дар хоб, дар рӯзгору дар ҳушёрӣ маълумотро дарёбад. Бинобар ин, Мавлоно зеҳнияти инсонро бо микроолам, тахт ва аршро ба макроолам қиёс мекунад. Лаҳзаи дигари муҳим дар ин шабоҳат он аст, ки дар ҳаллу фасли айнияти олам ба инсон, олами ботин ва зоҳири инсон, олами болои Моҳ бе осмони доктриналӣ ва арш, махзани хуфта ва фариштаҳою монанд ба он, олами зери Моҳ бидуни ҷирмҳои осмонӣ, рӯзҳо ва фасли сол ва ғ. муқоиса ва мусовӣ ба ҳам қарда мешавад.

Мушобеҳ сохтани хосият ва ҳолати инсон ба чаҳор унсур, ки аксаран дар таълимоти тасаввуф дида мешаванд, моро ба афкори Ҳинди бостонӣ ва Юнони бостонӣ мебарад. Яке аз аввалин шуда ин хусусиятро дар антропологияи мусулмонӣ Абурайҳони Берунӣ зикр мекунад, ки муфассал масъалаи инсон ва маърифати табиати ӯро дар

манбаъҳои қадими ҳиндӣ таҳқиқ намуда, онро бо таълимоти юнониёни бостон муқоиса менамояд.

Берунӣ ҳамчун файласуфи табиатшинос ба масъалаи инсон амиқан таваҷҷуҳ карда, дар тасаввуроти ӯ инсон соҳиби афкори динӣ, пайрави асотир ва хурофот ҷилва меёбад, ки моҳияти гуногунтарафа, мухталифқишра ва пурғановат дорад. Ӯ итминон дорад, ки инсон қобил аст Офаридагорро маърифат намояд, зеро ки ӯ, қабл аз ҳама, ақл ва фаросат дошта, қобил аст андеша ронда, ҳамеша дар кашфи хештан ва муҳити зисти худ қарор гирад. Аз ин рӯ, таъйиноти аввал ва асосии инсон ин маърифати хеш ва олами муҳит аст. Берунӣ инсонро он омиле медонад, ки тавассути он Худованд амали худро татбиқ месозад.

Ба маърифатшиносии ҳиндуҳо диққат дода, ӯ қайд мекунад, ки онҳо материяро сатҳи олии инкишофи нахустмабдаъ медонанд. Материяро ҳамчун дараҷаи поёнии фаъолии рӯҳ тавзеҳ мекунанд, аз ин рӯ, он ҳамеша ба сӯйи комилият ва беҳбудии сифатии хеш кӯшиш дорад. Ҳолати абадии материя ин кӯшишест аз ҳолати имконулвуҷуд ба сӯйи ҳаққулвуҷуд (воҷибулвуҷуд) гузаштан. Ҳузури мағрурӣ ва ифтихор, шавқи сабзиш дар ҷавҳари ӯ чунон таъбир мешавад, ки ӯ ба нафси абадан маърифаткунанда қобилиятҳои номаҳдуди худро намоиш дода, ӯро ба маҷрои беинтиҳо дар миёни намудҳои зиёди растанӣ ва ҳайвонҳо мафтун сохтаю ҷалб намояд. Ҳамзамон, Берунӣ андеша дорад, ки калимаи файласуф аз калимаи юнонӣ бо маънии ҳикмат ва софист шарҳ дода шуда, файласуфро –ҳикмат ва софистро – қалби тозае медонад, ки ба сӯйи маърифати хирадмандию оқилӣ нигаронида шудааст. Инчунин, Берунӣ ба таълимоти Юнони бостонӣ, эҳтимол навафлотуния, доир ба ваҳдати мавҷуд таваҷҷуҳ кардааст, ки он ҷо нахустсабаб худро дар шаклҳои мухталиф зуҳур карда, неруи он

дар ҳама ҷузъиётҳо ва дар ҳама ҳолатҳо ба ягонагии он нигоҳ накарда, амал намуда, гуногунрангии чизҳоро тавлид месозад.

Ба ҳамин монанд, дар таълимоти нақшбандия мусофир қалби худро мисли оби софкоришуда тоза намуда, ғизои маънавиро мисле ки аз бод гирифта, бунёди қудсӣ ва заминиро сарфароз гашта, мисли замин барқароро шуда, панҷ панду андарзро касб карда, мисли оташ мукаммал хоҳад шуд.

Чуноне ки Мавлоно зикр мекунад, адаб, ё ин ки ахлоқ, ҳулқият ин моҳияти ҳама чиз, муҳимтар аз ҳама, моҳияти инсон аст, ки ӯро аз ҳайвон фарқ мегузорад. Моҳияти имон барои ӯ ахлоқ аст, ахлоқ он чизест, ки он ҷо инсон шарафманд ва чун тоҷи офариниш аст, ӯ он чизест, ки ба меҳмони зиндагии заминӣ зарур ва лозим буда, мавҷудияти абадӣ ва шоистаи ҳақиқиро омода месозад. Ахлоқ ба васваса ва фирефтаи Шайтон, ки нафси инсонро дар ҷодаи накӯӣ гумроҳсозанда аст, муқобилият нишон медиҳад. Моҳияти Китоби муқаддас аст, ки фарогири адаб ҳоҳад буд. Аз ин нуқтаи назар арзиши асосии маънавиро Балхӣ адаб – ахлоқ, этика медонад. Аммо чунин пиндоштан, ки адаб барои мутафаккири асримиёнагӣ куллан танҳо як таъбир дорад, на ҳамеша дуруст аст. Ҳатто дар миёни орифон – намояндагони равияҳои афкори ирратсионалӣ дошта, адаб гуногун таъбир ёфта, ҷамъи гуногуни арзишҳоро соҳиб аст.

Ратсионалӣ-ирратсионалӣ шакли амали хирадгароёнаест, ки дар фаъолияти маърифатшиносии классикӣ нисбат ба амалҳои идоракунандаи ниятҳои рӯзмараи ҳаётӣ самарабахш нест. Хотирасон бояд кард, ки ҳаёти заминии сӯфӣ аз такомулёбии ҳаррӯзаи маънавӣ иборат аст. Қолиби ратсионализми классикӣ дар ҳеҷ ҳолате босуботу устувор набуда, бебақою фанопазиранд, ҷидду ҷаҳди устувор сохтани он ба соҳаи комилияти маънавии нафс дахл доранд, ки моҳияти аъмоли ҳамарӯзаи мусофири (солики) роҳи ҳақро муайян мекунад.

Комилияти нафс танҳо бемаънӣ будани зиндагии заминии инсонро боварӣ мебахшад, ки ҳамин зиндагии заминӣ ба бетартибию бесарусомонии низоми робитаи мутақобилаи нафс бо зуҳуроти ҳаёти заминӣ, мусоидат мекунад.

Фаҳмиши классикии маърифат ҳамон чизеро пазируфтааст, ки аз ғалбери хирад гузаштааст. Г. Гарфинкел аввалин шуда, иддао кардааст, ки ин таъбир мукаммал нест. Ӯ андеша дорад, ки хирад – ҳанӯз ҳама чиз набудаю ҳама чизро тавзеҳ намедиҳад. Ҳаст ирратсионалӣ ва аратсионалӣ. Ҳамин тавр, Леонардо Буффо андеша дорад, ки ирратсионалӣ ва аратсионалӣ ҳаст. Дар ниҳоди инсон шавқи фалакӣ, рағбату ихлоси эҳсос аст, ки тавассути зеҳни қалбӣ ва кайфӣ (бохурӯш) баён мегардад. Нафс хирадро инкор намекунад, баръакс, нафс ба хирад эҳтиёҷ дорад. Аммо нафс сутуҳи баландтареро, ки ба зеҳн, муроқиба ва маънои олии ҳаёт ва таърих алоқаманд аст, фаро гирифта, пештар хоҳад рафт.

Доир ба категорияи «нафс» ба маънои позитивӣ ва антисистемавиаш (ло ан-низом), Л.Буффо мулоҳиза ронда менависад, ки нафс дар худ истиноди устуворе дорад, ки инсон ин шавқи фалак аст, ки побанди эҳсос буда, на ба воситаи хирадгароӣ, балки тавассути ақли қалбӣ ва кайфӣ худро ифода месозад. Нафс ҳам ба хирад ниёз дорад, аммо барои фаро гирифтани сатҳи баланди маърифат, ки бо ақл алоқаманд аст, мушоҳида ва маънии олии ҳаёт, ӯ ба фавқулақлият рӯ меорад. Аз нуқтаи назари кайҳоншиносии ҷадид нафс низ мисли Олам, ки молики нафс аст, нуқоти марказӣ хоҳад буд.

Хирадгароӣ аз лиҳози машшоиён, аз ҷумла Ибни Сино дигар хел арзёбӣ мешавад. Хирадгароии Ибни Синоро бо афкори ирратсионалии равияҳои дигари афкори фалсафӣ муқоиса карда, дар ин бора М.Раҳимов чунин менависад: «Равиши ирфонии худтакомулсозиро, ки дар ҳадди охир ба образи «инсони комил»-и

тасаввуф рафта мерасад, пазируфта, Ибни Сино бо вуҷуди он принсипи сӯфияро коркарди ратсионалӣ мекунад. Барои ӯ дар таълимоти ирфонӣ муҳимтарин масъала ин идеяи антропосентризм (инсонмаркази), гуманизм ва худтакомулсозии ахлоқӣ аст».

Ибни Сино аскетизм – гӯшанишинию тарки дунё, зуҳду мардумгурезӣ, зиндагии ҳақиронаи аз ҷамъият дурро қабул надошт ва барои ӯ зиндагие, ки бидуни мақоми фаъоли эҷодию иҷтимоӣ аст, бегона буд. Аз ин мавқеъ, ӯ таълимоти сӯфиён – аҳли ирфонро қабул надошт, вале дар назария ва амалия ӯ ба антропосентризми онҳо, ки он ҷо инсон на яке аз намудҳои махлуқоти табиат, балке мавҷуде чун татбиқи сифатҳои (атрибутҳои) худовандӣ тавсиф шудаю ашрафи мавҷудот баҳогузорӣ мешавад, таваҷҷуҳ баён мекунад. Дар таълимоти сӯфиён, чуноне дар мубоҳисаи худ бо Абулхайр ӯ натиҷагирӣ мекунад: ӯ мебинад он чиро, ки ман медонам ва ман медонам он чизеро ки ӯ мебинад. Ҳар шакли маърифати сӯфӣ – интуитивӣ, трансендентӣ (шуури пештар аз таҷриба), ҳолати ваҷд ё ишқи кулли кайҳонӣ, инсонмаркази буда, дар он шарт ва субъекти маърифат инсон аст, ба хулоса меояд Ибни Сино.

Инсон дар тасаввуф ба сӯйи комилияти маънавӣ ҷаҳд карда, зина ба зина навоқиси худро бартараф намуда, комилияти ахлоқиро соҳиб шуда, хештанро ба сӯйи ҳадафи ниҳонӣ (махфию дилхоҳ) – якшавӣ ба аслияту ҷавҳари худовандӣ наздик бисозад. Ибни Сино ба таҳқиқи маърифати интуитивӣ, ирратсионалӣ ё дурустар гӯем, маърифати аратсионалӣ чанд асар бахшидааст, ки муҳимтарини онҳо «Ҳай ибни Яқзон» мебошад. Ҳарчанд принсипҳои аввалияи сӯфизм дар баёнияи Ибни Сино зоҳиран аз фаҳмиши анъанавии тарафдорони тариқати тасаввуф фарқ дошта бошад ҳам, бо вуҷуди он ба ӯ муяссар шудааст, ки дар шакли фишурдае моҳият, мақсад ва рӯҳи ин таълимотро, ки дар

доираи ақидаи фалсафӣ ва таваҷҷуҳи илмиаш дарк гаштаю мункасир шудааст, тасвир намояд.

Назарияи тасаввуф ҳадафи ягонаи ҳавасу рағбати фалсафии Ибни Сино набуда, балки як иловае ба таълимоти фалсафӣ ва кашфиёти ҷаҳонбинии ӯст. Дар асари «Ишорот ва танбеҳот» Ибни Сино мақсади таълимоти тасаввуфро ҳамчун боло шудан (ҷулус) ба сӯйи мутлақ таҳия месозад. «Дониши ирфонӣ, менависад ӯ, аз таррашуҳ (ҷудоӣ), дур шудан, тарк кардан ва раддия оғоз мешавад. Баъдан ин дониш иборат аст аз ғӯтта задан ба ҳама сифатҳои Ҳақ, ба он чизе, ки солик воқеан мехоҳад. Дониши ирфонӣ бо дарёфти Воҳид ба анҷом мерасад.

Тибқи ин донишҳо, ки тасаввуф пеш мегузорад маърифати ирфонии ҳақиқат марҳилаҳои тариқат, маърифат ва ҳақиқатро паси сар карда, ба қисматҳои амалӣ ва назариявӣ тақсим мегардад. Мавлоно тай намудани ин марҳилаҳоро таблиғ намуда, дараҷаҳои шариатро инкор накарда, балки онро сифатҳои (қисми ҷудонашавандаи) зарурии имон ва шарти дарёфти ҳақ медонад. Дар ҳоле ки як қатор равияҳои тасаввуф шариатро марҳилаи аввали омодагӣ ба сӯйи комилияти маънавӣ дониста, онро хосияти ҷӯяндаи нотамоми ҳақиқат меҳисобад. Шавқу хурӯши гуманистии ақоиди ирфонӣ пайваста ба инсоне, ки ба роҳи такомули нафс қадам гузоштааст, талаботи сахтро пеш мегузорад. Ба замми ин, орифро бо ориф тафовуте хоҳад буд: мисли ҳар як инсон ӯ бо хислати хеш, қобилиятҳои ақлӣ, муроқибаи эстетикии воқеият, инчунин мақоми иҷтимоиаш дар ҷомеа фарқ мекунад.

Аз ин рӯ, сомеаи ихлосмандони хешро хушнуд насохта, дар мулоҳизаҳои хеш доир ба муқаддасии таълимоти ирфонӣ ва нақши гностикҳо-орифон Ибни Сино чунин менависад: «Ҳақиқати илоҳӣ бениҳоят бузург аст ва роҳ ба сӯйи Ҳақ на ба ҳар касе, ки дар ин ҷода қадам гузоштаю на ба ҳамагон паси ҳамдигар, муяссар мешавад».

Ҳамин тавр, шакли олии маърифат ва зебоии ахлоқиро соҳиб шуда, фарди «Ман» моҳияти куллро касб намуда, ба қавли сӯфиён «инсони комил» хоҳад шуд.

Дар рисолаҳои рамзии худ Ибни Сино мекӯшад, ки то ба шуури пайравонаш андешаро дар хусуси он бирасонад, ки ҳар як фард қобил аст ба сутуҳи «инсони комил» боло шавад ва роҳ ба сӯйи «инсони комил» тавассути покшавии ахлоқӣ, дарёфти донишу илм, қабл аз ҳама, фалсафа, тӯл мекашад. Аммо раванди ташаккули шахс ин ҳолати яклаҳзаинаи илҳоми ваҳй набуда, балки ҷараёни ташаккули аҳромшакл аст, ки монанди қабатҳои осмон зинавор буда, шиддати бениҳояти неру, худмаҳдудсозӣ, сарфи иродаро ба хотири бартараф намудани монеаҳо ба сӯйи комилият ва ба даст овардани мақсад, тақозо дорад.

Забони рамзро ба таври васеъ Мавлоно низ истифода мебарад ва бояд гуфт, ки тарзи асосии баёни онро Мавлоно маҷозу рамз медонад. Рамз эҷодкунандаи ҷамъи мураккаби неруест, ки барои баёни маъноҳои пурасрори алоқаманд ба маърифати моҳияти Офаридагор заруранд. Махсусан, онҳо барои баёни эҳсоси муҳаббат ва лаҳзаи мунавваршавӣ (ваҳй) ва дидори ҷамоли Маъшуқа муҳимманд. Ин раванди мураккаби равонӣ ва зеҳнӣ ҳамчун зуҳурот аз ҷониби Мавлоно дар истиораҳо – маҷозҳои маънидор тасвир мешавад, ки дар тарзи тафаккури «бойгонии маълумотҳо»-и мо нуҳуфтаст ва Мавлоно дар бораи ғайриимкон будани маърифати он, ҳар замон иқрор мешавад. Охир сухан дар бораи нафс (рӯҳ) меравад, ки дар ҷисм таҷассум ёфта, мисле ки ба ду қисм ҷудо аст: яке дар олами қудс ва дигаре бошад, ба зиндони ҷисм. Дар ғилофи замин қарор дошта, нафс худро нопурра ва пароканда ҳис мекунад.

Нафс дар хаёли паноҳгоҳи воқеии хеш, ҷузъи қудсии хеш, мисле ки ошиқ аз муҳаббат ба маъшуқаш шиканҷа мекашад, дилтангу

ғуссадор аст. Ӯ мехоҳад аз нав ба худ омада, куллияти хешро дарёфта, бояд бо ҷузъи қудсии хеш муттаҳид гардад. Мавлоно мегӯяд, ки он комилияте, ки мо меҷӯем, ҳамеша дар канори мо мисли фаришта-малоикаи нигаҳбони мо, қарор дорад, аммо мо онро намебинем ва бисёр вақт дар бораи он намедонем. Ӯ онро Маъшуқ меҳисобад ва онҳоеро, ки комилияти маънавиро дар зиёрати Макка меҷӯянд, даъват мекунад, ки аввал ба моҳияти хеш назар карда, ҳадафи ниҳоияшонро дар худ биҷӯянд.

Ин андеша ба гуфтаҳои Ибни Арабӣ мувофиқанд, ки менависад: «Он касеро, ки меҷӯйӣ дар миёни қабурғаҳоят хуфтааст, ки бо нафаскашиат аз ин тараф ба тарафи дигар меҷунбад». Аммо шавқу ҳаваси дидор ба Маъшуқа кори саҳле нест, он вақт муяссар хоҳад шуд, ки он вақт дар мо узви ваҳйи маънавӣ бедор шуда, Ҳақ худро аз зери ҳазорон парда зуҳур месозад. Ин пардаҳо бо ҳадди маърифати Ҳақ паси ҳам бардошта шуда, соликро ба Ҳақ наздик месозанд. Мулоқот ба сӯйи ваҳдати рӯҳӣ (ғайбӣ-алхимикӣ), на ҷисмонии ошиқон роҳ мекушояд, вақте на Ту на Ман боқӣ намонда, балки Ту Ман ва Ман бошам Ту хоҳем шуд. Ҳақ гуногунчеҳра ва комил аст, имкони дидори ӯ дар ҳамон чеҳрае сурат мегирад, ки шуур онро интихоб кардааст ва Мавлоно аз мо даъват ба амал меорад, ки худро дар хештан, аммо хештани мукаммал, рӯҳан дигаргуншудае бубинем ва ӯ ишорат ба табиати дидаафрӯзе мекунад.

Ибни Арабӣ ин равишро таъбир карда, назар дорад, ки ҷӯянда шавқманди дарёфти Ҳақ шуда, ӯро наметавонад мисли чизе дарёбад, балки шабаҳи ӯро меёбад. «Он чизе ки ҷӯянда меҷӯяд ва бо завқ ошиқ онро мехоҳад, ин донишест дар бораи Ӯ, шаҳодатномае дар бораи Ӯ, шабаҳи Ӯ аст. Ҳамаи инҳо – Ӯ нестанд. Ҳамаи онҳо мисле ки Ӯст, нестанд». Мавқеи машшоиёни шарқӣ тамоман дигар аст. Ибни Сино инсонро таҳқиқ намуда, таълимотро дар бораи мизоҷи ӯ инкишоф

медиҳад. Ҳатто узвҳои гуногунро Ибни Сино тибқи табиати он тасниф мекунад. Дар майна намӣ ва дар қалб сардӣ афзалият доранд. Ибни Сино инсонро дар миёни ҳама мавҷудот ботамкин ва инсони ботамкинтаринро оне медонист, ки ба хатти экватор наздиктар зиндагӣ мекунанд.

Ба ҷуз аз равандҳои ҷисмонӣ, Ибни Сино мавҷудияти падидаҳои тоза, ақлонаеро эътироф мекард, ки новобаста аз ҷисми инсонанд. Дар пайравӣ ба Арасту рӯҳи оқилро ба неруи амалӣ ва назарӣ тақсим мекард. Неруи амалӣ асосҳои хулқиятро ташаккул дода, инсонро ба сӯйи амалҳое равона месозад, ки ӯ бояд онро анҷом диҳад. Неруи назарӣ барои маърифати ҳақиқат равона шудааст. Ибни Сино мегуфт: «Ақли амалӣ дар ҳар амали хеш ба ҷисм ва неруҳои ҷисмонӣ ниёз дорад. Он чизе ки ба ақли назарӣ хос аст, он ҳам то кадом ҳадде ба ҷисм ва неруи он эҳтиёҷ дорад, аммо на ҳамеша ва дар ҳама ҳолат. Баръакс, ӯро баъзан бо худ будан кифоят мекунад». Инчунин, ӯ хусусиятҳои неруи рӯҳии инсонро дар муқоиса ба ҳайвон ҷудо мекунад. «Мо тасдиқ мекунем, ки ба инсон хусусиятҳои амал кардан хос аст, ки аз нафси он бармеояд ва он дар дигар мавҷудоти зинда нахоҳад буд», менависад Ибни Сино.

Доир ба хосияти нафс Ибни Сино андеша ронда, ба амалияи тасаввуф назар мекунад, ки он ҷо фаҳмиши нафси хешро, ҳамчун ҷузъи кандашудае аз нафси худовандӣ инкишоф додаанд. Ин фаҳмиш моро ба архетипҳое (образҳои аввалаи равонӣ) раҳнамоӣ мекунад, ки он калидест дар ҷодаи фаҳмиши робитаи мутақобилаи мавҷуди ботиние, ки сайру сулукро дар хештан, дар роҳи мушоҳидаи шахсӣ анҷом медиҳад. Ибни Сино ин сайру сулукро дар «Ҳай ибни Яқзон» ба хотири тавзеҳи табиати ҷаҳонфаҳмӣ, дарёфти таҷрибаи маърифатӣ ба хотири дарки зуҳуроти ҳастӣ, иҷро мекунад.

Ибни Сино таълимотро дар бораи пневма (рӯҳ, нафс, юнонӣ) - ҳамчун мабдаи психофизиологии ҳама равандҳои ҳаётӣ инкишоф медиҳад. Пневма ҷавҳареро мемонад, ки аз зарраҳои буғмонанди чаҳор шарбати узви инсон иборат аст. Дар он Ибни Сино падидаи ҷисмонӣ ва пешбарандаи неруи рӯҳониеро мебинад, ки дар ибтидо хоси ӯ набуд. Ӯ се зинаи пневма (нафс)-ро ном мебарад: якум – нафси наботӣ, ки мутобиқи неруи табий аст. Дуюм – нафси ҳайвонӣ, ки ба неруи нафси ҳайвонӣ тааллуқ дорад. Ва сеюм, нафси нотиқа, ки ба неруи ақлонаи нафс мувофиқ аст.

Арзишҳои маънавӣ дар андешаҳои Мавлоно хусусияти ирфонӣ-фалсафӣ дошта, ҷиҳати хоси ин арзишҳо динӣ будани он аст, ки ба аҳкоми исломӣ бунёд ёфта, дар он арзишҳои ахлоқии динӣ асосианд. Ӯ шарти муҳимми инсоният буданро дар эътиқодаш ба Худо ҳисобида, ҳамзамон ӯ ба сӯйи таассуб ва тундгароӣ даъват накарда, инчунин узлатнишинӣ ва дур будан аз ҷомеаро, ки хоси баъзе равияҳои тасаввуф аст, қабул надорад. Ӯ ҳамон одамеро комил меҳисобад, ки шаклу мундариҷаи мувофиқу муносиб дошта бошад ва онро ҳамчун мувофиқати зоҳиру ботин ном мебарад. Инсони комиле, ки ӯ дар назар дорад, вазифадор аст на танҳо инсони оиладор, шавҳари намунавӣ барои зан буда, дӯстдори зан ва оила бошад, ба дунё тифлонро тавлид сохта, онҳоро чун инсони комил тарбия кунад, балки барои ӯ беҳбудию рафоати ҷомеаи инсонӣ, ки он ҷо тартиботу ҳамоҳангӣ ҳукм дорад, муҳим бошад. Ӯ ҳастӣ ва ҳаёти инсониро дар Замин монеаи комилияти маънавӣ медонад, аммо ин ҷо ҳам мавқеи хайрулумури авсатуҳу – миёнаи тиллогинро пазируфта, ба ҳар гуна ифроту тундгароӣ рафтанро ғайриоқилӣ меҳисобад.

Ҳамин тавр, дигаргуншавии ахлоқии инсони ба сӯйи Худованд роҳ пешгирифтаро, Румӣ ба фаҳмиши мушкилоти духӯрагии инсон, ки ҳамчун ваҳдонияти образи макроолам ва микроолам аст, пайванд

месозад ва ин матлаб дар низоми арзишҳое, ки дар тасвирҳои маънидори ашъори шоиронаи ӯ ҷой доранд, инъикос ёфтааст. Ҳамчун пири рӯҳонӣ ва муаллими маънавӣ, Румӣ бо мероси зеҳнии хеш дар фарҳанги ҷаҳонӣ саҳми бузурге гузошт ва фазои аксиологии анъанаи динӣ-фалсафиро инкишоф дод.

Мувофиқи таҳқиқоти олимон, Мавлоно муаллифи таълимоти нави арзишӣ ва низоми мувозини антропоаксиологӣ буда, онро дар заминаи таълимоти ягонагии моддӣ ва маънавии «ваҳдати вуҷуд» дар шакли антропосентризм матраҳ кардааст, яъне тамоми олам ва кайҳонро ӯ образ ва пайкари Худованд дониста масъалаи зоҳир ва ботинро бо мазмуни нав ғанӣ мегардонад. Антропоаксиологияи Мавлоно исбот менамояд, ки дар ниҳоди ҳар инсон «ман»-и ӯ нуҳуфтааст, ки ин ҳиҷоби дунёи моддист. Ба ақидаи Мавлоно, ин дунё назарфиреб аст ва ин ҳиҷоб бояд бардошта шавад, то «Ман»-и ҳақиқӣ бар ӯ ошкор гардад. Ин дунё ҳар лаҳза тағйир ёфтанаш мумкин аст ва он чӣ тағирёбандааст, фиребост ва шоёни эътимод нест. Мавлоно ба бақои олам эътимод надорад ва онро «нести ҳастнамо» ва олами бақоро, ки олами рӯҳонӣ аст, «ҳасти нестнамо» мегӯяд. Ӯ чунин мепиндорад, ки олами боқӣ мисли дарё аст ва ин олам мисли кафки дарё. Дарё доим ба бузургӣ ва ҳашамат, ки дар зери он гавҳарҳост, равон аст, аммо кафки рӯйи об ҳар замон дар рӯйи дарё нобуд шуда боз аз нав зинда мешавад.

Дар бобати тарзи маърифати олам Мавлоно аксиосфераи худро таҳия намуда таълимоти «дил чун воситаи маърифат”-ро ғанӣ мегардонад ва мегӯяд, ки инсон бояд оламро бо чашми дил дида, ваҳдатро дарёбад. Ин олам монанди хок аст, ки бод онро ба осмон бардошта ба ҳар сӯ мебарад. Бо чашмонамон мо хокро, ки чун манора ба осмон хестааст, метавонем бубинем, аммо нахоҳем дид онеро, ки ин хокро ба осмон бардоштааст, чунон ки ҷонро дар бадани инсон дидан

мумкин нест. Ҳамин тавр, ин чангу ғубор ва бадани инсон, моҳиятан як чизанд ва онон сабаби ҳастии олами моддӣ хоҳанд буд, аммо ҷони инсонӣ ва рӯҳ, ки чангро дар осмон нигоҳ медоранд, инҳо низ яканд.

Таҷдиди мероси фарҳангии маънавии Румӣ дар фарҳанги муосири дунявӣ муттакои таваҷҷуҳ ба ирфони шарқӣ ва талабот ба навпардозии ахлоқии ҷомеаи муосир аст.

## 2.2. Инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат дар аксиологияи Мавлоно

Соҳаи манфиатҳои аксиология дар муайян намудани инсон ҳамчун субъект ва объекти маърифат доираи васеи масъалаҳое, ки ба арзишҳо алоқаманд аст, дахл намуда, моҳият, аҳамият, мақом ва нақши онро дар робитаҳои байнихудӣ ва зуҳуроти дигари ҷамъиятию фарҳангӣ ошкор месозад. Таҳвил ва таворуди (транформатсияи) арзишҳо ба хотири ҷамъоварии арзишҳои гуногуни этикӣ-эстетикӣ, фалсафӣ, адабӣ, динӣ ва назарияҳои дигари арзишӣ ва фароҳам овардани он ба як манобеи махраҷ сурат гирифта, дар ин раванд бузургиҳои доимӣ ва универсиалии он ифшо мегарданд.

Пеш аз ҳама, месазад ба фаҳмиши махсуси тасаввуф ва арзишҳои тасаввуфии Мавлоно, ки дар адабиёт, умуман дар осоре, ки дар саросари олам нашр шудааст, таваҷҷуҳ карда шавад. Сӯфиён, чуноне К.Эрнст қайд менамояд, худ ба худашон падидаи хосе ҳастанд, махсусан барои аврупоиён: «Онҳое, ки сӯфиён унвон доштанд, дар ҳар масҷиде ёфт мешуданд, аммо онҳо дар муқоиса ба туркони усмонии нафратангезе, ки садсолаҳо пеш Аврупои масеҳиро истило кардан мехостанд, ҷозибу ҷолиб ба назар мерасиданд. Ин сӯфиён, пеш аз ҳама, шоирони мадҳиясарои майгусорӣ буданд, ки ҳеҷ як «муҳаммадия»-и парҳезкору ботақво ин корро бояд намекард. Ғайр аз

ин, ба мусиқӣ ва рақс мухлисӣ дошта, ишқандешӣ мекарданд, баёнияҳои бебоконаи онҳо ба Қуръон ситезаҷӯйии ошкоро буд».

Малколм ва Ҷонс дар симои онҳо озодфикронеро медиданд, ки ба эътиқоди устувори Пайғамбари арабӣ умумияти камтаре доштанд. «Мутобиқи далелу бурҳоне, ки онҳо меоварданд, бештар ба масеҳиёни воқеӣ, файласуфони юнонӣ ва мутафаккирони ирфонии ведантаҳои ҳиндӣ шабоҳат доштанд. Тасаввуфи китобӣ бо дарвешон ва фақирони чиркину ҷандапӯш, ки шаҳрҳо ва шаҳомати Шарқро шарманда мекарданд, камтар монандӣ доштанд. Аз ин рӯ, охири қарни XVIII мафҳуми сӯфизм бисёр паҳн шуд ва ҳамчун муродифи қисмати фарҳанги «шарқие» ҳисобида шуда, ба табъи аврупоиҳо созгор буд. Фаҳмиши истилоҳи сӯфия, ки он вақт пайдо шуда буд, тасдиқ мекард, ки тасаввуф ба ҳеҷ ваҷҳ ба оини исломӣ пайваст набуд» [133, 11]. Чуноне ки мебинем, назари нодуруст фаҳмидаи аврупоиён ва нодуруст шарҳёфтаи шарқшиносони қарни XVIII аст, ки сифатҳои зоҳирии сӯфияро дида, намефаҳмиданд, ки ин сифатҳои тасаввуф инъикоскунандаи олами ботинӣ-даст кашидан аз ғановати заминӣ аст.

Ин ҷо бояд зикр намуд, ки барои ҳамаи аҳли ҳақиқии тасаввуф Қуръон, шариат ва сунна раднопазир аст. Мавлоно дар «Маснавӣ»-и худ, қариб дар ҳама муаммову масал, савтҳои қуръонӣ ва пайғамбариро истифода менамояд, аз ин рӯ, эҷодиёти ӯро бешак Қуръон ба забони тоҷикӣ-форсӣ (Маснавии маънавии Мавлавӣ, ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ) меноманд. Чуноне ки муҳаққиқон таъкид мекунанд, маснавии Мавлоно идомаи анъанаи Саноӣ ва Аттор буда, яке аз муҳимтарин марҳилаҳои ташаккули арзишҳо ва мафҳумҳои тасаввуф аст, аз қабили ҳафт водӣ, ки он ҷо маю муғон, найу найистон, ки аз қамишзору буттазори най (найистон) иборат аст, инчунин найнома – суруди най ва монанд ба он аст [79, 96].

Мавлоно аввалин сӯфиест, ки мусиқӣ ва таронаро ба амалия ва назарияи тасаввуф ворид месозад. Худи ӯ иҷрокунандаи хуби асбобҳои тор буда, рубоб, камонча, дутор, инчунин бо най ва даф низ мусиқӣ менавохт. Дар эҷодиёти ӯ, махсусан дар ғазалҳои ӯ, асбобҳои зиёди мусиқӣ ёдовар мешавад, инчунин баъзе асбобҳои мусиқии миллиро ӯ бо муҳаббати зиёд ном бурда, дар васфи он месарояд. Ӯ мусиқиро кунҷи нафису нозуки нафс ва усули муҳимми худшиносӣ меҳисобад.

Дар фаҳмиши ӯ мусиқӣ ба таври онтологӣ (бо тамоми ҳастии хеш) баромади худовандӣ дошта, ба он хотир эҷод шудааст, ки нафс нозуку нафис буда, тавонад нишонаҳои худовандиро хубтар пазирой кунад. Дар ғазалҳо мо мебинем, ки маъшуқа дар даст рубоб-барбат дошта, дар миёни хона мерақсад. Мусиқӣ ва амалҳо Мавлоноро дар бораи навоҳои зебо ва ҳолати ваҷду шодию мастӣ хотирасон мекунад, ки хоси муғҳо-коҳинони зардуштӣ ҳастанд:

Дидам нигори худро, мегашт гирди хона,
Бардошта рубобе мезад яке тарона.
Бо захмае чу оташ мезад таронае хуш,
Масту харобу дилкаш аз бодаи муғона.
Дар пардаи ироқӣ мезад ба номи соқӣ
Мақсуд бода будаш, соқӣ будаш баҳона.
Соқии моҳруе дар дасти ӯ сабуе,
Аз гӯшаи дар омад, бинҳод дар миёна.
Пур кард ҷоми аввал з-он бодаи мушаъал,
Дар об ҳеҷ дидӣ оташ занад забона.
Бистад нигор аз вай, андар кашид он май,
Шуд шуълаҳо аз он май дар рӯйи ӯ давона.
Медид ҳусни худро, мегуфт чашми бадро
Не буду не биёяд чун ман дар ин замона.

Шеъри Мавлоно назму усул ва мақому навое дорад, ки аз он кас ба ваҷду шавқ омада, чанд садсолае ашъори ӯ манбаи тулуи рӯҳии сӯфиёни равияи Мавлавия ба ҳисоб меравад. Онҳо то имрӯз дар худтакомулёбии хеш ғазал ва рубоиҳои Мавлоноро машқу такрор намуда, усулу тартиби сухан ва қалби ӯро пайгирӣ мекунанд. Ҳолати ваҷди Мавлоноро ба мафҳуми мастӣ, сукр ном мебаранд. Муаллифи ин тариқат дар тасаввуф Боязиди Бастомӣ мебошад.

Дар маҷрои ин мулоҳизаҳо, метавон ишора кард, ки калимаи сӯфӣ ё сӯфии форсӣ – аз ҷониби Мавлоно чанд дафъае тавзеҳ ёфта, ӯ лаҳзаҳои муҳимми этимологияи ин суханро шарҳ дода, бо рамз, истиора ва маҷозҳои гуногун, чи дар ғазалҳо, чи дар «Маснавӣ», «Фиҳӣ» ва асарҳои дигараш истифода мебарад. Ба ин маъно сӯфии Мавлоно солики роҳи Ҳақ аст, ки аз рағбатҳои заминӣ даст кашида, ба сӯйи маърифати Худованд тавассути худшиносӣ ҷидду ҷаҳд дорад. Мавлоно муътақид аст, ки бо роҳи азнавтавлидшавии рӯҳӣ ва молик шудан ба хеш теъдоди зиёди сифатҳои худовандиро инсон касб намуда, сӯфӣ метавонад Ҳақиқати матлубро комёб гардад.

Ҳамзамон, Мавлоно дар бораи сӯфиёни аъмоли носазою ношоиста дошта, ки дар кадом марҳилае аз роҳи Ҳақ дур шуда, ба рағбатҳои заминӣ дода шудаанд, зиёд ҳарф мезанад. Аз ин рӯ, сӯфии Мавлоно дар назар дошташуда, солики зинаи аввали комилияти маънавиро мемонад, ки акнун шариатро дарк карда, ба маърифати тариқат оғоз кардааст. Ба ин маънӣ, Мавлоно ба он ишора мекунад, ки монеаи асосӣ дар роҳи худшиносии маънавии солик нафси ӯст, ки гуногун хоҳад буд.

Дар аксиологияи инсон муҳимтарин арзишҳо, ки моҳияти гуногунсутуҳ ва гуногунҷанбаи инсонро ошкор месозад, хирад, ҳукм, ирода, шавқу завқ ва талаботи инсон аст. Чуноне ки А. Муҳаммадӣ қайд мекунад, баҳогузории арзишӣ ба фарқ гузоштани «муҳим» ва

«зарурӣ» аз «ғайримуҳим» ва «ғайризарурӣ» ёрӣ мерасонад [137, 16]. Низоми арзишҳо аз ҷониби ҷомеа эътироф шуда, ба ҳолати ахлоқии ҷомеа – ҳамчун танзимсозандаи ҷанбаҳои гуногуни ҳастии шахсӣ ва ҳастии ҷамъиятии инсон таъсир мерасонад.

Низоми арзишҳои тасаввуф, ки Мавлоно таблиғ мекунад, дар доираи аксиологияи инсон, аз арзишшиносии динӣ дар ҷараёни зиддият қарор нагирифта ва онро инкор ҳам накарда, чанде фарқ дорад. Ин фарқиятро Имоми Аъзам Абуҳанифа бисёр возеҳ муайян карда, ба таносуби фатво ва парҳезкорӣ ишора мекунад. Ин назарияро дар мулоҳизаҳои фалсафиаш Фаридуддини Аттор истифода мебарад [19, 222]. Дар ин низоми арзишҳо муайян кардани мувозинаю ҳамоҳангии байни омили субъективӣ ва объективӣ, универсалӣ ва фардӣ, ғаримустақим ва мустақим вазифаи мубрам ва муҳимми аксиология ба шумор меравад. Чун сӯфиён дар зиндагии заминӣ ба фидокорӣ ва покизагии рӯҳӣ машғуланд, дар зинаи олии наздикӣ ба Худованд – арзиши мутлақ, ҳамзамон Хайри мутлақ, хайре, ки бидуни шарт, мақому дараҷа буда, қулла ва моҳияти кулли ҳастианд, қарор доранд.

Арзиши аввал ва мутлақ барои Мавлоно Худованд аст, ки мисли Мавҷуди Комили Мутлақ андеша дорад. Мавлоно ӯро на категорияи (мақулоти) назариявие, ки тахаюлот сохтааст, балки Ҳаққи аслие медонад, ки ӯро мебояд маърифат кард ва ин корро беҳтар мебуд бо роҳи таҷриба, тавассути мулоҳизаи боэътимоди қатъиян исботшуда (аподиктикӣ) анҷом дод [125, 235-240].

Дар Қуръон номи Худованд duҳазору панҷсаду шасту се маротиба зикр шудааст. Тасвири графикии моҳияти Худовандро Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ чунин шарҳ медиҳад: Алиф ишора ба моҳияти Худо, Ломи аввал – шакли хиради ӯ, Ломи дуюм – Библия (Тавроту Инҷил) ва Ҳо – шакли Қуръон, ки таҷассуми нафс аст [115, 133].

Орифон то интихоби роҳи худ ба сӯйи тариқат ва дар тӯли идома ёфтани он ба Худованд ниёзи зиёде доранд. Саҷҷодӣ гуфтаи дар миёни сӯфиён машҳуреро дар бораи моҳияти Худо, ки хоси орифони зиёд аст, чунин меорад: Муршиди роҳи тариқат гуфт: Оллоҳ – ту дар зебоию ҳайратангезӣ ягона ҳастӣ, дар воҳидият ту бемислӣ, дар ҷавҳару дар араз миёни офаридашудагон ва ҷумлаи оламиён касе монанди ту нест, ту ғановати ҳама бенавоён, то даме ки ҳамроҳи Худоям, ту дӯсти арзандаӣ [102, 55].

Аз Шиблӣ пурсиданд, чаро ту Оллоҳ мегӯйӣ, аммо Ло иллоҳа Иллаллоҳ – ҳеҷ маъбуде нест ба ҷуз Худованд, намегӯӣ? Ӯ ҷавоб дод: шарм мекунам, ки баъди имон овардан боз далел биёрам. Метарсам, ки боз ба сӯйи инкор рафта, аз имон дур нагардам, вақте ки ҳарфи имон бо ман аст [21, 3321].

Боязид гуфт: Ман Худовандро тавассути Худо шинохтам, он чизе, Худо офарид, тавассути усули ҳақиқат. Ва боз шунидаед, ки Боязид гуфтааст: Сӣ сол ман Худоро ҷустам. Ҳар дафъа ман гумон доштам Худо ба ман муяссар шуд, дар ҳоле ки ҳар замон ӯ манро аз худ месохт [21, 69].

Ориф – солик қалби худро аз ҳама чиз тоза мекунад, ба ҷуз аз Худо, он ҷо манзиле месозад барои Ӯ, мекӯшад ҳар чи бештар муттаяқин шавад, ки ҳеҷ чизе дар офаридаҳои Худованд қобили ибодат ва икром нестанд, ба ҷуз худи Ӯ.

Ба ин маънӣ, Ибни Арабӣ чунин меҳисобад: Худованди бузург хост наздик будани худро ба хотири он ки дар дар воҳидияту ягонагии хештан монда, саидро аз обид фарқ гузорад, дар олам таҳаққуқ бахшад. Маҳз аз ин рӯ, калимаи Оллоҳ ҷойи воҳидияти ҳақ аст. Барои Худованд ду нур (рӯшноӣ) мавҷуд аст: нуре, ки тавассути пайғамбарӣ сурат мегирад ва нуре, ки ба шарофати хушнудӣ аз ҳамин пайғамбарӣ ба вуқуъ пайвастааст. Ва барои қалб ду назар: назари чашм, ки яке

илму яқин аст, ки онро тавассути набуват дода мешавад ва айнуляқин – нури ҳақиқӣ ё ин ки нури пайғамбарӣ аст, дар ҳоле ки калимаи Оллоҳ дар ҳар ду нур ҳузур дорад [42, 221].

Боз чанд мафҳумҳое ҳастанд, ки ба Худованд алоқаманд буда, дар худ арзише доранд. Улуҳият – худосифатӣ, ин мафҳумест, ки ҳамчун объекти ибодат ва тобеият фаҳмида мешавад. Дар калом ин мафҳум маънои воҷибулвуҷудро – зарурати мавҷуд ва сазоворе, ки дар гирдогардиши унвон ва сифатҳои Худо қарор доранд.

Ибни Арабӣ дар назарияи «Инсони комил»-и худ мегӯяд, ки улуҳият (худосифатӣ) иборат аст аз ҳама ҳақиқати ҳастӣ ва ҳифзи ин ҳақиқат дар мақоми хеш, ҳадафи ин ҳақиқат зуҳури қонунии ҳастӣ дар мақоми хеш, ки Ӯ офаридагор ва офаридаҳои ӯст [42, 135]. Чуноне ки аз суханҳои боло маълум шуд, комилияти инсон ва худосифатӣ (улуҳият) бо якдигар дар шароити дарёфти ҳақиқати худовандӣ аз ҷониби солик, дар алоқамандианд. Ибни Арабӣ қонуниятҳои падидаи мазкурро ошкор месозад, ки он ҷо ноилшавӣ ба макони зуҳури Мавҷуд (Ҳақ) ва офаридаҳои Ӯ муайян гаштааст.

Назарияи тасаввуф маърифати ҳақиқатро вазифаи асосии худ медонад. Комёбии мақсади олӣ – маърифати ҳақиқат вазифаи солик аст. Ин масъала бо ошкор сохтани моҳияти онтологии ҳастӣ пайваст мебошад. Чуноне ки А.Муҳаммадхоҷаев зикр мекунад: «Тарафдорони интиҳоии тасаввуф сӯфиёне ҳастанд, ки дар мавқеи «ваҳдати вуҷуд» қарор дошта, Ҳақ ва табиатро дар ягонагӣ мебинанд. Табиат натиҷаи судури (эманатсияи) худовандӣ аст. Инсон дар ин занҷири судурият ҳалқаи охирин аст. Ӯ на танҳо то ба ҳадди маърифати Ҳақ мерасад, балки худ низ «Ҳақиқати Худовандӣ» («Аналҳақ») мешавад [80, 5].

Мавлонои Румӣ эҷодкунандаи онтология ва гносеологияи шахсии тасаввуф буда [92, 41], чуноне ки А.Муҳаммадхоҷаев менависад, ӯ ба он сӯфиёне тааллуқ дорад, ки «кӯшиш доштанд, то сутуҳи

худмаърифатӣ расида, аз он ба сӯйи худошиносӣ роҳ паймоянд», аммо онҳо дар байни ифротиён ва эътидолиён саргум заданд. Мувофиқи доктринаи тасаввуфии Мавлоно ҳама ҳастӣ – ин макони зуҳури Худованд аст. Мавлоно яке аз аввалин фидокорони таълимоти «ваҳдати вуҷуд» буда, на танҳо онро назарию амалӣ пазируфтааст, балки ба он назари худро ворид сохтааст. Ин назар дар коркарди назарияи эътидолӣ, «миёнаи тиллоӣ» (хайрулумури авсатуҳо), назарияе, ки ба ифрот намебарад, ифода ёфтааст ва Мавлоно бо ҳамин шуҳрат пайдо кардааст. Маҳз дар ҳамин таълимоти аксиологӣ гносеологияи Мавлавия асос ёфтааст. Вақте сӯфӣ ба зинаи «ҳақиқат» мерасад, ӯ дар ҳама чиз ҳузури Худовандро дида, моҳияти худро низ дар якҷоягӣ бо Худо тасвир мекунад [80, 5].

Аммо бо кадом арзишҳо дар низоми аксиологии Мавлоно Худованд муайян мегардад. Чуноне ки Н.Одилов менависад, аз лиҳози онтологӣ барои Мавлоно сифати аввали Худо буда, ки ӯ Офаридагор аст [92,56]. Эҷодиёти илоҳиётии Мавлоно дар дафтари чаҳоруми Маснавӣ бо эҷодиёти инсони эҷодкоре муқоиса карда мешавад, ки масалан аз гил кӯза месозад. Худованд чун Офаридагор намешитобад, зеро кӯзагар кӯзаро меофарад, на зарф барои нигоҳ доштани об, ӯ пиёларо барои пиёла буданаш месозад, на зарф барои шӯрбо ва ғ. Ба тарзи дигар гӯем, Худованд ин офаридаҳояшро барои зуҳури неруи эҷодкунандаи хеш месозад, на ба он хотир ки ин чизҳоро созад [7, 369].

Мисли онтологияи Афлотун, Мавлоно дар назар дорад, ки шакл аз идея баромада, таҳаққуқ мешавад ва ӯ зикр мекунад, ки ин қонун аз азал мавҷуд буд. Ин олам чист, мепурсад Мавлоно ва ҷавоб медиҳад, ин танҳо тафаккури ҷавҳар аст, ки дар араз татбиқ шудааст. Ҳосил, самар аввалан дар идеяи қалб пайдо мешаванд, сипас дар дар зоҳири хеш зуҳур мекунанд. Агар ту амале содир мекунӣ, ки дарахте биншонӣ, пас ту назари қалби худро хондаӣ. Инак, сар, ки майнаи ин

олам аст, Худованд хоҳад буд. Ин араз аз чӣ – аз идея ва ин идея бошад, аз тафаккур пайдо мешавад. Ин олам танҳо як тафаккур – Хиради Мутлақ аст, аз ин рӯ, Хирад ин шоҳ ва фикрҳо сафирони ӯянд [7, 150].

Ҳамин тавр, Мавлоно ба хулосае меояд, ки Хиради Кулл ин ҳамон такондиҳандаест (ходими фаъол), ки ҳама махлуқотро ба ҳаракат медарорад. «Маҷмуи олам сурати ақли кулл аст» – Ҳама олам нақши ақли Кулл аст [8, 115]. Мақсади ин фаъолият ба ҳамин мафҳум айният дорад. Ба тарзи дигар, мақсад (ақли Кулл) ин ҳамон воқеияти тоза аст. Тафаккури абстрактӣ барои Мавлоно ин холиқест, ки предмети маърифат қарор мегирад. Олам ин офаридаи вай, татбиқи ақли Кулл буда, амри Худованд (ҷаҳонӣ, рӯҳи ҷаҳонӣ) тавассути маърифати солики роҳи Ҳақ муяссар мешавад. Худованд чун бунёди мушаххаси моҳияти ҳастӣ, ба воситаи нафси инсон – ҳамчун асоси фаъолияти одам фаҳмида шуда, худ бевосита ва ё эҳсосан маърифатшаванда боқӣ мемонад. Ҳамзамон, ин рӯҳи ҷаҳонӣ, асоси ҳаракати оламро ташкил карда, ба узвҳои ҳиссии мо дастнорас аст:

Ӯ чу ҷон асту ҷаҳон чун колбад,

Колбад аз ҷон пазирад неку бад[7, 31].

Суфӣ бояд аз тамоми накӯҳои заминию осмонӣ даст кашад, то ба Худованд наздик гардад. Фаридаддини Аттор мисолро дар хусуси чунин дасткашӣ аз ғановати заминиро аз ёддошти сӯфии шинохта Иброҳими Адҳам меорад, ки ӯ шоҳи Яман буд, аз тахт ва сарват даст кашида, баъдан аз оила ва аз писари худ низ даст мекашад [19, 105-110].

Саноӣ, ҳарчанд ки таваҷҷуҳи худро ба қаландарон ва аҳли маломатия нишон диҳад ҳам, ӯ бешак сӯфии эътидолӣ мемонад. Ӯ Худованди якторо, Офаридагори замину осмонро меҷӯяд ва ба ӯ усулҳои ифротию ниҳоии изҳори муҳаббат ба Худо, чун иттиҳод ва

ҳулул (омехташавӣ) бегонаанд. Тавҳид – яктопарастӣ ин на танҳо ҳамон вақт аст, ки Худовандро ягона меҳисобӣ, яккапарастии ҳақиқӣ – тавҳид ҳамон вақт ҳузур дорад, ки ба ҷуз аз Ӯ дигар мавҷудеро нахоҳанд шинохт, вақте мавҷудияти ҳеҷ чизро ба ҷуз аз Ӯ нахоҳанд эътироф намуд. Аммо инро танҳо ҳамон гурӯҳе мефаҳмад, ки маърифат – илҳоми ваҳйро комёб шуда, ба ин зинаи маърифат ягонагии илтифоти Ӯ мерасад. Ин гурӯҳ аз пайравони муқаррарии ҳақиқат, ки дар майлу хоҳишоти пасту чиркини худ ғӯтидаанд, фарқ мекунанд. Ин орифон дар воқеият дар остонаи олами қудс намеистанд ва берун аз ғилофи ҷисм қароргоҳ меҷӯянд.

Чуноне ки Саноӣ дар назар дорад, барои ин орифон ба забон овардани сухани эътирофи ҳақиқати Худованд кам аст. Шаҳодати ҳақиқӣ барои ин орифон – инкори ҳама чиз ба ҷуз Худо, тамоми оламу кайҳон, ки мавҷудияти онҳо танҳо сояест ва намудест, ки ҳақиқат ва воқеият надоранд. Ин Ло – На, ки аз он сухани эътироф намудани Худованди ҳақ оғоз мешавад, мисли наҳангест, ки бо неруаш метавонад дар худ тамоми уқёнусро, мисли уқёнуси ҳастӣ дар кашида, нопадид созад.

Инсоне, ки мисли чунин ориф калимаи шаҳодатро ба забон оварда, ба ҷуз аз Худо чизи дигареро намебинад, аз ҳеҷ чизе наметарсад ва ба ҳеҷ чизе аҳамият намедиҳад. Ба ӯ чизе фарқ надорад, ӯ ҳама чизро фаромӯш мекунад, танҳо мекӯшад ба сӯйи бенавоию ғайриҳастӣ. Ӯ бо ҷоруби Ло мусаллаҳ аст, ки ҳама ҷирмҳои майдаро аз осмон ба замин, мисли чангзарраю регзарра мерӯбад, барои ӯ тамоми олам ҳамчун «майдони ғелониш» менамояд, ки ба ғайриҳастии гузарандаю нолозим мубтало гаштааст. Ӯ ҳар чизеро, ки дар фикраш меояд, шабаҳ меҳисобад, ба ҷуз Худованд, ҳар чизе ки дар роҳи ӯст, ба ҷуз Худованд мешиканад ва онро ғайримавҷуд медонад. Ҳатто худро, мавҷуди худро, гӯшту пӯсти худро ғайривоқеӣ медонад.

Ӯ худро фаромӯш месозад. Ё бо иродаи худ ва ё ихтиёрӣ, ҳанӯз то вақте ҷисман мемирад, ӯ риштаи умри хешро бармеканад. Ҳама он чизе ки ӯ аз ҳаёти берун – ҳаёти ботилу мавҳум ба кироя гирифта буд, бармегардонад. Ӯ аз қафаси табиати хеш ва аз доми сарнавишт берун меҷаҳад. Ӯ хомӯширо ихтиёр дорад ва ҳама даъвоҳоро инкор мекунад. Ӯ «Ман»-и худро ба зери пойи ҷаҳр партофта, қалби худро пеши ҳама афкор ва дилбастагии олам баста медорад.

Ҳамин тавр, ӯ ҳар ду оламро рад мекунад, мисле он ки пойафзоли куҳнаро сари нӯги по кардаю дар оғози роҳ онро мепартоянд, ӯ низ оламҳоро аз худ партофта, аз пайи шариат, имон ва тариқат меравад [39, 173].

Чӣ тавре К.Эрнст қайд мекунад, ба ғайр аз сӯфия боз чанд мафҳуми дигаре мавҷуд аст, ки инсони ба роҳи маърифати Ҳақ равандаро нишон медиҳад, аз қабили дарвеш, фақир. Ин мафҳумҳо дар забони арабӣ ва форсӣ маънии бенавоию бечорагиро дорад. Калимаи фақир ба хотири талаффузи наздик ба англисӣ “faker” доштанаш, маъно ё ҷилои фиребгар, шуъбадабоз, чашмбандро гирифтааст. Сӯфӣ, фақир, дарвеш ба маънои аслиаш инсоне дар назар дошта мешавад, ки қашшоқию бенавоии маънавӣ, қашшоқиро дар нисбати Худо касб карда, хештанро ба дасти Худованд додааст ва пурра аз ӯ вобастагӣ дорад.

Сӯфӣ фармудаи пайғамбарро, ки мегуфт *«ал-фақру фахри» – бенавоӣ ифтихори ман аст*, пайравӣ карда, нафрат ба дунё ва мурочиат ба воқеияти худовандиро ба намоиш мегузоштанд. Фақир ё дарвеш одатан аз ҷомеа дурӣ меҷустанд, аммо ба гурӯҳ ё иттиҳод бо русуми хосе ҳамроҳ мешуданд. К.Эрнст ба хулоса меояд, ки «Бешубҳа, образи манфии дарвеш дар баъзе кишварҳои мусулмонӣ мушоҳида мешавад, масалан дар Форс, ки мақоми шиа нисбат ба сӯфия бадномиеро эҷод карда буд» [133, 10].

Суфӣ дар зинаи олии тариқат шавқи муроқибаи Худованд ва ҷамоли ӯро гирифтор шуда, то ҳадде мафтун мешавад, ки барои ӯ, ба ғайр аз Худованд, ҳама боқимонада ғайримуҳим ва беарзиш мегарданд, ҳатто биҳишт ва дузах низ барои ӯ эътибори худро гум мекунанд. Аммо дар воқеият эътирофи ҳақиқати мутлақ ягона мақсад буда, ӯро ба Худованд наздик месозад.

Мавлоно дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» инсонро панд медиҳад: Инсон ҳарчанд ноогоҳ аст, аммо дигарон дар нисбати ӯ нофаҳм наянд, аз ин рӯ, ӯро мебояд ба корҳои дунё ҷиддан муносибат дошта бошад, ҳарчанд доир ба ҳақиқат нофаҳм хоҳад монд. Мебоист розигии Ҳақро дарёфт на розигии халқро, зеро он ризоият, муҳаббат ва раҳми халқ бар дӯши Ҳақ гузошта шудааст, агар Ӯ нахоҳад ҳеҷ таваҷҷуҳе аз ҳеҷ ҷомеае ба мавҷудияти чизҳо нахоҳад монд ва баъдан ҳама боигарӣ, ғизо ва шукӯҳу ҷалол бори вазнин ва меҳнати бефоидае хоҳанд шуд. Ҳамин тавр, ҳама сабабе, мисли қалам дар дасти неруи Ҳақ аст, пешбаранда ва нависанда Ҳақ буда, агар Ӯ нахоҳад қалам пеш нахоҳад рафт. Ҳоло ту ба қалам менигарӣ ва фикр мекунӣ, ки ин қаламро даст мебояд дошт. Қаламро мебинӣ вале дастро намебинӣ, дастро бинӣ дар бораи дасти нафаре фикр мекунӣ, ки мебинӣ ва бо ӯ дар муколама қарор дорӣ?! [8, 225].

Ба инсон ҳама воситаҳои зарурӣ барои анҷом додани амалҳои нек дода шудааст. Ба хотири тавзеҳ додани он Мавлоно дар «Фиҳӣ…» овардааст: агар хоҳӣ ба ҷойе расӣ, аввал туро ақл раҳнамоӣ намуда, маслиҳат медиҳад, ки куҷо равӣ, сипас басират (биноиш) роҳбарӣ мекунад ва баъд узвҳои ҳаракат ҳамин тавр ба ҷунбиш меоянд, ки онҳо доир ба биноиш чизе намедонанд ва дар биноиш низ ҳеҷ чизе аз ақл нест [8, 225].

Он чизе, ки ба шаклҳои ниҳоии зуҳури муҳаббат ба Худованд тааллуқ дорад, мо метавонем дар низоми арзишҳои Фахриддини

Ироқӣ, орифи оштинопазир ва муаллифи «Ушшоқнома» бубинем, ки ҳамасри Мавлоно буда, мехост ба ӯ наздик шавад, аммо Мавлоно ӯро дар «Фиҳӣ мо фиҳӣ» маҳкум мекунад.

Рӯҳи ниҳоят мутаассиршаванда дошта, ҳар чи зуд ба ҳолати вачд афтода, Ироқӣ дар «Ушшоқнома» менависад: уҳдадории ҳар инсоне, ки ҳаёт доштаву нафаси рӯҳ дорад, бояд вазнинии зиндагиро тоқатпазир бошад, аммо на барои мадҳу ситоиш. Ӯ кӯшад, то эътирофи Офаридагори оламро, ки бе мислу монанд буда, офариданашуда, мағлубнопазир, абадӣ ва мавҷуди яктост, ба даст биёрад. Ироқӣ, сипас Худовандро тозаю холис дар мавҷудияташ муайян карда, озод аз ҳама ноқисиҳо медонад, ки воҳид аст ва назир надорад. Сӯфиро мебояд дар нерумандӣ, тавоноӣ ва бенуқсонӣ ба Омири хеш таслим шавад. Аз Ӯ бояд хуфтаю яқинро дарк намояд, зеро танҳо барои Ӯ маълуманд.

Ироқӣ дар «Ушшоқнома» дар бораи сохтори ҳастӣ дар раванди офариниши олам ва асоснок намудани он мулоҳиза ронда, ба онтологияи намояндагони фалсафаи табиат такя мекунад [138, 64]. Мавҷуди воҳид, тавоною мутлақ, мутлақи фазои беканор – Оллоҳро ситоиш карда, Ироқӣ дар мавқеи монотезм ва аввалияти Худо дар нисбати ҳама – кайҳон, олами моддию маънавӣ меистад. Ӯ ақида дорад, ки Оллоҳ ҳамеша буд, ҳамеша хоҳад монд ва мавҷудияти ҳама ҳастӣ танҳо аз иродаи Ӯ вобаста аст [138, 65].

Боз як арзиши ба куллияти ҳастиаш ба инсон алоқаманд, хирад аст. Мавлоно чанд дафъае ба мушкилоти хирад чи дар «Маснавӣ» ва чи дар осори дигараш муроҷиат мекунад. Масалан, дар «Маснавӣ» қиссаро дар бораи подшоҳе, ки ғуломони навхаридаашро имтиҳон мекунад ва ҳакиме, ки худро девона хондааст, ӯ табиати хирадро амиқан баррасӣ карда, дар қиссаи аввал ба хулосае меояд, ки имтиҳони ду ғулом дар алоҳидагӣ, натиҷаи аҷибе додааст. Ғуломи

аввал боандеша, зирак, чобуку чолок буду рӯйи зебо дошт, чун шарики худро тухмат зад, рӯҳан заиф маълум шуд, дар ҳоле ки ғуломи сустҳаракат, беандеша ва бадафт ба найранги подшоҳ дода нашуда, шарики худро буҳтон назад.

Мутафаккир доир ба ин падида мулоҳиза ронда, ба хулоса меояд, ки ақл на ҳамеша бо мувофиқатӣ ба сифатҳои дигари нафс қарор дорад ва ба фарқияти калони ду ғулом ишора мекунад – ғуломи зебо нафси бадбӯй, ғуломи бадафт танҳо даҳони бадбӯй доштааст [7].

Дар муаммои дуюм зимни гуфтугузор бо марде, ки худро ба девонагӣ задааст, Мавлоно ба ақли инсоне ишора мекунад, ки ҳамин ақл монеа ба сӯйи комилияти маънавиаш шудааст, дар ҳоле ҷунуният дар чунин ҳолатҳо барои инсон беҳтар аст. Дар ин ҳикояи тамсилӣ гуфта мешавад, ки касе ба маслиҳати хирадманд эҳтиёҷ пайдо кард ва пурсони оқил шуд, ҳар нафареро доир ба инсони оқил мепурсид, ба девонае ишора мекарданд, ки мисли кӯдакон ба чубқамише чун асп саворӣ карда, мақоми баланди ба арш болоравандаи худро таҳти ниқоби девонагӣ пинҳон мекард. Масъалаи дихотомияи оқилӣ ва ҷунунӣ таваҷҷуҳи файласуфони қарни XX-ро ҷалб кардааст, ки намунаи онро мо дар осори М.Фуко мебинем. Тезиси асосии М.Фуко дар бораи он ки фарҳанги муосир беихтиёронаю беғаразона чунин образи равонии ҳаётиеро (чун ҷунуният, девонагӣ) офаридааст, ки ба он назар карда, метавон асрори моҳияти инсонро ҷуст [58, 156].

Ба Боязид, пеш аз ҳама, ваҷди ҷунунӣ ва сармастии муҳаббат ба Худованд хос аст. Ӯ шавқу завқи ҳамаро фурӯбарандаро ба Худованд, ки сӯфиро дар зиндагӣ раҳнамост ва ӯро бо худовандаш муттаҳиду омезиш додааст, сармастӣ медонад. Боязид ба таҷрибаи равонии гузариш аз як аҳвол ба аҳволи дигари шахсиаш – ҳолат такя намуда, ғӯташавии мутлақи фикриро дар роҳи маърифати воҳидияти Худованд (ки принсипан ислом аз пайравони хеш зимни адои намоз талаб дорад)

дар назар дорад, ки ба эҳсоси рӯҳии нобудии пурраи шахсият оварда мерасонад. Шахсияти солик гум шуда, дар Худованд маҳлул гашта, сифатҳои худовандиро ҳосил мекунад.

Боязид ин ҳолатро фано меномад ва дарёфти ин ҳолат «ту ман ҳастӣ, ман ту ҳастам»-ро таълим медиҳад. Мавлоно доир ба ин мавзуъ зуд-зуд мегӯяд ва дар ғазали машҳури «Ман на манам, на ман манам» сухан маҳз дар бораи ивази нақшҳои «Ман»-и маҳлулшуда меравад, ки дар Худованд ғоиб шудааст. Дар ин ҷуфт ҳадди «Ман» ва «Ту» шуста шуда, «Ман» мемонад. Дар ин манзараи (ё тазоҳурот) «Ман» Мавлоно то ба ҳолати фано чанд зинаеро тай менамояд, ки ҷавонӣ ба пирӣ, тезгардӣ ба сустҳаракатӣ, абадӣ ба лаҳзавӣ нақшҳои худро то вақте иваз мекунанд, ки аз ду яке хоҳад монд:

Пир манам, ҷавон манам, тир манам, камон манам,

Давлати ҷовидон манам, ман на манам, на ман манам [92, 67].

Чуноне ки Н.Одилов зикр мекунад: «Барои Ҷалолиддини Румӣ мисли Арасту ва Гегел мафҳум оғози ҳама ҳаёт аст. Инкишофи мафҳум мисли инкишофи растанӣ аст. Мисли он ки дар тухмӣ ба таври идеалӣ реша, бех, барги растании мазкур алаккай мавҷуд аст, дар мафҳумҳо низ дар ҷараёни инкишоф мундариҷаи наве муқаррар нашудааст, танҳо тағйироти шаклӣ сурат мегирад [92, 68].

Ба ҳамин минвол мулоҳиза ронда, Румӣ ба хулоса меояд, ки олами тахаюлот дар нисбати олами эҳсос васеътар аст, зеро абстраксия (мавҳумот) предметро нисбатан пурра ва ҳамаҷиҳата фаро мегирад, дар муқоиса ба муроқибаи мустақим. Аз ин рӯ, ҳар чи бештар қобилияти маърифати ақлӣ инкишофёфта бошад, ҳамон қадар имконияти пурратар фаро гирифтани объекти маърифатро доро буда, хоҳад на танҳои ҳозираи он, балки ояндаи онро низ хоҳад фаҳмид. Дар ин маврид, Ҷалолиддин афзалияти соҳибмаърифатро аз ҷоҳил таъкид мекунад:

Он чи ҷоҳил дид хоҳад оқибат,

Оқилон бинад зи аввал мартабат [7, 227].

Яъне, кореро, ки ҷоҳил дар охир мебинад, одами соҳибмаърифат дар аввал дида буд. Масалан, зимистон ва тобистон дарахтон тағйир меёбанд, аммо на ҳар кас инро мефаҳмад. Ба ман чӣ моҷарое омадааст ҳамагон медонанд, вале он чизе ки дар ботини ман аст, касе намедонад ва на ҳама метавонанд муайян кунанд.

Чуноне ки мо дар ратсионализми Ҷалолиддини Румӣ мебинем, Худованд чун Идеяи Мутлақ баромад мекунад, ки тамоми олам таҷассуми он аст. Чун дар инсон чизе аз нури худовандӣ ҷой дорад, пас ӯ қобил ба фаъолияти ақлӣ хоҳад буд. Ҳамин мабдаи худовандӣ, яъне хирад, ӯро ба суйи маърифати моҳияти ҳастии худовандӣ кумак расонида, ба сӯйи якшавӣ ба «кулл» раҳнамоӣ мекунад. Масъалаи якшавии ҷузъе аз хиради инсонро бо «кулл», «Хиради ҷаҳонӣ» ва «бақо» мутафаккир дар манзари таълимоти тасаввуфии «фано» ва «бақо» баррасӣ мекунад [92, 87].

Мавлоно аввалин шуда дар бораи идеали худ ҳарф мезанад, ки ӯ Зунуни Мисрӣ (796-856) сӯфии мисрӣ, устод ва мураббии Боязиди Бастомӣ аст. Ӯ яке аз сӯфиёни тавонои силсилаи сӯфиёни пешин, олими кимиё, соҳибкаромот, ҳомии табибон буд ва метавонист иероглифҳои қадимаи мисриро бихонад. Ворид сохтани мафҳуми «гнозис» (дониши ваҳй)-ро ба ислом ба ӯ нисбат медиҳанд.

Боязид мафҳуми меъроҷи рӯҳи инсонро вақти медитатсия (парвози хаёл) ба иборају ҷумлаю тарзи гуфтор ворид сохтааст, ки мутафаккирони тасаввуф васеъ истифода мебаранд. Боязид мекӯшад неруи худовандиро (лоҳутро) бо неруи инсонӣ (носут), яъне оғози рӯҳонӣ ва моддиро дар баёнияҳои хеш муттаҳид созад. Ин кӯшиш қисман аз ҷониби атрофиёнаш, инчунин аз ҷониби онҳое, ки ӯро гӯш мекарданд, қайд гардидааст [55, 45].

Нафари сеюме, ки Мавлоно дар бораи саромадони хеш ҳарф мезанад, Абдулқосим Ал-Ҷунайд ибни Муҳаммад Ал-Қаворирӣ Ал-Хаззаз Ан-Наҳовандӣ Ал-Бағдодӣ (вафот 910) – бунёдгузори яке аз ду ҷараёни асосии ирфони мусулмонӣ – ратсионалистӣ (хирадгароёна), «таълимот дар бораи ҳушёрӣ» ва назорати комили хеш мебошад, ки ин равия бо номи ӯ ҷунайдия аст. Ҷунайд аз аҳли форс буд, ки дар Бағдод (ё ин ки дар шаҳри Наҳованд) таваллуд шуда, тамоми умр он ҷо зиста, ҳамон ҷо вафот мекунад. Ӯ бародарзода ва тарбиягирандаи орифи форстабор Абулҳасан Сарӣ Ас-Сақатӣ (ваф. 867) мебошад. Аз амак ӯ ҳуқуқи шофиӣ ва тасаввуфи Ал-Ҳорис Ал-Муҳосибӣ (наздики 781-857) – бунёдгузори мактаби бағдодии ирфонро, ки таълимотро дар бораи тавҳид ва зинаҳои маърифати он дар заминаи таҷрибаи равонӣ ва фаросат (гувоҳи дил, интуитсия) таҳия кардааст, омӯхтааст [55, 68-70].

Ҷунайд аввалин нафарест, ки тасаввуфро воситаи покизагии рӯҳ ва муборизаи ақидаҳо номидааст. Ӯ ҳаёти орифро иборат аз маърифати воҳидияти Худо медонад. Ҷунайд бори абадии тобеият ва дарки онро, ки дар пеши Худованд оҷизу ҳақир аст, ба дӯши сӯфӣ мегузорад. Моҳияти доктринаи сезинадори таълимоти ирфонии Ҷунайд идеяро дар бораи ҳастии Худо ҳамчун воқеияти ягонаи ҳастӣ тарғиб мекунад. Инсон, мисли ҳама маҳлуқот аз Худо бармеояд, аз ин рӯ, мекӯшад ба нахустмабдаи худ баъд аз ҷудоӣ (тафриқ, ал-фарқ ал-аввал) ба хотири пайваст шудан (ҷамъ) ва дар ӯ қарор доштан, яъне комёб шудан ба ҳолати аввалия, баргардад. Ин андеша дар «Маснавӣ»-и Мавлоно, ки аз шаш дафтар иборат аст ва аз «Найнома» оғоз мешавад, тараннум мегардад. Ҷунайд андеша дорад, ки сӯфӣ бо рисолати медитатсия ба ҳолати воҳидияти Худованд мерасад, ки инсон дар баробари ин воҳидият ба ҳеҷ баробар аст. Ин оҷизию ҳақириро бавоситаи ҳамеша ба иродаи худро тобеъ сохтан, таъзиму ибодат кардан, тавассути баланд хондани (ретситатсия) номи Худо дарк

мекунанд. Бештаре аз сӯфиён дар андарзҳои худ дар бораи ҳазор ва ду ҳазор такрор кардани номи Оллоҳ мегӯянд, ки имкон медиҳад баракату неъмат ва дарки экстатикии (ваҷд) моҳияти ӯ муяссарашон гардад. Ин дар ҳолест, ки сӯфӣ ҳис мекунад, ки гӯё ҳастии худ, хосияту сифати хеш ва эҳсосу таассури худро гум кардаю батамом дар Худованд маҳлул шудааст. Ин ҳолатро ӯ фано – маҳлул шудан, гум гаштан, мафҳуме ном мебарад, ки онро Боязид пешниҳод кардааст. Ба ин муқаррароти таълимоти тасаввуф такя карда, Ҷунайд дастурамалеро таҳия месозад, ки номи *«таълими ҳушёрӣ»* мегирад ва ин таълимот меҳвари назарияи ӯст, ки ҳадафи асосии он на дар расидан ба ҳолати фано, балки дар ҳамин мақом қарор доштану сипас тамоми хосиятҳои гумкардаи инсонии худро баргардонида, аммо дар шакли тағйирёфта ва аз неруи абадӣ накҳат бардошта, истода ва боқӣ мондан барои ҳаёти нав дар Худо (бақо, бақо баъда ал-фано, ал-фарқ ас-сонӣ, ат-фарқ ат-табиӣ, ҷамъ ал-ҷамъ), яъне, аз нав «ба худ омадан», ба олам дар сифати нав бо сафорати хоссаи Худованд нузул кардан, то одамонро панд гуфтану соҳибмаърифат сохтан ва ба ҷамоати одамиён хизмат намудан.

Ҳамин тавр Ал-Ҷунайд қавоиди таҳиянамудаи Абӯязиди Бастомиро асосан эътироф намуда, онро танҳо марҳилаи мутавассит меномад, зеро орифи комил муаззаф аст дуртар, ба ҳолати «ҳушёрӣ» (солимӣ) равад, ки он ҷо дарки шахсии Худованд мавҷуди инсонии комилтареро бо ҷумла худбоварӣ ва худназораткунӣ аз ӯ эҷод созад. Таълимоти Ҷунайд эътирофи васеъ ёфта, байни орифони мусулмон паҳн шуд; байни нозирони «бо имон будан»-и мусулмон назари ӯ нисбатан бехатар ва таҳаммулпазир буданд. Ба бештаре аз силсилаҳои баъдии тасаввуф дохил шудани номи ӯ ҳамчуни кафолати «эътидолӣ» ва «боимонӣ»-и ин ҷамъиятҳои суфигӣ, хидмат мекард. Гумон меравад Мавлоно «Усули Расоил» – маҷмуи мактуботи ба шахсиятҳои алоҳида

нигаронидашудаdo, рисола-пайғомҳо дар мавзуоти тасаввуфиро, ки баъзеи онҳо дар шакли тавзеҳот ба оятҳои алоҳидаи Қуръон навишта шудаанд, аз ӯ қабул кардааст. Мавлоно менависад, ки саромадони худ Зунун, Боязид ва Ҷунайдро пайравӣ мекунад:

Аё ёре, ки дар ту нопадидам,

Туро шакле аҷаб дар хоб дидам.

Чу хотунони Миср аз ишқи Юсуф,

Туранҷу даст бехуд мебуридам.

Куҷо он маҳ, куҷо он чашми дӯшин,

Куҷо он гӯш к-онҳо мешунидам.

На ту пайдо, на ман пайдо, на он дам,

На он дандон, ки лабро мегазидам.

Манам анбори оганда зи савдо,

К-аз он хирман ҳама савдо кашидам.

Ту ороми дили савдоиёнӣ,

Ту Зунуну Ҷунайду Боязидам [5, 557].

Дар «Фиҳӣ ...» ӯ Боязидро ду маротиба ва Ҷунайдро бошад, як дафъа ёд мекунад. Дар аввал ҳикояи тамсилиро дар бораи он меорад, ки луздон бояд аз муҳтасиб битарсанд, аммо баъзан ҳолати баръакс рух медиҳад, ӯ дар бораи он ҳарф мезанад, ки Худо бо Боязид гуфтугӯ мекунад: – Эй Боязид, ту чӣ мехоҳӣ? Ӯ ҷавоб дод: мехоҳам, ки ҳеҷ чизеро намехоҳам [8, 165]. Дафъаи дуюм зимни таъбири аҳамияти тарбия, хулқият нақл карда мешавад, ки боре падари Боязид ӯро барои омӯхтани фиқҳ ба мадраса мебарад. Дар баробари муддарис рост истода мепурсад: Ин ҳамон фиқҳи Оллоҳ аст? Муддарис ҷавоб медиҳад: Ман фиқҳи Оллоҳро сабақ медиҳам. Вақте ӯро пеши наҳвӣ барои омӯхтани сарфу наҳв мебаранд, ӯ мепурсад: Ин сарфу наҳв аст? Ба ӯ мегӯянд, ки ин сарфу наҳви Сибавайҳ аст. Ӯ ҷавоб дод, ки ман инро медонам. Падар ғамгин шуд ва ӯро ба ихтиёри худ гузошт. Ҳамин

тавр, Боязид Бағдодро дарёфт. Чун Ҷунайдро дид хитоб кард: ана ин аст фақеҳи Оллоҳ [8, 186].

Мавлоно ба мафҳуме чун масъулият аз мавқеи аслиятию моҳиятӣ ҳамчун орифе, ки дар мавқеи «ваҳдати вуҷуд» истодааст, такя мекунад. Ин мавқеъ дар тасаввуроти ӯ доир ба интихоби роҳи ҳаётӣ қарор дошта, масъулияти интихобро дар худ гирифта, вазнинии ҳаёти заминӣ ва омилҳои асосии вуҷудизмро маърифат кардааст. Фаҳмиши моҳияту аслияти муносибати пурмасъулият ба мавҷудият, фаҳмиши ӯро ба моҳияти ҳастӣ, аз ҷумла ба фаҳмиши ҳастии инсон мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, барои Мавлоно ин муносибати бомасъулият ба мавҷудият яке аз мафҳумҳои муҳимми ҳастии инсонӣ аст. Ӯ масъулият ва яктопарастиро (тавҳидро) мафҳумҳои ҳаётан муҳим ҳисобида, манбаи пайдоиши он – образҳо (тимсолҳо) ва муқаррароте ҳастанд, ки инсон дар раванди хештаншиносӣ эҳсос кардаю пайдо менамояд. Мавлоно итминон дорад, ки Худованд ҳар қобилияту малакаи инсонро бо таъйинот ва мақсади муайяне сохтааст, то ӯ бо амри зарурат истифода намояд ва ин қобилиятҳо имкон дошта бошанд, инкишоф ёбанд.

Ин андеша дар сураи 17-уми Қуръон – «Исро» ҳузур дорад. Ин ҷо нишон дода шудааст, ки муносибати инсон ба одамони дигар танҳо ҳамон вақт беҳбудию меҳрубониро соҳиб мешавад, ки агар муносибати ӯ бо Худо, бо худ ва олами мавҷуд дар заминаи муносибати бомасъулият амалӣ шаваду ӯ дарк кунад, ки дар ин олам чӣ кори муфидеро метавонад анҷом диҳад.

Дар назарияи мазкур Мавлоно одами одиро (на танҳо соликро) даъват мекунад, ки дар ҳаёти дунявӣ иқдомҳои муайяни некеро ба хотири ошноӣ ёфтан ба Худо ва дарёфти хайру баракат дар олами абад шуруъ кунад. Ба тарзи дигар гӯем, Мавлоно нигоҳи васеътареро

ба дониш пешниҳод намуда, мафҳуми муносибати бомасъулиятро ба ҳастӣ баррасӣ мекунад, ки он ҷо арзиши универсалии ба ҳамаи одамон зарурро тавзеҳ медиҳад.

Мавлоно дар андешаҳои худ идеяи масъулияти инсонро нисбат ба кор ва сарнавишти хеш инкишоф дода, ҳатто таъкид мекунад, ки инсон созандаи тақдири хеш аст [108, 74]. Ӯ масъулиятро ҳамчун ҷавоби таъсирбахши фард зимни иҷрои ину он кор мебинад.

Ба ин маънӣ масъулият дастур ва нишондод ба имконият ва қобилияти инсони ташаккулёбанда дар ҷараёни иҷрои ин кор буда, аз неруи ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамин тавр, Мавлоно инсонро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ӯ бомасъулият ҳисобида, манобеи ин амалро аз бунёди фалсафию ахлоқии ислом ва тасаввуф ҳосил мекунад.

Инсон муваззаф аст кори дурусти созандаю манфиатовареро андешидаю интихоб кунад ва ҳамон вақт қобил ба масъулият аст, ки озодии интихоб дошта бошад. Масъулияти аввали инсон, аз нигоҳи Мавлоно маърифат ва фаҳмиши Худо аст.

Мавлоно онро яке аз муҳимтарин масъулияти инсон медонад ва барои равшантар тавзеҳ додани ин ҳақиқат ҳикояи тамсилиеро дар бораи Довуд меорад, ки ӯ аз Худованд мепурсад: Ё Офаридгор, чаро ту ҳама махлуқотро ошкору падидор сохтӣ? Ҷавоб дод: Ман хазинаи пинҳон будам, ошкоро (дарк) буданро дӯст доштам, сипас махлуқотро сохтам, то ки маърифат шавам [4, 29. 1341].

Мавлоно масъулияти инсонро иборат аз кӯшише медонад ба хотири маърифат ва ошкор кардани моҳияти Худованд, то ки мавҷуди ҳақир ва фонии худро бо ӯ маҳлул сохта, абадиятро дарёфт кунад. Об шудан дар уқёнуси аслияти худовандӣ ба рушду комилшавии инсон мусоидат мекунад [1, 1Д.1.2864-2865].

Мавлоно шарҳ медиҳад, ки то замоне инсон Худоро нашинохтааст, ӯ меваи нопухтаеро мемонад, ки бо тамоми қувва аз

дарахти ҳаёт дошта, наметавонад аз ӯ даст кашад. Вақте ӯ комилияти маънавиро соҳиб мешавад, пухтаю инкишофи рӯҳиро касб мекунад, қобил ба маърифати ноқисию оҷизӣ, ҳастӣ ва дилхунукӣ ба дунё мегардад [1, Д.3. 1293-1297].

Ӯ андеша дорад, ки инсон дар як гузаргоҳи олам қарор дорад, ба хотири маҳфуз доштани сарвати ба мо гузошташуда ва шаҳодати худовандии он, бояд «А ласту бираббикум? Қолу: бала» («Оё Парвардигори шумо нестам? Гуфтанд: Оре, ҳастӣ» ) гуфта гузарем, на ин ки дар даҳлези танги олам андармон бошем. Шаҳодати он, аҷру подоши ин сарвати боваркардашуда аст:

З-он бихондандат бад ин ҷо то ки ту,
Он гувоҳӣ бидҳиву нори ту.
То бинадҳӣ он гувоҳӣ, ай шаҳид,
Ту аз ин даҳлез кай хоҳӣ раҳид?
Хоҳ дар сад сол, хоҳӣ як замон,
Ин амонат вогузору вораҳон! [1, Д.2.2450-2454]

Масъулияти дигари инсон сипосгузорӣ ва шукргузории ҳамон ғановате аст, ки Худованд барои истифодаи инсон ройгон додааст. Мавлоно нисбати асрори пӯшидаи офаридани инсон бениҳоят изҳори ҳайрат намуда, узвҳои ҳис ва фикр, узвҳои бадан ва вазифаҳои онро пайи ҳам шуморида, таъйиноти бохирадонаи онро ба инсон огоҳ месозад [1, Д.2.2450-2454]. Ӯ таълим медиҳад, ки ҳар нафар бояд шукргузор барои ҳар як узв бошад. Ҳар касе, ки шукргузори ин боигариҳост, онро дарк намудаю мебинад, маҳз ҳамон фард ба Офаридагор, ихтиёргузори ин ғановат шукргузорӣ мекунад: «ва зикруҳу неъматуллоҳи алайкум» [66, 231].

То туро чун шукр гӯйӣ бахшад ӯ,
Рӯзии бедому бе хавфи аду.

Шукри он неъмат, ки он озод кард,

Неъмати ҳақро бибояд ёд кард [1, Д.3.2881-2882].

Шукргузории оқилона барои инсон ҳатман воҷиб буда, ҷавобест ба меҳрубонии беинтиҳои Худованд:

Шукри мунъим воҷиб ояд дар хирад,

Варна бигшояд дари хашми абад.

Ҳин карам бинӣ ду ин худ кас кунад,

К-аз чунин неъмат ба шукре бас кунад?

Сар бубахшад, шукр хоҳад саҷдаӣ,

По бубахшад шукр хоҳад қаъдаӣ [1, Д.3.2471-2473].

Масъулияти саввумро Мавлоно масъулият дар пеши худ меҳисобад ва ин масъулиятро ҳамчун масъулияти сазовор ва самарабахш дар хусуси истифодаи тамоми хайр ва имкониятҳои Худованд ато карда, шарҳ медиҳад:

Умри худро дар чӣ поён бурдаӣ?

Қуту қувват дар чӣ фонӣ кардаӣ?

Чашму гӯшу ҳушу гавҳарҳои арш,

Харҷ кардӣ, чӣ харидӣ ту зи фарш?

Дасту по додат чун белу каланд

Ман бубахшидам, зи худ он кай шуданд? [1, Д.3.2149-2153]

Мавлоно итминон дорад, ки пушаймонию надомати шадиди инсон фаҳмиши он аст, ки ӯ натавонистааст боигариҳои ба ӯ Худованд додаро истифода намояд ва сармояи ҳаётии хешро ӯ беҳуда сарф кардааст. Ӯ ҳар дақиқаи ҳаётро бебаҳо ҳисобида, масрафи онро талафоти абадию бузурге медонад:

Оқибат ин хона худ вайрон шавад,

Ганҷ аз зераш яқин урён шавад.

Лек они ту набошад, з-он ки рӯҳ,

Музди вайрон кардан асташ он футуҳ.

Чун накард он кор, муздаш ҳаст? «Ло»,

«Лайса лилинсони илла мо саъо» [1, Д.4, 2543-2546].

Масъулияти чаҳоруми инсонро Мавлоно хештаншиносӣ ва маърифати арзишҳои мавҷуд меҳисобад. Хештаншиносиро ӯ яке аз мафҳумҳои муҳимми масъулият дар баробари хеш медонад. Мавлоно онҳоеро, ки ҳама олами муҳити худро маърифат карданду аммо худро нашинохтаанд, сахт интиқод мекунад.

Ба замми он, ҳар дониши бидуни хештаншиносиро ӯ ношоям дониста, ҳатто машғулияти донишҳои диниеро, ки инсон бидуни хештаншиносӣ оғоз кардааст, камсамар меҳисобад [64, 56]:

Сад ҳазорон фасл донад аз улум,

Ҷони худро менадонад он залум.

Донад ӯ хосияти ҳар ҷавҳаре,

Дар баёни ҷавҳари худ чун харе.

Ки ҳамедонам «яҷузу ло яҷуз»,

Худ надонӣ ту яҷузӣ, ё аҷуз!

Қимати ҳар кола медонӣ, ки чист,

Қимати худро надонӣ, аҳмақист.

Аз усулайнат усули хеш беҳ,

Ки бидонӣ асли худ, эй марди меҳ! [1, Д.3.2648-2656]

Мавлоно хештаншиносиро арзиши муҳимме шуморида, онро дарвозаи ҳама донишҳое медонад, ки ифшои мушкилоти кулли ҳастии хешро мусоидат мекунад. Хештаншиносӣ, ин масъулияти ҳақиқӣ ва аввалини инсон дар робита ба хештан аст. Замоне, ки инсон ин арзишро пайдо мекунад, он вақт ӯ метавонад ба худошиносӣ ва намудҳои дигари худтакомулёбӣ, мисли «ман арафа нафсуҳу фақат арафа раббаҳу» даъво кунад [1, Д.5.561-567; Д6.2353-2355]. Ё чуноне ки дар «Фиҳӣ ...» мегӯяд «Инсон устурлоби (ченаки) ҳақиқат аст; аммо ситорашиносе зарур аст, ки ин устурлобро донад» [8, 52]. Ӯ андеша

дорад, ки инсон ба ин хок барои хештаншиносӣ ва сипас барои худошиносӣ омадааст, аммо ӯ хештанро фаромӯш карда, ба корҳои дигаре машғул аст. Агар ӯ дар давуғеҷи ҳастӣ таъйиноти худро фаромӯш созад, пас ӯ беҳуда зиндагиашро гузаронида, чизеро анҷом надодааст [8, 64]. Аммо он нафаре, ки таъйиноту мақоми хешро фаромӯш накарда, вазифаи бузурги ба ӯ гузошташударо иҷро намудааст, ба осмонҳо боло хоҳад рафт:

Тоҷи «каррамно»-ст бар фарқи сарат,

Тавқи «аътайно» к-овезӣ барат.

Эй аломат ақлу тадбирот ҳуш,

Чун чунинӣ хешро арзонфурӯш?

Баҳри илме дар наме пинҳон шуда,

Дар се газ тан оламе пинҳон шуда [1, Д.5.3572-3579].

Инсон бояд худро болотар аз ҳадди ҷисм ва ҳавою ҳаваси хеш дониста, ба амиқияти қалби хештан равад, зеро ки ӯ «офтобест дар заррае нуҳуфта» ва «баҳрест дар сояи пахоле ниҳон». Агар ӯ ба ҳикмате, ки аз ҳадди ҷисмаш берун аст, бирасад, пас ӯ дар хештан алмос (гавҳар) ёфтааст» [1, Д.1. 2501-2502].

Арзиши дигари масъулиятборро ӯ маҳви сифат ва одатҳои бад медонад, аз қабили масъулият дар нисбати дигарон, паҳнсозии дониш ва тарбияи ахлоқии ҷомеа, изҳори муҳаббат ва меҳрубонӣ ба дигарон, дарки мақом ва аъмоли хеш, мазамматы бар дӯши дигарон бор кардани масъулият, бор ё воқеаеро, маломати бар дӯши рағбату талаботи тан бор кардани масъулият, сарзаниш намудани ба дӯши Худованд ва Шайтон бор кардани масъулият ва ғ.

Ҳамин тавр, Мавлоно, назарияи мукаммал ва мулоҳизакоронаеро таҳия намуда, қадам ба қадам арзишҳоро аз мавқеи самараю муфидияти он ба инсон таҳқиқ мекунад. Мавлоно арзишҳоро ба арзишҳои объективӣ ва субъективӣ ҷудо карда, ба хулосае меояд, ки

инсон ягона мавҷуди ақлдодашудаест, ки бояд барои кор, сарнавишт ва кулли ҳастӣ масъулият дошта бошад. Ҳастии олам вобаста ба он аст, ки то кадом ҳад инсон зиндагии заминиашро паси сар мекунад.

## 2.3. Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно

Дар таълимоти этикии Ҷалолуддини Румӣ назари мутафаккир ҳам ба инсони одӣ ва ҳам ба инсоне, ки ба сӯйи комилияти маънавӣ раҳсипор аст, мушоҳида мегардад. Мутафаккир куллан ба инсон, новобаста ба фарқияту афзалиятҳояш муроҷиат намуда, дар бештари ҳолатҳо чи барои инсони омода ва чи барои инсони ҳанӯз тайёрнашуда (дар нимароҳ буда) назари хоси худро, рӯ ба рӯ иброз медорад. Ҳамзамон, арз медорад, ки одамон аз лиҳози кайфияту табъи рӯҳӣ гуногунанд ва ҳатмӣ нахоҳад буд, ҳамаи онҳоро баробар дониста, маҷбуран ба як қолаб тела диҳем, агарчи ин қолабгарӣ накӯ ҳам бошад.

Дар мушоҳидаҳои ӯ доир ба инсон ва аъмоли ӯ метавон одамони ихтилофмаобу мутазодро вохӯрд, ки сарҳади ташаккулашон аз инсони тамоман худбину худпарасти хушк оғоз шуда, то ба ҳадди орифи нафосатсухан, ки ҳувияти хештанро гум карда, рӯҳашро ба мақоми Худованд ҷӯр сохтааст, расидааст [41, 45]. Ба ин маъно муҳаққиқон ӯро молики ҳақиқати ботину зоҳир дар таъбири тасаввуфии ин мафҳумҳо меҳисобанд. Арзиши таълимоти ахлоқии ӯро ба ҳамин маъно метавон ба этикаи дунявӣ, ҳамзамон, ба этикаи динӣ, универсалӣ ва этикаи баргузидаи элита мансуб донист [75, 25].

Ахлоқшиносии Мавлоно ба идеяи муқобилатнапазирӣ ба таҷовузу зӯрӣ ва таҳаммулпазирӣ ба ҳама рӯйдоди олам бунёд

ёфтааст. Дар ин равиш ӯ анъана ва он тасаввуроти ахлоқию одобманиширо, ки дар Балх, Вахш, Самарқанд ва Бухорои замони ӯ ҳукмфармо буданд, инчунин одату анъанаҳои маҳалиро, ки этикаи динии суннии мазҳаби ҳанафӣ-шофеӣ фаро гирифтаю ҳазм карда буд, пайравӣ мекунад.

Дар фаҳмиши ӯ инсон – мафҳуми универсалӣ буда, ба он хотир офарида шудааст, ки маънавиёти худро барои маърифати хештан такмил бахшида, дар худ сифатҳои худовандиеро, ки дар қишрҳои амиқи ҳувияти ӯ Худованд ҷой кардааст, ифшо намояд. Мавлоно андеша дорад, ки комилияти маънавиро ҳама одамон бояд талаб дошта бошанд ва барои ин шарт нест соҳиби донишу қобилияти Абуалӣ ибни Сино ё Закариёи Розӣ бошӣ, зеро рӯҳи дар ҷисми худи инсон ҷойдошта, наметавонад бидуни ҳаракат ба сӯйи комилият, қарор дошта бошад.

Чуноне ки Мавлоно дар «Маснавӣ» қайд мекунад, Салоҳуддини Заркӯб илми зиёде надошт ва ҳатто наметавонист нутқи муқарарририро дуруст баён кунад, вале қобил ба кашфу ваҳй буд ва бо рӯҳи хеш асрори комилиятро дарк намуда, шайх ва сарвари дигарон шуда, онҳоро ба сӯйи қуллаҳои маънавӣ раҳнамоӣ намуд [39, 17].

Мавлоно болоравии тадриҷии маънавиро ба зинае монанд мекунад, ки солик қадам ба қадам гузашта, боло меравад. Ин фарозӣ ва дарёфти ҳар зинаи болоравандаро Мавлоно ҳамчун тавлиди нав медонад, ки солик дар як ҳолат мурда, дар ҳолати дигар аз нав, боз комилтар эҳё мегардад. Дар ин ҷода ғизои маънавӣ ёрирасони ӯст, ки неруи эҳёкунандаро ба ӯ медиҳад ва ӯ ба сӯйи зинаҳои баланди комилият муттасил шитофта, ҳаёти навро паси сар мекунад.

Солик дар ин раванд ҳар лаҳза аз нав тавлид шуда, ҳолатҳои зайлро чун ҳолати ғайризинда, набот, ҳайвон тай намуда, тадриҷан ба мақоми инсон наздик мешавад ва чун ин ҳолатро паси сар мекунад,

инсони комил хоҳад шуд. Ишора ба най дар оғози Маснавӣ ин ҳамон тимсоли аз нав таваллуд шудан аст, ки аз олами набот ба олами мавҷудоти олӣ инсон роҳ паймуда, қобил ба худошиносӣ ва ба ӯ наздик шуданро дармеёбад. Ин роҳи тулуъ ба Худованд ва пойин шудан ба олами моддӣ ифодаи гувоҳи марғуб ва маҳлулшавӣ ба Худованд аст, ки солики тасвирнамудаи Мавлоно талабгори соҳиб шудан ба онро дорад.

Ба ибораи дигар, зинаи (силсилаи маротиб) комилияти маънавии Мавлоно ду тараф дорад – фароз ва нишеб, ки солик бояд онро тай намояд. Болоравию поёншавӣ ду тарафи камолоти маънавии ӯст.

К-аз найистон то маро бибридаанд,

Аз нафирам марду зан нолидаанд.

Сина дорам шарҳа-шарҳа аз фироқ,

То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.

Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,

Бозҷӯяд рӯзгори васли хеш...

Таҳаммулпазирии Мавлоно дар назар дорад: шумораи беохири усулҳои маърифати Худованд баробар ба шумораи одамонест, ки мувофиқи қобилиятҳои Худовандро ҷустуҷӯкунанда меафзояд. Онҳо дар мақсадашон, ки хештанро дар Худо дарёфтан аст, як ҳастанд. Мавлоно чанд дафъа қайд мекунад, ки ӯ ба ҳафтоду се равияи дин мувофиқ аст ва барои чунин андеша аз ҷониби баъзе сарварони динии замони худ маломат мешунавад ва ба онҳо бо ҳаҷв ва таънаи истеҳзормез ҷавоб медиҳад: ӯ ҳамфикр ба онест, ки ин ходим сарзаниш мекунад [9, 621].

Мавлоно гурез аз душманӣ, низоъ ва ихтилофро тарғиб мекунад, ки дар замони ӯ кам набуданд. Дар Осиёи Сағир, ки ҳавзаи ҷамъшавии халқҳою фарҳангҳо буд, тез-тез байни туркҳо ва византиягиҳо, арабу юнониҳо ва халқҳои дигар муноқиша мерафт, ҷангҳои салибӣ ва ҷанг

бо беимонҳо баргузор мегашт, Мавлоно арз медошт, ки шамшер дар ғилоф бехатар аст агар аз ғилоф баркашӣ, сабабгори хунрезӣ мешавад.

То ғилоф андар бувад, боқимат аст,

Чун бурун шуд, сӯхтанро олат аст [1, 74].

Мавлоно муқобили ҷанг ва хунрезиҳост, онро амали бемаънӣ ва беақлонае медонад, ки боиси зулму ситам ва муҳоҷирати чи одамони бохирад, донишманд ва бофарҳанг ва чи одамони одӣ мегардад, ки маҷбуранд аз таҷовузу зулм рӯ ба гурез биёранд. Ӯ мегӯяд: беҳтар мебуд дар муҳити номувофиқ зист, дар қиёс ба он ҷойе, ки ҷанг ҳасту хуни одамон мерасад:

Потиҳӣ гаштан беҳ аст аз кафши танг,

Дарди ғурбат беҳ, ки андар хона ҷанг [98, 260].

Муҳаббат категорияи махсуси этикӣ дар таълимоти Мавлоно аст, ки сатрҳои аввали Маснавӣ аз он оғоз меёбад. Ишқ дар таълимоти ӯ, чун дар таълимоти Афлотун ва Гален дармони ҳама дардҳои инсон, воситаест, ки худпарастию беҳаёгиро даво мебахшад. Ба замми ин, Мавлоно яке аз он мутафаккиронест, ки русуми сулҳовариро эҷод намуд ва ин иқдоми ӯ минбаъд бунёди маънавии анъанаи сулҳофарӣ гашт. Истифодаи чунин анъана, махсусан дар замони муосир қобили ибратомӯзӣ аст.

Мавлоно тараннумкунанда ва ситоишгари Хайр ва адолати иҷтимоӣ аст. Ба анъанаи дури этикии гузаштагонамон такя намуда, мутафаккир онро инкишоф медиҳад. Ӯ огоҳӣ медиҳад, ки этика ва накӯкорӣ меросӣ буда, ба инсон зимни таваллуд шуданаш додаанд. Ӯ итминон дорад, ки инсон метавонад сифату хосиятҳои бади худро бартараф намуда, аз онҳо боло шуда, онҳоро пирӯз гардад. Ӯ дар миёни аҳли тасаввуф аввалин шуда, оиларо ҳамчун ниҳоди тарбия ва парвариши кӯдакон – ҷойе ҳисобид, ки тифл аввалин малакаҳои иҷтимоиро дармеёбад. Барои ӯ оила он ҷойест, ки кӯдак дар заминаи

мушоҳидаҳояш дар хештан масъулиятшиносӣ, боақлӣ, накӯкорӣ ва сифатҳои некро тарбия мекунад. Барои Мавлоно муҳите, ки кӯдак он ҷо қарор дорад, муҳим аст.

Дар «Фиҳӣ ...» ӯ дар мактубҳояш ба фарзандони болиғи худ, ки дар Димишқ таҳсил мекунанд, панд медиҳад: онон ба муҳите, ки он ҷо давр мезананд, бояд таваҷҷуҳ дошта бошанд. Аз таъсири аъмоли бад онҳоро огоҳӣ дода, насиҳат мекунад, ки таъсири бади ҳамсолон ва одамони муҳиташон метавонад онҳоро ноайён, рӯз ба рӯз вайрон намояд. Аз ин рӯ, аз фарзандонаш тақозо дорад, ки бо одамони гуногун нанишаста, аз ҷомеаи нобоб ҳазар кунанд [8, 158].

Мавлоно нақши маориф ва мактаб дар ташаккули шахсияти инсон яқинан маълум аст. Барои тарбияи инсон дар рӯҳияи накӯкорӣ ва хулқи шоиста, боздошти ӯ аз маҷрои нодуруст, ӯро мебояд ҳатман дар мактаб таҳсил кунад. Мавлоно худ маълумоти хуб гирифта, тамоми кӯшишро барои таҳсили фарзандон харҷ карда, мактаберо бунёд гузоштааст, ки дар тамоми Авруосиё ва баъзе ноҳияҳои Африқо то қарни XX машҳур буд.

Ӯ чанд асареро маҳз барои шогирдону пайравонаш навиштааст, ки он ҷо доктринаи этикии худро баён намудааст. Ҷалолуддин чунин сифатҳои неки инсон, чун вафодорӣ, хоксорӣ, саховатмандӣ, сулҳҷӯйӣ, адолат ва кумак ба нодорону заифон, эҳтироми хеш ва дигарон, тақводорӣ ва ҳақҷӯйӣ, канорагирӣ аз аъмоли бад ва аз ҷомеаи нобобро ситоиш мекунад. Сифату хосиятҳои баде, чун бухл, тамаъҷӯйӣ, ҷоҳталабӣ, ришваситонӣ ва бевиҷдонӣ, дасисакорӣ ва қаллобӣ, мунофиқӣ ва дурӯягӣ, фиреб ва ғайраро сарзаниш мекунад [39, 112]. Ӯ зуд-зуд дар шакли тунд ва мисолҳои номақбул моҳияти баду кароҳатангезонаи онҳоро нишон дода, мекӯшад, пайравони худро аз чунин сифату хосиятҳои нолозим ҳимоя намояд. Дар

«Маснавӣ», «Девони кабир» ва асарҳои дигараш чанд маротиба дар ин мавзуъ ҳарф мезанад [75, 88].

Ризоият дар ҷомеа барои Мавлоно муҳим аст, ин ризоият идорашаванда буда, ин идорашавандагиро ӯ унсури асосии ҳаёти ҷамъиятӣ меҳисобад. Ғайр аз ин, барои ӯ идоракунии боадолати ҷомеа муҳим аст. Ба ибораи дигар гӯем, робитаи мутақобилаи байни аъзои ҷомеаро ӯ дар ҳусни тафоҳум ва ҳамфикрӣ мебинад. Ибораи баённамудаи ӯ байни мардум васеъ паҳн шудааст, ки дар ҳалли мушкилоти ҷомеа бояд ба якдигар маслиҳат намоянд, чун ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд:

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳоро ақлҳо ёрӣ дихад [98, 261].

Мавлоно худ ҳеҷ кӯшише накардааст бо ҳукуматдорон наздик шавад, балки худи онҳо ҳамеша эҳтироми бузургеро нисбати падари Мавлоно-Баҳоуддин Валад, ба худи Мавлоно, сипас ба фарзанди ӯ – Султон Валад изҳор доштаанд. Ҳамин тавр, муҳаббат ва эҳтироми ҳукуматдоронро ба оилаи хеш пайдо карда, Баҳоуддин Валад – фақеҳи бузург ва ходими дин баъди аз Макка баргаштан бо аҳли оилааш зиндагиро дар Қуния ихтиёр кард.

Ин шаҳр ҳамон замон пойтахти сулолаи нав ба вуҷудомадаистодаи Салҷуқиҳо буд, оилаи фақеҳ Баҳоуддин дар ин шаҳр монда, ӯ ба мадрасаи ҳокими Қуния махсус барои ӯ сохташуда – мадрасаи Кайқубод, роҳбарӣ мекунад. Ин мадраса баъди падар ба Ҷалолуддин мегузарад ва ӯ то охири умр ин ҷо мударрисӣ мекунад. Ҳокимон на танҳо худ ва фарзандонашон ин ҷо таҳсил мекарданд, балки ба он маҷлисҳое иштирок мекарданд, ки ӯ самоъ – рақсҳои маросимии дарвеширо мегузаронд. Ин рақсҳо минбаъд ҳамчун рақсҳои дарвешони чархзанандаи Мавлоно номида мешаванд.

Дар ин маросим ноаёну мулоим ба ҳокимон андарзҳои одилона идора кардан, ба мардум ситам накардан, зулму шиканҷаро раво надидан, ба нодорону ночорон, хонабардӯшон ва бесаводон тоқатпазир буданро, насиҳат мекард. Мавлоно адолат ва беадолатиро бисёр одӣ муайян мекард. Адолат монанди он аст, ки дарахтеро об медиҳӣ, беадолатӣ мисли он аст, ки хорро.

Адл чӣ бувад? Об деҳ ашҷорро,

Зулм чӣ бувад? Об додан хорро [176, 262].

Дар этика Мавлоно таваҷҷухи зиёдеро ба арзишҳои тасаввуф баён медорад. Ин таваҷҷуҳро дар баёни консепсияи инсони комил, ки яке аз муҳимтарин арзишҳои этика ва марҳилаи охирини роҳи маънавии солик дар ҷодаи боло шудан ба ҳақиқат аст, истифода менамояд. Ҷалолуддини Балхӣ худшиносиро роҳи асосии худошиносӣ медонад. Ӯ мисли дигар мутафаккирони аҳли тасаввуф ба ҳадиси пайғамбар «Мана арафа нафсаҳу фа қад арафа Раббаҳу» («Касе, ки худро мешиносад, Офаридагори худро хоҳад шинохт»), такя мекунад:

Баҳри он Пайғамбар инро шарҳ сохт,

Ҳар ки худ бишнохт, Яздонро шинохт [6, 770].

Мавлоно роҳи расидан ба Ҳақро талқин намуда, онро роҳ ба сӯйи «асл» меномад. М.Шамсов дуруст қайд мекунад, ки маърифати асл аз нигоҳи Мавлоно ин шохаи асосии худшиносӣ буда, дарёфти маърифати асл, пеш аз ҳама, тавассути хеш, тавассути моҳияти хеш муяссар мешавад. Маърифати моҳияти хештан, аз нигоҳи мутафаккир, илми муҳимме барои инсон аст [178, 78]. Арз медорад, ки бисёре аз ҳамасрони ӯ ба илмҳои зиёде сарукор дошта, натоиҷи муайянеро дар ин илмҳо муваффақ шуданд, вале дар шинохти моҳияти хеш, бемаълумот мондаанд.

Ӯ панд медиҳад: «Ҳоло олимони вақт ба умқи илмҳои маърифатшаванда ворид шуда, бисёре аз чизҳоеро сарфаҳм меравtotalnd,

ки ба худи онҳо тааллуқ надорад, дар нисбати ин чизҳо сутуҳи баланди донишро нишон медиҳанд, дар ҳоле ки муҳимтарин ва наздиктарин муаммо барои онҳо ин донистани моҳияти худи онҳост, ки худи онон хештанро намешиносанд. Дар бораи ҳама чиз – агар ниёз ҳаст ё ниёз нест, бо эҳтироми бузург ва ғамхории хоссае мулоҳиза меронанд, ин дуруст аст ва ҳамзамон, не. Онҳо худро намедонанд, ки ҳалол ё ҳароманд, эҳтиёҷу ғайриэҳтиёҷанд, покизаанд ё касифанд …» [2, 20].

Дар байни кашшофиҳое, ки доир ба моҳияти инсон анҷом додааст, Мавлоно асрори робитаи мутақобилаи ҷон (нафс) ва танро зикр мекунад. Ӯ иддао дорад, ки инсон бояд ҳам арзиши нафс ва ҳам танро дарк намояд. Ин мавқеъ барои этикаи тасаввуф нодир аст. Ӯ мегӯяд, ки тан аз ҷониби Офаридагор барои истифода кардан дода шудааст ва мо бояд дар хотир дошта бошем, ки мо тан набудаем ва бояд ба ин тан эҳтиром зоҳир кунем, зеро ки онро Худо ба мо додааст.

Мо бидонистем, мо ин тан наем,

Аз варои тан ба Яздон мезием [6, Абёти 3340-3341].

Чунин мавқеъ то охир пайхас нагаштааст, зеро ин мавқеъ ба этикаи қаландарону аҳли маломатия, ки танро зиндони рӯҳ дониста, мекӯшанд, танро дар шароитҳои вазнини ҷисмонӣ нигоҳ дошта, ба он зиён расонида, нисбати он бепарвоӣ намоянд, ихтилоф дорад [27].

Ин мавқеъ аз таълимоти ӯ доир ба воҳидияти ҳастӣ – ваҳдати вуҷуд бармеояд, ки мувофиқи он ҳар чизе, ки дар олам аст, зуҳури моҳияти худовандӣ аст. Аз ин рӯ, тани инсон ҳарчанд бузургии ҷисмонӣ дошта бошад ҳам, ин зуҳуроти худовандист ва мебояд ба ин тан бо эҳтиёткорӣ муносибат намуд.

Мавлоно ин худшиносиро қоил аст ва онро ба ҳадди мутлақ мерасонад. Ӯ андеша дорад, ки солик бояд моҳияти худро гум карда, дар ин моҳият маҳлул шуда, дар ҳастии он ба ҳайси як ғайриҳастӣ қарор гирад. Дар роҳи кашфи шарики ҳамфикр ӯ андеша пеш

мегузорад, ки зиёд кӯшид, то шарикро ҳам дар замин ва ҳам дар осмон ҷуст. Ин худшиносӣ чунон кори мушкил аст, ки гумон мекунӣ, лаҳзае сад оламро тай кардаӣ, вале мебинӣ, ки дар худшиносӣ танҳо қадаме пеш гузоштаию халос.

Ҳамзамон, беақлист агар чизеро берун аз худ биҷӯйӣ, зеро ҳамон чизи матлуб дар қаъри ҷони ту нишастааст:

Гум шудан дар гум шудан дини ман аст,
Нестӣ дар ҳастӣ оини ман аст,
То пиёда меравам дар кӯйи дӯст.
Сабз хинги чарх дар зини ман аст.
Чун ба як дам сад ҷаҳон вопас кунам,
Бингарам гоми нахустини ман аст.
Ман чаро гирди ҷаҳон гардам чу дӯст,
Дар миёни ҷони ширини ман аст.
Шамси Табрезӣ, ки фахри авлиёст
Сини дандонҳош ёсини ман аст [5, 200].

Худшиносӣ аз нигоҳи Мавлоно, он қадар барои инсон муҳим аст, ки дар масъалаи мартабаи инсон пеши дигарон, ӯ маҳз худшиносиро, ки тавассути он одамон якдигарро мешиносанд, муҳимтарин сифати инсон медонад. Аён аст, ки маҳз худшиносӣ ба тағйироти маънавӣ ва ҷаҳонбинии инсон мусоидат менамояд ва инсон мақому мартабаро дар миёни одамони ӯро иҳота карда, тавассути он соҳиб хоҳад шуд.

Гуфт бо дарвеш рӯзе як хасе,
Ки туро ин ҷо намедонад касе.
Гуфту: гар менадонад, омиям,
Хешро ман нек медонам, киям.
Вай агар баръакс, будӣ дардуреш,
Ӯ будӣ бинои ман, ман кӯри хеш [6, Абёти 4331-4333].

Мавлоно тавсия медиҳад, ки, пеш аз ҳама, ба моҳияти хеш назар андохт, мисли он ки инсон ба оина нигоҳ карда, дар оина худро мебинад. Хешро дар дигарон дидан – роҳи ботил аст, дуруст аст, агар худро дар оинаи рӯҳи хеш бубинӣ, Дар рӯҳ ҳамон оғози худовандӣ хуфтааст, ки Офаридагор дар як нафас кашидан одами аввалро сохта буд. Маҳз ҳамин оғози худовандӣ даъват мекунад то инсони Мавлоно худро дидаю маърифат созад:

Гуфтам: охиро ин аз баҳри чист?

То бидонам ҳар касе кӯ чисту кист.

Ойнаи оҳан барои пӯстҳост,

Ойнаи симои ҷон сангинбаҳост.

Ойнаи ҷон нест илло рӯйи ёр

Рӯйи он ёре, ки бошад з-он диёр.

Гуфтам: Эй дил, ойнаи куллӣ биҷӯй,

Рав ба дарё, кор барнояд ба ҷӯй [6, 93-97].

Ӯ онҳоро сабақ медиҳад, ки ба дарди мардуми одӣ бирасанд ва аз онҳо дурӣ наҷӯянд, ҳама кор ба хотири он бошад, ки бори мардуми одӣ сабук гардад, то ки онҳо тавонанд ба сӯйи Худо наздик бошанд. Насиҳатҳои пуртаъсири Мавлоно дар хусуси чӯпоне, ки пайғамбарро нашинохтааст ва чун мешиносад, ғамгин мешавад, ки наметавонад ҳамон хизматеро, ки сазовори пайғамбарон аст, анҷом бидиҳад, дар ҳамин мавзуъ аст. Мавлоно нафареро, ки зулм мекунад, ба оне монанд месозад, ки ба хештан чоҳ меканад:

Эй, ки ту аз зулм чоҳе меканӣ,

Аз барои хеш доме метанӣ.

Бар заифон гар ту зулме мекунӣ

Дон, ки андар қаъри чоҳи бебунӣ [6, 641].

Ба ҷуз оинаи дил солик ба раҳнамое эҳтиёҷ дорад, ки нақши ӯро пир-мураббии комил ё пири комил иҷро мекунад. Танҳо ӯ қобил аст

пардаи асрорро бардошта, ҳақро нишон диҳад. Аз нигоҳи мутафаккир, вохӯрии пир ва мурид воқеан ҳам ҳолати хушбахтонаи бо ҳам ҷамъ омадан аст ва ӯ тез-тез ғам мехӯрад ва арз медорад, ки дидорҳо хело каманд, чун агар пир бошад, муридони сазовор ва собитқадаме, ки дониш омӯзанд, нестанд:

Ди шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,

К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст...

... Гуфтанд, ёфт менашавад, ҷустаем мо,

Гуфт он, ки ёфт менашавад, онам орзуст... [5, 203].

Арзиши муҳимми худшиносиро Мавлоно имкони ҳузур доштан байни онҳое медонад, ки худро шинохтаанд. Муколамаро миёни онҳое, ки худро шинохтаанд, падидаи муштараки нексириштонаю хушахлоқона хоҳад буд. Дар як ғазал ӯ шабоҳати гули садбарг ва настаранро мисол оварда, чунин мулоҳиза меронад: мисли он ки бӯйи хуши маъшуқ хуб аст, вале ин бадбахт садбаргеро мемонад, ки чун настаран (хуч) тезу буррандааст, ҳамин тавр суҳбати садбарг настаранро аз оташ наҷот медиҳад, дар сурате ки суҳбату ҷамъияти настаран садбаргро ба оташ меандозад:

Бӯйи дами муҳбилон чу гул хуш бошад,

Бадбахт чу хор тезу саркаш бошад.

Аз суҳбати гул хор зи оташ бираҳад,

Ва-з суҳбати хор гул дар оташ бошад [5, 6].

Ишқ дар этикаи Мавлоно аҳамияти эҳёсозандаеро дорост, воситаи маърифати моҳияти хеш, арзиши ҳаёт ва марг, андозаи инсонӣ, муайянсозандаи наздикшавӣ ба ҳақ аст. Мавлоно андеша дорад, ки ишқро наметавон дар илм, рисола ва номаҳо дарёфт. Онро аз куҷо дарёфт? Ӯро дар овозаю ғавғо ва ғайбату мазаммати мардум пайдо нахоҳӣ кард. Шоху навдаи ишқ дар мабдаи абадие нуҳуфта аст, ки ба осмонҳо такя мекунад, на ба фарохиҳо. Мо ақлро раҳо карда,

шавқу рағбатро озод намудем, зеро ба ин бузургию ҳашамат ақл ва ин ахлоқ сазовор нест. Ҳамин ҳастии ишқ ин моҳияти асрори олам аст:

Ишқ андар фазлу илму дафтару авроқ нест,
Ҳар чи **гуфтугӯйи** халқ он раҳ раҳи ушшоқ нест.
Шохи ишқ андар азал дон, бехи ишқ андар абад,
Ин шаҷарро такя бар аршу сари вусоқ нест.
Ақлро маъзул кардему ҳаворо ҳад задем,
К-ин ҷалолат лоиқи ин ақлу в-ин ахлоқ нест.
То ту муштоқӣ, бидон к-ин ишқи ту ҳамчу бутест,
Чун шудӣ маъшуқ аз он пас ҳастии муштоқ нест.
Марди баҳрӣ доимо дар тахтаи хавфу риҷост,
Чунк тахту мард фонӣ шуд, ҷуз истиғроқ нест.
Шамси Табрезӣ, туӣ дарёву ҳам гавҳар туӣ,
З-он ки будӣ ту саросар чуз сири халлоқ нест [5, 188].

Месазад муфассал доир ба андешаҳои эстетикии Мавлоно, ки мисли таърихи афкори эстетикии халқи тоҷик, ки то ҳол куллан камтар таҳқиқ шудаанд, таваққуф намоем. Тасаввурот дар бораи зебоии инсон характери мутлақ надошта, ин масъала хамеша нисбӣ хоҳад монд. Нисбӣ будани тасаввурот дар бораи зебоиро бисёре аз мутафаккирон ва файласуфон, новобаста аз мансубияташон ба ин ё он мактабу ҷараёнҳо, таъкид намудаанд.

Дар бораи мутлақ будани зебоӣ бо итминон танҳо идеалистон ҳарф зада, таҳти мафҳуми зебоӣ онро бо идеяи ғайризаминӣ, қудсӣ ва илоҳиётӣ пайваст сохтаанд. Бебақо ва фонӣ будани ҳама махлуқи заминӣ имкон намедиҳад дар бораи ашёе ҳарф зад, ки метавонад мутлақан зебою аъло бошад. Ҳамзамон, зебоӣ ҳамеша инсонро ҷалб менамояд, қалби ӯ ҳамеша барои зебоӣ кушода аст, ҳарчанд ки кам касон метавонанд ба саволе ҷавоб диҳанд, ки чаро як чизе зебост, сабабу иллати онро ки зебоӣ меноманд, дар чист?

Ба замми он, зебоӣ барои одами ваҳшӣ ба руфӯ, ки аз дарахт канда шуда, ба лабони чокгардида ва чуқурии гӯш часпонда шудааст, дароз сохтани гардан аз тифлӣ, пӯшидани ҷавоҳироти фулузӣ дар гардан ва холкӯбӣ (татуировка) дар бадан ва ғ. алоқаманд аст. Барои юнониёни қадим зебоии бадани варзишгирифтаи ҷавон намунаи олии зебоӣ маҳсуб меёфт, барои римиҳо зебоӣ ин ҳамоҳангӣ, ҳашамат ва ҳукумат буд, замони Эҳё бошад, зебоиро бо силсилаи тобишҳои рангӣ, ҳамзамони мо бошад, зебоиро дар рақс, мусиқӣ ва сурудхонӣ меҷӯяд.

Ҳамин тавр, инсон дар замон ва макони мухталиф аз шаклҳои гуногуни зебоӣ қонеият пайдо карда, аммо ҳаргиз кашфи зебоиро қатъ накардааст. Танҳо фалсафа моҳияти ҳақиқии зебоиро ҷуста, мекӯшад асрори неру ва тавоноии ӯро фош созад. Фалсафа дар ин ҷода афзалият дорад, зеро ӯ саволҳоеро матраҳ месозад, ки илмҳои дигар онҷо ғарқ мешаванд. Дар ин бора В.Дюрант мегӯяд: «Он ҷойе, ки зебоӣ мехоҳад дар баробари ҳақиқат ҷой гирифта, кунҷакеро назди ҳикмат пайдо кунад, ҳатто устухонҳои сахти теология ба ҳаяҷон (ба ҳарос) меоянд» [38, 218].

Айни замон дар фалсафа низ на ҳамеша ҷавобҳои тайёрро доир ба моҳияти зебоӣ пайдо кардан мумкин аст. Зебоӣ ба мабдаи ғайриақлона ва пурасроре бунёд меёбад, ки ба инсон таъсири бузурге дошта, дар чашми одамони диндор ҳамчун дуршавӣ аз имон, мамнуъ ва бидъат тасвир ёфта, мутафаккирони диниро аз маърифати зебоӣ ба ҳарос меорад. Б.Гартон дар Замони нав аввалин шуда кӯшидааст, мафҳуми зебоиро предмети андешаронихои алоҳидаи илмӣ-фалсафӣ сохта, моҳияти онро муайян намуда, пешниҳод мекунад, ки ин самти андешарониро «эстетика» ном баранд.

Юнониёни қадим, ин ситоишкунандагони зебоӣ низ, натавонистанд дар хусуси моҳияти зебоӣ ба хулосаи ягона биёянд. Мулоҳизаҳои бодалелро доир ба зебоӣ оғоз карда, Пифагор мусиқиро

бо математика алоқаманд медонад, аммо ташаккули мусиқии аълоро ба осмонҳо пайванд месозад. Мутафаккирони марҳилаи тосуқротия зебоиро бо латофати ҷисмонӣ ва ҳамоҳангию мавзунии математикӣ шабоҳат сохта, чунин мафҳумҳоро аз қабили «объективӣ» ва «кайфият» (сифат) истифода намуда, мусиқиро ҳамоҳангии садою савт, зебогии муҷассамаҳоро – мавзунии ҷузъиётҳои он ҳисобиданд.

Афлотун, ки аз мушкилоти ахлоқии ҷомеаи хеш мушавваш буд ва асосан ба проблемаҳои ахлоқӣ сару кор дошт, зебоиро ба зуҳури олии накӯӣ ва бадӣ пайванд месохт. Зебоиро ӯ ҳамчун ҳолати аз ҳамоҳангӣ, мувофиқатӣ ва тартиби комили ҳама ҷузъиётҳои дар робитаи мутақобила қарор дошта, муайян мекунад. Дар ин зебоӣ робитаи байниҳамдигарии ҷузъ бо кулл ҳузур дорад. Чаро рӯҳи инсонӣ аз ин ҳамоҳангию мавзунӣ ва ҳамдастию ҳамзистӣ ҳаловат мебарад? Шояд ба он хотир бошад, ки ин ҳамоҳангӣ инъикоси зиндаи худи инсон ва таассуроти ӯ дар бораи олами ӯро иҳотакунанда аст.

Кант ва Шопенгауэр хусусияти объективии хушнамоию соҳибҷамолиро қайд карда, онро чизе медонанд, ки барои дарёфти эҳсоси зебопарастии инсон новобаста аз тасаввурот, манфиат, кайфият, парвози ғайриодии дар инсон зуҳуркунанда ва ҳолате, ки толиби фоидаю судмандӣ нест, мусоидат мекунад. Шопенгауэр мекӯшад, дар ин мафҳуми объективии фалакӣ арзиши зебоиро бо нубуғияти устод бо ҳам биоварад. Дар фаҳмиши ӯ оқилият ва муҳаббат аз ҳам ҷудоанд.

Дар ин ҷода Шопенгауэр мехоҳад, сифатҳои абадӣ ва идеяҳои афлотуниро, ки моҳияти зоҳирии иродаи олами мутлақро ташкил медиҳанд, татбиқи ҷолиб намояд. Аммо Гегел моро ба Юнониёни бостонӣ баргардонида, зебоиро ягонагии намуд ва шаклҳои мутеи материя ё зуҳури ҳассосии баъзе шаклҳои метафизикӣ меҳисобад [38, 219].

Мавқеи бихевиористии таъиноти зебоӣ ба мушоҳидаи ҳайвонҳо бунёд ёфтааст ва ҳайвонҳоро молики эҳсоси зебоӣ медонад. Ин андешаро ба малакаи баъзе сагоне, ки аз савти асбобҳои мусиқӣ, асосан созҳои торӣ ҳаловат мебаранд ё баъзе парандагоне, ки эҳсоси зебоӣ дошта, манзили худро бо сангҳои ранга, шишачаҳо, меваҳои сурх, садаф ва ғ. зеб мебахшанд, алоқаманд месозад. Ин ҳайвонҳо зебоиро бо ҳисси худ, баъзеҳояшон бо қувваи шомма, дигарашон бо шунавоӣ (сомеа), гурӯҳи дигараш бо неруи басират (биноӣ) қабул мекунанд. Чуноне ки дар ин бора Дарвин менависад: «то ҳадде, ки мо мушоҳида мекунем, ҳаловати хубию латофат дар ҳайвонҳо бо ҷазбу майли ҷинси муқобил маҳдуд аст» [144, 112].

Назарияи дигари фаҳмиши ҳусну малоҳат (зебоӣ) ба арзиши талабот бунёд ёфтааст. Спиноза андеша дорад, ки чиз пурмалоҳат на барои он аст, ки зебост, балки барои он аст, ки дилхоҳу марғуб (табъи дил) аст. Ба ибораи дигар гӯем, на ҳавасу рағбати мо ҳусну малоҳатро, балки ҳолати ҷавобгӯйи хоҳиши мо будани он, моро ҷалб мекунад. Масалан, марди гурусна дар ғизоюу таом он қадар чизи хубро мебинад, ки донишҷӯ дар зани сисолае, ки ҳамин холо барои ӯ дастрас аст, ҳамин ҳусну малоҳатро мебинад. Дар чашми ин донишҷӯ, бар асари шиддат ва шавқи зиёди шаҳвонӣ, ин зани сисола аз парӣ ҳам бомалоҳату зеботар менамояд.

Ҳамин тавр, малоҳату латофат дар шакли аввалияи худ зуҳури эҳсоси ҳамон чизеест, ки шавқу рағбатро ба сӯйи соҳибият ба он, қонеъ мегардонад. Фарқ байни чизи табъи дил (чизи марғуб) ва чизи фоидаовар дар бузургӣ ё заифии қонеъшавии ҳаваси мост. Нитсше бошад, ҳусну зебоӣ ва қабоҳату зиштиро падидаҳои биологӣ дониста, зиштиро ҳамчун чизи зиёновар ва намуди гандадошта, тафсир мекунад.

Масалан, мо қандро на барои он ки ширин аст, балки барои манбаи пурқуввати энергия буданаш, истеъмол мекунем. Сазерланд эҳсоси хушназокатию зебоиро ба хӯю хислати инсон пайваст мекунад, масалан, одамон осмони кабудро мақбул ҳисобиданд, чунки ба назарашон бонафосату зебо менамояд. Агар осмон одатан барояшон сабзгун менамуд, он вақт ин ранг ҳам барояшон зебою пурмалоҳат, ҷилва медод [150, 85-91].

Ҳамин тавр, агар аз нафъу фоида дур қарор дошта бошем, пас фасоҳату зебоӣ ба шиддати ҳавас пайваст аст. Мисли он ки ҳарис пулро на аз барои судмандии он, балки барои неруи марғубу матлуб буданаш дӯст медорад, ҳамин тавр, ҳар чизе ки завқу шавқро ба ҷунбиш меорад, ин зебоию латофат аст. Зебоии нуру шуоъ, мусиқӣ, эҳсоси нармию нозукӣ шабоҳати он аст.

Зиштию қабеҳ завқ ва асабро халалдор сохта, кароҳатангезу ганда аст ва ин заштӣ метавонад дилбеҷокунанда бошаду дарди дандон биёрад. Чуноне ки Сантаяна мегӯяд, зебоӣ ин ҳаловат аст, ки моҳияти зоҳириро ёфтааст. Стендал бошад, пайхас накарда, Гобссро такрор мекард, ки мегуфт: зебоӣ ин ҳаловати ваъдашуда аст [149, 52].

В. Дюрант изҳор дорад, ки санъат дар ҷомеаҳое, ки он ҷо аз лиҳози иқтисодӣ нисбатан босубот аст, зуҳур мекунад, фард ҳам чун серу шодоб шуд, хурӯши муҳаббатро ҳис карда, ба зебоӣ изҳори мушфиқию ҳамдардӣ мекунад. Ба ибораи дигар гӯем, вобастагии мо ба таассуроти зебоӣ ба муроқибаамон ба зебоии ҷинсӣ алоқа дошта, муҳаббат бошад то ҳамон ҳадде эҷодкори зебоист, ки то ҳамон ҳад зебоию назокат низ муҳаббатро меофаранд. Дар байни мардум ин ҳақиқат бо зарбулмасале баён гаштааст: «Лайлиро ба чашми Маҷнун бояд дид».

Тараннуми шоирон ва ошиқоне, ки ботакрор мӯйи печон (марғуламӯй), сина, андому қомат, холи рухсор, абрӯ, чашм ва ғайри

ҷинси дигарро тавсиф мекунанд, ба алоқамандии зебоию нафосат ва муҳаббат ишора мекунанд. Сантаяна дар ин мавзуъ мегӯяд: «Санамҳо наметавонанд урён бошанд, зеро моҳияти зебоии онҳо дар ашёест, ки онҳоро мепӯшонад» ва он маънои онро дорад, ки сифатҳои (атрибутҳои) асосию муҳим дар тахаюлоте нуҳуфтаанд, ки зебоию нафосатро тавлид месозанд.

Ҳусни зан дар ҷомеаи инсонӣ шакли олии зебоӣ, сарчашма ва меъёри ҳама чиз ҳисобида мешавад. Дар «Таис»-и Порфинус чунин баёни одилонае ҳузур дорад: «Ман зебоии зан ҳастам. Эй, бехирад, чӣ тавр метавонӣ аз ман гурезӣ? Ҳар ҷойе наравӣ дар зебоии гулҳои шукуфта ва зарофати меваҳои расида, дар парвози кабӯтарҳо ва ҷаҳиши ғизолон, шилдирроси ҷӯй, зебоии ҷилои Моҳтоб, ту монанди манро хоҳӣ дид ва агар чашм бипӯшӣ, манро дар худ хоҳӣ дарёфт».

Ба замми ин, агар то ҳол ченаки юнонибостонии зебоӣ маҳфуз мемонд, эҳтимол меравад дар ҷомеаи мо низ мафтуни нафосати бадан, дӯстӣ ва шуҷоати мардон мешуданд. Барои афинагиҳо ва спартаниҳо зебоию нафосат марди ҷавони далер ҳисобида шуда, дар санъати юнонӣ камолоти бадани ҷавон ва муҳаббат ба варзиш тараннум мегардид. Айни замон тасаввуроти воқеӣ дар бораи зебоию нафосат инъикоси ҳукми зан ба қалбу ба зиндагии мост. Дар нисбати мардон, зебоию нафосат ин ҳисси дӯстӣ, ихлосу дилбастагӣ аст, ки алоқаманд ба вафодорӣ буда, ҳанӯз хоси юнониён буд.

Зан сарчашма ва бунёди ҳусну латофат ба он хотир ҳисобида мешуд, ки муҳаббати мард ба зан нерумандтар аз муҳаббати зан ба мард аст, ҳарчанд ки ин муҳаббат кӯтоҳмуддат аст. Неруи пурҷозибаи зан сабаби он шуд, ки аз ҳама мавҷудоту махлуқот, ӯ дӯстдоштатарин аст. Зан ҳамон ҳақиқатеро қабул дорад, ки мард ӯро зеботар аз худаш медонад. Чун зан майл ба сӯйи он дорад, ки ӯ мазраи маҳбубияту

марғубист, на баръакс, аз ин рӯ, дар санъат ӯ раҳнамои ҷалбу ҷазб ва фирефта сохтани мард ба завлонаю занҷири хеш аст.

Ғайр аз ин, зан барои дарёфти ҳусну малоҳат дар мард камтар иштиёқманд аст. Ӯ дар мард қувва ва қобилияти ҳимоя намудани фарзандонро меҷӯяд, ба ғайр аз ин зан умед дорад, ки марди интихобкардаи ӯ тамоми ғановати оламро зери пойи ӯ хоҳад густурд.

Яке аз нишонаҳои равшани он ки зебоӣ маҳсули ҷозибияту кашиш аст, ин қазия хоҳад буд, ки чизи шавқангез, марғубу дилангез баъд аз он ки муяссар мешавад, ҳолати марғубияту маҳбубияташро гум мекунад. Теъдоди мардони боақли яккадӯст хело кам ҳастанд, онҳое низ ки ба чизҳои таваҷҷуҳнадоштаашон чун ба зебоӣ назар андозанд, андаканд. Ҳамзамон, агар марг ин ҷуфтро ҷудо созад ё ин ки ба ҳамсари ин мард нафари дигаре бо иштиёқу завқ назар андозад, ҳаваси ӯ аз нав ҷӯш зада, предмети шаҳвонияти ӯ аз нав дар чашмаш марғуб ва зебою болатофат менамояд. Аҷиб аст, манзараеро мушоҳида кунем, ки зебоии бар асари такрор дидан дар назари мо гум шудааст, дар назари нафаре, ки ӯро бори аввал дидааст, предмети парастиш ва тараннум қарор мегирад.

Муҳаббат модари зебоию нафосат аст, на фарзанди ӯ. Муҳаббат дар кадом чизе ки зуҳур наёбад: дар одамон ё дар ашё – ягона манбаи зебоӣ хоҳад буд; аммо ҳазорон чизҳое ҳастанд, ки дар назари мо зебою пурназокат менамоянд, вале дар назари аввал ҳеҷ умумияте ба муҳаббат надоранд. Чӣ бояд гуфт дар хусуси он, ки чӣ тавр зебоии зоҳирии оламро муайян намуд?

Ҳассос будан ба зебоию нафосат (мисли ҳассосият ба дилбастагию мафтунӣ, ки ҷузъе аз шаҳвоният аст) метавонад аз маъшуқа ба ашёе, ки ба маъшуқ, ба рафтори ӯ, намуди зоҳирӣ, ба ҳама он чизе ки тақлид ва ё қобили таваҷҷуҳест, ки шабоҳати ӯст, гузашта, инчунин имкон

дорад ин зебоию нафосат ва навозишу меҳрубониро ба тамоми олам ирсол дорад.

Категорияи нафосату зебоӣ дар афкори ахлоқию эстетикии исломӣ ҳарчанд ба соҳаи махсус тақсим нашуда бошад ҳам, аммо чанд идеяҳое пешниҳод шудааст, ки онро муҳаққиқон ҳамчун идеяи нодир пазируфтаанд. Ҳарчанд ки ин идеяҳо ба афкори динӣ ҷамъбаст гардидаанд. Санъат дар ислом соҳаи мустақили амалия ба ҳисоб намеравад ва афкори ба этика ҳаётан пайваст, чун заррачаҳо дар афкори иҷтимоӣ-фалсафии намояндагони вай пош хӯрдаанд.

Бештаре аз ин идеяҳоро мутафаккирони тасаввуф баён кардаанд, ки он бо пардаи динӣ-ирфонӣ пӯшонида шудааст. Зебоию нафосатро тасаввуф аз се зина иборат медонад: зебоии абадию мутлақи худовандӣ – ин зебоӣ моҳият ва бунёди ҳама чиз аст; дар олами моддии феноменалӣ зебоии Худованд ошкор шудааст; зебоии инсон ва фаъолияти маънавию моддии ӯ.

Зебоӣ дар фаҳмиши сӯфӣ ин ягонагии олам ва ҳаракати мувофиқи он аст. Зиштӣ – халалдор сохтани ин ягонагӣ ва ҳамоҳангӣ аст [54, 116].

Консепсияи эстетикии Мавлоно ҷузъи асосии андешаҳои фалсафии ӯст, ки он намунаи равшани тасаввуроти тасаввуфӣ дар бораи зебоию нафосат аст. Ин консепсия асосан дар доира ва парадигмаи назарияи «ваҳдати вуҷуд» баён шудааст, аммо ба инсон, ба олами табиӣ ва ҷаҳони ботинии ӯ, ба саъю кӯшиши ӯ дар роҳи такомулёбӣ алоқаманд аст. Дар доираи ҳамин парадигма низоми истилоҳот, ки ифодаи зебоию нафосат аст, таҳия шудааст.

Мавлоно дар мавзуи зебоию нафосат мулоҳиза ронда, онро ба зебоӣ, камолот, низом, покизагӣ (назофат), шаҳомат, нур ва ғайра тақсим мекунад. Манзараи бойи баёни зебоию нафосатро пешниҳод намуда, Мавлоно падидаи зебоию нафосатро гуногунранг, пургулу

бисёршакл мисле, ки Худованд оламро офаридааст, баҳогузорӣ мекунад. Таассуроти ӯ доир ба зебоию нафосат ба тасаввуроти онтологӣ ва гносеологии ӯ алоқаманд буда, ба идеяи маърифати ирфонии он ки Худованд ягона идеали динию эстетикӣ, ҳадафи олии инсони ба сӯйи табодули маънавӣ роҳ пеш гирифта аст, бунёд ёфтааст.

Мавлоно мисли юнониҳо баданро тараннум накарда, андеша дорад, ки маҳз ранги зарди солик шоҳиди зебоии ӯст, ки мехоҳад Ҳақро бишносад. Барои ӯ мафҳумҳое, чун зуҳду парҳезкорӣ, нодорӣ, қаноатпазирӣ, бадбинии олами моддӣ наздиктар аст, дар муқоиса ба қарор доштан дар рафоҳати моддию маънавӣ.

Л.И. Манко одилона қайд мекунад, ки «мероси маънавии файласуф-сӯфӣ на танҳо арзишманд ба он хотир аст, ки дар он ифшои беназиру бесобиқаи дониши эзотерӣ (хуфия) рух медиҳад, балки ба он хотир арзишманд аст, ки қисмати таркибии онро мусиқии фалсафию тасаввуфӣ ташкил мекунад» [72, 13]. Мусиқӣ барои Мавлоно ҳамонест, ки бесарусомонии тавлиди худовандӣ доштаи оғози ҳастиро, ба ҳамоҳангию мавзунӣ, ба самти хушнавоие, ки ба кайҳон алоқаманд аст, равона месозад.

Дар консепсияи арзишии мусиқӣ падидаи созу наво ифодакунандаи робитаи мутақобилаю ҷудонашаванда, воҳидияти моҳият ва санъати иҷрои он аст. Ин оғози муттаҳидсозандаи субъект – иҷрокунанда ва объект – мусиқӣ моҳият ва табиати рӯҳи инсонро, олами ботинии ӯро ифшо месозад.

Мавлоно ақида дорад, ки олам дар ҳаракати ҳамешагӣ – тағйироти фаъол ва заиф қарор дошта, интиҳо надорад, ҳолатест ҳамчун раванди беохири офариниш. Худованд, Мутлақи Воҳид ин мувофиқатӣ ва ҳамоҳангии мусиқӣ, садо, ба маънои ҷавҳари худовандии ҳама ҷо ҳузурдоштаю ҳамарофарогирест, ки бидуни шакл,

орӣ аз ҳама ҷамъи чизҳо ва кайфиятҳо буда, дар он тамоми неруи офариниш ҷой дорад ва ӯ тартиби тавлидёбиро дорад.

Раванди офариниши олам ин ҳамоҳангии ҷараёни парешону номуназзами садои мавҷуд, самти равиши он аз мавҷи маҳин ба сӯйи болоравӣ ба мавҷи тавоноаст. Дар суруд доир ба най мутафаккир ҳикояро аз тасвири раванди тавлиди садои пуртаъсир, доим афзоишёбанда ва муттасили най, ки таъсири офариниш ва эҳёи оламро дорад, оғоз мекунад. Дар ин суруд, ки риштаи пайвасти осмону замин аст, асрори осмонҳо ба марду зан ифшо гашта, ба маърифати ҳамон ҳақиқати хомӯшу ниҳоне мусоидат мекунад, ки бо навои най аёну ошкору яқин мегардад.

Маҳз ана ҳамин тарона мусоидаткунандаи кӯшиши солик аст, ки мехоҳад дарди дили худро аз ҷудоӣ бо аслияти хеш, изҳор дорад. Навои мусиқӣ ба олами маҳини эҳсоси олӣ, ягона имкони озодшавӣ аз салтанати хирад мебарад, ки он ҷо маърифати ирратсионалии ҳақиқат метавонад ба фаҳмиши моҳият ва маъние, ки най медиҳад, рафта расад. Ин мусиқӣ ба табодулу тағйири қалб мебарад, вақте ин муфтии сахтгир моҳияти хешро гум карда, таҳти садои най ба ошиқе мубаддал мегардад, ки ба ҳолати самоъ рафта ҳама чиз – дарс, мадраса, ҳаёти фонии худро фаромӯш сохта, ба доираи савти танинандозёфтаи мусиқии худовандӣ ворид шуда, ба моҳияти худовандӣ пайваст мегардад [39, 12-13]. Ин мусиқӣ ба ҳолате мусоидат мекунад, ки устоди сарфу наҳв кори худро фаромӯш карда, аз ҳолати наҳв ба маҷрои маҳв ғӯтта мезанад (маҳлул мешавад).

Марди наҳвиро аз он дар дӯхтем,
То шуморо наҳви маҳв омӯхтем.
Маҳв мебояд, на наҳв ин ҷо бидон,
Гарту маҳвӣ бехатар дар об рон [6, Д.1. байтҳои 2841-2846].

Таронаи най дар ҳамон шакле, ки дар Маснавӣ хонда мешавад, дар ҳеҷ асари дигаре нест. Ин тарона неруи соҳиронаю ҳайратангез ва дигаргунсозандаи мусиқиеро инъикос менамояд, ки сайри рӯҳи худовндиро баён карда, муҳаббатро бо чунон неруе бедор месозад, ки сазовори ҳамон интихобшудагонест, ки маърифати олиро соҳиб шудаанд:

Ҳайрат андар ҳайрат омад ин қисас,

Беҳушии хоссагон андар ахас [6, Д. 4 байти 3805].

Тасодуфӣ нест, ки Мавлоно қиссаи худро маҳз аз таронаи най амалӣ месозад. Ин суруд қобил аст, ба таври муқаррарию дастрас роҳи маърифатро ба ҳар нафаре, ки мехоҳад, аслияти хешро биҷӯяд, нишон диҳад.

Барои Мавлоно маросими самоъ, пайванди он ба мусиқӣ ва рақс, инчунин дилбастагии пайравон ва шогирдон ба он – яке аз муҳимтарин одату русуми сӯфӣ аст, ки дар ин мавзуъ дар Маснавӣ, дар ғазалҳо ва осори дигараш хело зиёд ӯ ҳарф мезанад. Худи ӯ чанд дафъае эътироф намудааст, ки маҳз дар самоъ ба ӯ ҳақиқатҳои нав ифшо шуда, ӯ қофияҳои нави васеътареро пайдо карда, кашфиётҳои илмӣ ва масъалаҳои мушкилеро доир ба фиқҳ кашф кардааст [39, 33].

Аҳли самоъ чархзаниро рамз ва тарзи шинохту дидори Худованд бо ҳама сифатҳояш ҳисобида, ҷаҳиданро ҳамчун пирӯзӣ аз болои олами ашё, пой куфтан ба заминро ба маънои ба замин молишу соиш додани нафси саркаш ва шаҳвату рағбатҳо, даст афшониданро ҳолати даромехтан бо маъшуқа меҳисобанд. Мавлоно дар Маснавӣ самоъро ҳамчун ғизои ошиқ, андешаи ҷӯяндаи роҳи вахдат бо асл ва усули расидан ба муқаддасоти олӣ, тавсиф мекунад [6, д.1. 13.,д.2, байти 745, д. 4 байти 742].

Ӯ итминон дорад, ки дар лаҳзаи самоъ ҳар чизе, ки дар ботини солик нуҳуфтааст, қобилияти худро зуҳур сохтану намоён карданро

дорад. Ба ҳамин маъно, ки анвою анҷоми ботинии тан, ки ҷисмоният надорад ва шоҳиди муттаалиқ будан ба олами рӯҳ аст, аллакай аз кашиши самоъ ба олами дидашаванда озод аст, албатта, ба ҷуз оне, ки ҳанӯз аз мазраи ҷисмонию шаҳвонӣ озод нашудааст:

Гар ба мазру фашна зар дорӣ, шаҳӣ,

В-ар ба зарфаш ошиқӣ ту, гумраҳӣ [114, 622].

Ихлоси Мавлоно ба наво, савти найро фаҳмидан – гуфторҳо доир ба ишқ, дар навои рубоб – суруди ошиқеро, ки аз ҷудоиҳо менолад, дар самоъ рафтан- лаҳзаи инкори ҷисмонияти хештан – Ман чунин таъбир меёбад, ки рӯҳи аз дилбастагии заминӣ озодшуда, хурсандии беқароронаро дар оҳанги муҳаббат изҳор дошта, ҷамоли маъшуқро мушоҳида мекунад ва ин хотираи ҳамонзамонаи рӯҳ аст, ки дар олами маъонии худовандӣ қарор доштаю лабрези муҳаббати Худованд будааст.

Аз ин рӯ, ӯ дар ҳаракатҳои пою дасти дарвешони рақскунандаи самоъ баргҳои баҳории дарахтонро мебинад, ки бо вазиши насими баҳорӣ дар тапишу изтироби маҳине қарор доранд, рӯҳи дурафтодаи Ман дар ҳамон ҳолати ваҷду сармастӣ бо пойкӯбии шавқангез ва марғубияти ҷисмонӣ ба рӯҳ амр мекунад, ки солики роҳи Ҳақ ба назари ӯ рақскунанда дар хуни хеш буда, дар арафаи поймолкунии нафси хештан аст, аммо рақсро қатъ намекунад [1, Д.1. б. 1346-7, д. 3. 95-101. д. 4 байт731, 733].

Оне ки Мавлоно Маснавиро аз судуди най оғоз мекунад, аз нигоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ ишора ба он мекунад, ки Мавлоно дар най ваҳдати комил ва комилияти мутлақеро мебинад, ки тамоман худро аз олами махлуқот дур сохта, ба аслияти худовандӣ омезиш ёфта, дар ҳамин аслият ӯ абадиятро ёфтааст [3, 2].

Ҳамин тавр, баррасии андешаҳои этикӣ-эстетикии мутафаккир моро ба файсалае овардааст, ки этика ва эстетика барои мутафаккир

ду вазифаи муҳиммеро иҷро мекунад. Ин ду фан гузашти дурусту ифтихории роҳи ҳаётро ба инсони одӣ таъмин намуда, тарзи дастрас ва содиқи таҳаққуқ ёфтани шахс дар мутлақ хоҳад буд.

Ҳар ду восита барои мутафаккир сифатҳои универсалӣ, ҳамаҷоворидшаванда ва ломакони (ҳар ҷо ҳозир буда) ҷавхари худовандӣ аст. Мусиқию наво дар таълимоти Румӣ асоси равшани тасаввуроти онтологии транссендентӣ ва имманентии олами худовандӣ аст. Мусиқию наво баёни савтии зебоӣ, муҳаббат, ҳамоҳангӣ, хайр, ҳақиқат, неруи созандап, воситаи пайвастсозандаи махлуқу Холиқ, ҷойе, ки шахс ба Худо омезиш ёфта, ҳолати абадиро соҳиб мешавад.

Таҳқиқи таълимоти этикӣ-эстетикии асримиёнагӣ ҳар чи бештар мубрамияти худро на танҳо бар асари мавҷуд будани мероси баланди эстетикӣ, ки адабиёти тоҷик бой аст, саҳми беназире, ки афкори этикӣ-эстетикӣ ва фалсафаи нодири тоҷик дар ташаккули фалсафаи ҷаҳонӣ гузоштааст, пайдо кардааст, балки бар асари зарурати маърифати амиқи ин фалсафа ва ворид шуданаш ба фарҳанги муосир ҳамчун тақозои замон, аҳамияти худро касб кардааст. Айни замон иҷрои ин вазифа мушкил аст, зеро ин соҳаи мероси зеҳнӣ ва фарҳангӣ то ҳанӯз кам таҳқиқ шудааст.

## Хулоса

1. Ҳамчун таълимот дар бораи хайр, аксиология таълимоти фалсафӣ дар бораи ҳастии арзишҳои ҳақиқӣ ҳамчун бунёди ҳадафнигорона ва баҳодиҳандаи фаъолияти инсон ба шумор меравад. Онро антропоаксиология номидан мумкин аст, ки бо таҳияи муҳити аксиологии махсус қисми таркибии ҷаҳонбинии давра ва ходимони барҷастаи онро ташкил медиҳад. Он фасли хотимавии метафизика буда, ба он характери шахсӣ ва мушаххас хос аст. Аксиология ҳамчун асоси методологӣ барои этика, эстетика, фалсафаи фарҳанг баромад мекунад.

2. Дарку муроқибаи арзишҳо дар аксиосфера аз ҷониби як гурӯҳи одамон ва ё инсони алоҳида наметавонад маҳаки намунаю ибрат барои дигарон бошад, зеро ки дигарон метавонанд арзишҳои дигар ва талаботи фарққунанда дошта бошанд. Аммо дар байни арзишҳо гурӯҳи муайяне вуҷуд дорад, ки онҳо хусусияти универсалӣ дошта, абадию кулл ҳастанд. Чунин арзишҳо аз ҷониби инсонҳо, новобаста аз нажод, эътиқоди динӣ, ҷинс ва фарқиятҳои дигари иҷтимоию зеҳнӣ (интеллектуалӣ) эътироф мегарданд.

3. Бо таҳияи муҳити арзишии худ арзишҳо аз мазраи дин берун шуда, ба таркиби фарҳанг ворид мешаванд ва решаҳои амиқ дошта, баробари тамаддун ташаккул ва инкишоф ёфтаанд. Ба таркиботи ин арзишҳо адолат, озодӣ, сулҳ, дустӣ, саодат ё хушбахтӣ, баробарӣ, ростӣ, хайр ва ғ. дохил мешаванд. Ба умумият ва куллияти ин арзишҳо мутафаккирони бузурги ҳама халқҳо ишора кардаанд, ба ин арзишҳо мутафаккирони тоҷик Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абурайҳон Берунӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон таваҷҷуҳи хосса изҳор кардаанд. Ба ин арзишҳо асари «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, достонҳои Низомӣ, ғазалҳои Саъдӣ ва Ҳофиз бахшида шудаанд. Арзиши умумиинсонии ғазали Саъдиро ба инобат гирифта,

дар даромадгоҳи бинои Созмони милали муттаҳид онро насб кардаанд, ки маънои узви як ҷомеа будан ва маҳсули як гавҳар будани кулли инсонҳоро таъкид мекунад.

4. Арзишҳои универсалӣ ҷуфти худро доранд: хайр – шарр, хубӣ – бадӣ, раҳм – бераҳмӣ, ҳарисӣ – саховатпешагӣ, худписандӣ – ёрии беғаразона ба дигарон ва ғ. Дар таркиботи арзишҳо гурӯҳи дигари арзишҳо вомехӯранд, ки ба арзишҳои умумиинсонӣ илова мегарданд. Ин арзишҳое ҳастанд, ки ба қонунҳо, анъанаҳо, меъёрҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ сахт алоқаманд буда, арзишҳои ҷамъиятӣ ва ё иҷтимоӣ номида мешаванд. Арзишҳои иҷтимоӣ ба таркиби аксиосфера дохил шуда аз қисми муҳими он ба ҳисоб меараванд ва арзишҳои ахлоқӣ-ҳуқуқиро дар назар дошта ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, инчунин барои таъмини устуворӣ ва самарабахшии ҳаёти ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд. Ба арзишҳои ҷамъиятӣ метавон ватандӯстӣ, эҳтироми қонунҳо, қоидаҳо, меъёрҳо ва ғайраро дохил намуд.

5. Сарчашмаҳои ташаккули таълимот дар бораи арзишҳои инсониро дар мактабҳои фалсафии Шарқи асримиёнагӣ баррасӣ карда, мо таваҷҷуҳро ба таъсири амудӣ ва уфуқӣ карда, якчанд марҳилаҳо ва амвоҷҳоро дар ин раванд муайян намудем. Аз дунёи бостон оғоз намуда, мушкилоти фаҳмиши арзишҳои инсонӣ таъсири фарҳангҳо ва тамаддунҳоро ба худ касб карда, дар ҳамсарҳадии хронологӣ ва ҷуғрофӣ қарор гирифта, инчунин дар заминаи қабати бузурги тамаддуни ориёӣ он қадар неруманд ва устувор ташаккул ёфтааст, ки асароти он мураккабиҳои таърихро пушти сар карда, то ба имрӯз ба мо расидааст. Дар фарҳанг ва хотираи таърихии халқ боқӣ монда, ин арзишҳо ба танзими сохтории арзишҳои муосир мусоидат кардаанд, ки он ҷо инсон мавҷудест, ки инкишофи рӯҳию ботинӣ, бохирадона, озодонаро фарогир буда, донишҳои худро барои

манфиати тамаддун, ба хотири эҷоди ҷомеаи мутараққӣ омӯзондаю истифода менамояд.

6. Таълимоти тасаввуф дар антропоаксиология ҳадафнигорона барои татбиқи амалии арзишҳои гуманитарӣ таҳия шуда аксиосфераи худро дорад, ки мақсади он асоснок намудани идеяи инсонмарказии назарияҳои марбута мебошад. Мавлоно ба хулосае меояд, ки Хиради Кулл ин ҳамон қудратест, ки тамоми махлуқотро ба ҳаракат меоварад: «Маҷмуи олам сурати ақли кулл аст». Мақсади ин фаъолият тасдиқи айният ва мафҳум аст. Ба таври дигар гӯем, мақсад (Ақли Кулл) ин ҳамон воқеияти холис аст. Тафаккури абстрактӣ барои Мавлоно ин ҳамон Халлоқ аст, ки предмети маърифат қарор мегирад. Олам офарида ё таҷассуми Ақли Кулл буда, бо амри Худованд (Ақли Кулл, рӯҳи ҷаҳонӣ) маърифати роҳи Ҳақ ба солик муяссар мегардад. Худованд ҳамчун асоси мушаххаси моҳияти ҳастӣ, тавассути нафси инсон, ҳамчун асоси фаъолияти ҳаётии инсон маърифат гашта, худ низ мустақиман ва ё тавассути эҳсос маърифат мегардад. Айни замон, рӯҳи ҷаҳонӣ, ки асоси ҳаракати оламро ташкил мекунад, барои узвҳои ҳисси мо дастнорас аст.

7. Ба ягонагӣ ва гуногунии низомҳои арзишӣ, умуман дар мактабу равияҳои мухталифи афкори фалсафаи Шарқ назари сатҳӣ намуда, низоми арзишҳоро дар таълимотҳои этикие, ки табиат ва моҳияти инсонро муайян месозанд, ошкор намуда, мо тамоми манзараи гуногунрангии андешаҳоро доир ба ин масъала изҳор сохтем. Айни замон, чунин руҷуи таърихӣ имкон медиҳад, муқаррар созем, ки омили муттаҳидсозандаи ин низомҳо, пеш аз ҳама, мавқеи якхела доштани онҳо нисбат ба ислом ва арзишҳои бунёдии он аст, ки ин ҷо инсон – ҳамчун офаридаи олӣ ва тоҷи махлуқоту мавҷудот баҳогузорӣ шудааст. Эътиқод ба табиати ақлраси ӯ, ки таъйиноти ӯро аз дигар махлуқот фарқ мегузорад, дар ин низомҳои арзишӣ тавзеҳ ёфтааст.

Тобишу ҷилоҳои гуногун дар ин назарияҳо исбот месозад, ки фалсафаи Шарқ махсусу мустақил буда, ҳар як мутафаккир бо тарзи хоси баёни мавқеъ ва саҳми худ фалсафаи ҷаҳониро ғанӣ гардонида, онро ба сӯйи кашфиётҳои нав пеш бурдаанд.

8. Инсон, мисли ҳамон орифе, ки калимаи шаҳодатро ба забон овардааст, ҳеҷ чизеро ба ҷуз Худо намебинад, аз ҳеҷ чизе наметарсад ва ба ҳеҷ чизе аҳамият нахоҳад дод. Барои ӯ тафовуте нест, ӯ ҳамаро фаромӯш месозад ва танҳо ба сӯйи фақирию ғайриҳастӣ мекӯшад. Ӯ бо ҷоруби «Ло» мусаллаҳ аст, ки тамоми зарраҳои осмониро аз осмон ба замин, чун регрезаю гарду чанг меафшонад, барои ӯ тамоми олам ҳамчун «хори ғелон» нолозим гузашта, мубталои ғайриҳастӣ аст. Ӯ ҳама онеро, ки ба фикраш меоянд, ба ҷуз аз Худо, шабаҳ додниста, аз худ маҳв месозад ва ҳама чизеро, ки дар роҳи ӯ намудоранд, ғайримавҷуд медонад, ба ҷуз аз Худо. Ҳатто мавҷуди худ, гӯшту пӯсти худро ғайривоқеӣ меҳисобад. Бадани худро аз ҳама ҷисмоният ва нафси ниҳон озод карда, беҳаду беҳисоб аслияти худро сабук мекунад. Ҳамин тавр, ӯ ду оламро инкор мекунад, мисле ки ҳар ду оламро мисли кафши кухна нӯги ангуштон гузошта, дар оғози сафар онро партофта, аз пайи шариат, имон ва тариқат хоҳад рафт.

9. Барои Мавлоно муносибати масъулиятнок ба ҳастӣ яке аз мафҳумҳои муҳимми ҳастии инсонӣ мебошад. Мавлоно дидгоҳи васеътареро ба дониш пешниҳод карда, мафҳуми муносибати масъулиятнокро ба ҳастӣ ҳамчун арзиши универсалие шарҳ медиҳад, ки ба ҳамаи одамон зарур аст. Антропоаксиологияи Мавлоно инсонро муваззаф ва масъул дар ҳама соҳаҳои ҳаёт меҳисобад ва манобеи ин андешаро ӯ аз таълимоти фалсафӣ-этикии ислом ва тасаввуф бардошт кардааст. Мавлоно ақида дорад, ки инсон пас аз он ки ба озодии худ итминон пайдо мекунад, ба дарки масъулияти хеш мепардозад. Инсон уҳдадор аст кори муфид ва созандаеро мулоҳизакорона интихоб кунад

ва танҳо баъд аз ин қобил аст, дар интихоби озод масъулият пайдо кунад. Масъулияти аввалаи инсон аз нигоҳи Мавлоно ин маърифат ва фаҳмиши Худованд аст. Мавлоно ин корро яке аз масъулиятҳои бузурги инсон меҳисобад.

10. Мавлоно назарияи аксиологии мукаммал ва бомулоҳизаеро таҳия намуда, қадам ба қадам арзишҳоро аз мавқеи самаранок ва фоидааш ба инсон таҳқиқ мекунад. Мавлоно арзишҳоро ба арзишҳои объективӣ ва субъективӣ тақсим намуда, ба хулосае меояд, ки инсон хамчун мавҷуди ягонаи соҳибхирад бояд барои кору сарнавишти хеш ва умуман ҳастӣ масъулият дошта бошад. Зеро ҳастии олам мустақиман аз он вобаста аст, ки то кадом ҳад инсон зиндагии заминии худро паси сар мекунад.

11. Мавлоно дар шакли самоъ –рақсҳои маросимии дарвешӣ, ки баъдҳо ҳамчун рақсхои дарвешони чархзанандаро, ки минбаъд дар Мавлавия расмӣ шуданд, дуст медошт. Дар ин маҷлисҳо мутафаккир ниҳону ноаён, бо истифода аз панду андарзҳо ҳокимонро ба сӯйи идоракунии боадолат раҳнамоӣ карда, даъват ба амал меовард, ки ба халқ набояд зулму истисморро раво бинанд ва бояд ба хонабардӯшон, бесаводон ва фақирон ботаҳаммул бошанд. Шахсияти Ҷалолуддини Балхӣ дар таърихи фарҳанг ҳамчун инсоне муаррифӣ мешавад, ки эстетикаи баланд ва ҳамоҳангию мутаносибӣ дошта, соҳиби қобилияти мусиқифаҳмӣ ва нафосаткорӣ аст. Ин сифатҳо на танҳо ӯро шахсан тавсиф мекунанд, балки баёнгари ҷаҳонбинии амиқ, ҳаматарафа ва беинтиҳои ӯ хоҳанд буд.

12. Барои Мавлоно маросими самоъ, дилбастагӣ ба мусиқӣ ва рақс, аз муҳимтарин хислатҳои сӯфия буда, дар ин мавзуъ ӯ борҳо дар Маснавӣ, ғазалҳо ва осори дигараш ҳарф мезанад. Худи ӯ чанд дафъае эътироф кардааст, ки маҳз дар вақти самоъ ба ӯ ҳақиқатҳои нав ошкор шуданд ва ӯ ин лаҳзаҳо қофияҳои мавзун ёфта, ҳатто кашфиётҳои

илмӣ намуда, масъалаҳои мушкилро доир ба фиқҳ инҷо ҳалу фасл кардааст. Дар рақси суфиёна рамзу маъниҳои муайянро ҷой карда давр задану чарх гаштанро тарзи дидори ҷамоли Худованд бо ҷумла сифоташ дониста, ҷаҳидан – пирӯзии ҳаяҷон аз болои олами ашё, пойкӯбидан ба замин – нафсу рағбати саркашро ба замин молиш додан ва дастафшонӣ ба тартиби муайянро ба маънои дарёфти ваҳдат бо маъшуқа шарҳ додааст.

13. Мавлоно дар Маснавӣ мафҳуми самоъро чун ғизои ошиқон тасвир мекунад, ки дар хаёли як шудан ба асл ва дарёфти муқаддасоти олӣ роҳ меҷӯянд. Дар самоъ ҳар он чизи дар ботини солик буда, қобилияти худро ҳувайдо кардан ва намоён шуданро дорад. Ба ин маънӣ, ҷамъи аносиру анфуси бадан, ки ҷисмоният надошта, ба олами рӯҳ тааллуқ дорад, аз ҷозибияту кашиши самоъ озод аст, ба ғайр аз оне, ки ҳанӯз аз ишкели ҷисмонӣ ва шаҳват озод нагаштааст.

14. Таҳлили афкори этикӣ-эстетикии Мавлоно аз нуқтаи назари аҳамияти арзишӣ доштанаш моро ба хулосае меорад, ки ҳам этика ва ҳам эстетика барои мутафаккир ду вазифаи муҳимро иҷро мекунад. Онҳо гузашти дурусту сазовори зиндагии ҳаётии инсони одиро таъмин намуда, тарзи саҳеҳ ва дастраси таҳаққуқи инсон дар Мутлақ аст. Ин ду василаю тадбир аз нигоҳи мутафаккир сифатҳои (атрибутҳои) универсалӣ, ҳамарофарогиранда, ломакони ҷавҳари худовандианд. Мусиқӣ дар таълимоти Балхӣ далели равшани тасаввуроти онтологии трансденталӣ ва иманентии (сириштӣ) оламест, ки Худованд офаридааст. Мусиқӣ баёни садодори зебоӣ, ишқ, хайр, ҳақиқат, неруи созанда, воситаи пайвандсозандаи махлуқу Офаридагор буда, ҷойест, ки шахс ба ҷамоли Ҳақ расида, абадиятро дарёфт мекунад.

15. Таҳқиқи таълимоти этикӣ-эстетикии асримиёнагӣ мубрамияти худро на танҳо бар асари мероси баланди эстетикӣ доштанаш, ки фарҳанги тоҷик аз он бой буда, саҳми бебаҳои онҳо дар ташаккули фалсафаи ҷаҳонӣ, афкори этикӣ-эстетикӣ ва фалсафаи нодири тоҷик зиёд аст, балки ба сабаби зарурати маърифати амиқ ва ворид шуданаш ба фарҳанги муосир ҳамчун тақозои замон, пайдо мекунонад. Айни замон иҷрои ин вазифа имконпазир аст, зеро қабати зерини мероси зеҳнӣ (интеллектуалӣ) ва фарҳангӣ ҳоло ҳанӯз хело хам кам омӯхташудааст.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ:

### I. Сарчашмаҳо:


1. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии Маънавӣ [Матн]. – Теҳрон: Замон, 2001. – 728 с.

2. Мавлоно Ҷалолуддини Румии Балхӣ. Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Румии Балхӣ Мавлоно Ҷалолуддини. – Душанбе, 2018. – 192 с.

3. Мавлоно Яъқуби Чархӣ. Рисолаи «Найнома». Ба тасҳеҳи Халилуллоҳ Халилӣ/ М.Я. Чархӣ. – Душанбе: Пайванд, 1386. – 113 с.

4. Фурӯзонфар, Б. Шарҳи ҳоли Мавлоно // Маснавии маънавии Мавлоно Ҷалолуддин Балхии Румӣ [Матн]/Б.Фурӯзонфар. – Теҳрон, 1363.–450 с.

5. Ҷалолуддин Балхии Румӣ. Куллиёти девони Шамси Табрезӣ [Матн]. – Теҳрон: Амири Кабир, 1363. – 1570 с.

6. Ҷалолуддин Балхии Румӣ. Маснавии маънавӣ. – Кобул, 1348. – 1050 с.

7. Ҷалолуддини Балхӣ. Маснавии маънавӣ. – Теҳрон: Муосир, 1380. – 1134 с.

8. Ҷалолуддини Румии Балхӣ. Фиҳӣ мо фиҳӣ: Гузидаи «Фиҳӣ мо фиҳӣ»: Мақолоти Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. – Душанбе: Пайванд, 2007. – 302 с.

9. Абдураҳмони Ҷомӣ. Нафаҳот-ул-унс [Матн]. – Теҳрон, 1338. – 679 с.


### II. Адабиёт ва мақолоти илмӣ:


10. Абдухалилзода К.А. Арзишҳои дунявӣ дар ислом = Светские ценности в исламе [Матн] / К.А. Абдухалилзода. – Душанбе: Эр-граф, 2023. – 342 с.

11. Абу Рейхан Бируни. Индия / перевод А. Халидова, Юрия Завадовского; дополнительная информация об издании. – Москва: Наука, 1995. – 727 с.

12. Адам Мец. Мусульманский Ренессанс [Текст] / Мец Адам. – Москва: изд.ред. вост.лит., 1966. – 449 с.

13. Алхасов А.А., Макс Шелер об иерархии ценностей [Текст]/ А. А. Алхасов //Исторические, философские, политические и юридические науки, культуралогия и искуствовидение. Вопросы теории и практики. – Тамбов: Грамата, 2015. – №5. – Ч. 2. –217 с.

14. Аль-Бируни, Абу-Рейхан-Мухаммед ибн-Ахмед. Индия [Текст] / Пер. А. Б. Халидова и Ю. Н. Завадовского; Вступ. статья, коммент. В. Г. Эрмана и А. Б. Халидова. – Отв. ред. В. И. Беляев,1963. – 727с.

15. Андарзе Адурбаде Махраспандан [Текст] // Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийские ИЗЗ назидательные тексты. Введение, транскрипция текстов, перевод, комментарий и глоссарий О.М. Чунаковой. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 192 с. – (Памятники письменности Востока, XCIV).

16. Андарзе вехзад Фаррох Пероз [Текст] // Изведать дороги и пути праведных. Пехлевийские ИЗЗ назидательные тексты. Введение, транскрипция текстов, перевод, комментарий и глоссарий О.М. Чунаковой. – М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1991. – 192 с. – (Памятники письменности Востока, XCIV).

17. Анисимов С.Ф. Духовные ценности: производство и потребление [Текст] / С. Ф. Анисимов. – Москва: Мысль, 1988. – 253 с.

18. Анисимов С.Ф. Ценности реальные и мнимые (Критика христианского истолкования и использования ценностей жизни и культуры) [Текст] / С.Ф. Анисимов. – Москва: Мысль, 1970. – 183 с.

19. Аттор Ф. Тазкират-ул-авлиё [Текст] / Ф.Аттор. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 104 с.

20. Аҳмад ибн Мискавайҳ. Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татқир-ул-ароқ [Матн] / Ибн Мискавайҳ. – Бейрут, 1961. – 160 с.

21. Бадавӣ. Шатҳиёт. – Бейрут, 1974. – 206 с.

22. Бакурадзе О.М. Истина и ценность [Текст] / О. М. Бакурадзе // Вопросы философии. – 1966. – №7.

23. Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс [Матн] / Зери назари М. Диноршоев. – Душанбе: Дониш, 2002. – 620 с.

24. Бердяев, Н.А. О человеке, его свободе и духовности [Текст]: Избранные труды. /Ред. сост. Л.И. Новиков и И.Н Сиземская. – Москва: Московский психолого-социальный институт: Флинта, 1999. – 312 с.

25. Богоутдинов А.М. Очерки по истории таджикской философии [Текст] /А.М. Богоутдинов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 334 с.

26. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи [Текст] / М. Бойс // СПб: Петербургское востоковедение. – 1994. – 288 с.

27. Вамбери А. Путешествие по Средней Азии [Текст] / Пер. с англ. СПб.1865.

28. Введение в культурологию / отв. ред. Попов Е.В. - 2-е изд., перераб. и доп. – Москва, 1996. – 336 с.

29. Введение в культурологию [Текст]: Учеб. пособие / [Буйдина И. Ф. и др.]. – 2-е изд., перераб. и доп. – Москва: Изд. центр ВЛАДОС, 1996. – 335 с.

30. Вернадский В.И. Размышления натуралиста [Текст]: Научная мысль как планетное явление / В.И. Вернадский. – М.: Наука, 1977. – 192 с.

31. Виндельбанд В. Философия культуры и трансцендентальный идеализм [Текст] / В.Виндельбанд // Культурология. XX век: Антология. – М.: Юрист, 1995. – 703 с.

32. Гартман Н. Эстетика [Текст] / Пер. с нем. Т.С. Батищевой и [др.]; Под ред. канд. философ. наук А.С. Васильева. – Москва: Изд–во иностр. лит., 1958. – 692 с.

33. Гартман Н. Этика [Текст] / Н.Гартман. – СПб.: Фонд Университет -Владимир Даль, 2002. – 707 с.

34. Глоба П.П. Учение древний ариев [Текст] / П.П. Глоба. – М.: Эксмо, 2007. – 752 с.

35. Гусейнов А.А. Краткая история этики [Текст] /А. А. Гусейнов, Г. Иррлитц. – М.: Мысль, 1987. – 589 с.

36. Джалилов А. Из истории культурной жизни таджикского народа в раннем средневековые [Текст] /А.Джалилов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 148 с.

37. Дробницкий О. Г. Мир оживших предметов. Проблема ценности и марксистская философия [Текст] / О. Г. Дробницкий. – М.: Политиздат, 1969. – 352 с.

38. Дюрант В. Лаззоти фалсафа [Матн] / Тарҷ. Аббос Зарёб. – Теҳрон: Интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1388. – 519 с.

39. Зарринкӯб А. Баҳр дар кӯза [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон, 1382. – 616 с.

40. Зиёев Х. Суфийский орден мавлавия [Текст] / Х. Зиёев. – Душанбе: Хумо, 2007. – 276 с.

41. Зиёи Х. М. Мавлоно ва мавлавия [Матн] / Х.М. Зиёев. – Душанбе: Дониш, 2023. – 250 с.

42. Ибн Арабӣ. Инсони комил. [Матн] / И. Араби // Фарҳанги ҷомеи истилоҳоти ирфонии Ибни Арабӣ . – Теҳрон, 1387. – 135 с.

43. Ибни Мискавайҳ. Таҳзиб-ул-ахлоқ. Тарҷ. Ҳалабӣ.–Теҳрон. 1381.–190 с.

44. Иванов В.В. Вернадский В.И. История древности [Текст] / В.В. Иванов // Вестник древней истории. – 1988. – № 4. – 238 с.

45. Изведать дороги и пути праведных [Тест]: Введ., транскрипция текстов, пер., коммент., глоссарий и указ. О.М. Чунаковой. – Москва: Наука, 1991. – 191 с.

46. Иззат А. Ибн Мискавайҳ. Фалсафат-ул-ахлоқия ва масодируҳо [Тест] /А. Иззт. – Каир, 1946. – Т 2. – 302 с.

47. Изречения Бохтарфрида //Изведать пути и дороги праведных. – М. 1991. – 185 с.

48. Ильин В. В. Аксиология : учебное пособие[Тест]. — 2-е изд., перераб. и доп. / В.В. Ильин. - Москва : Проспект, 2020. – 192 с.

49. Имом Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2011. – 668 с.

50. Иностранцев К.А. Персидская литературная традиция в первые века ислама: публицистика / К.А. Иностранцев. – Санкт-Петербург: Типография Императорской Академии Наук, 1909. – 43 с.

51. Иностранцев К.А. Персидская литературная традиция в первые века ислама [Тест] / К.А. Иностранцев. – Сасанидские этюды: СПб, 1909 . – [4].VI. – 140 с.

52. Ироқӣ, Ф. Ламаъот [Матн] / Таҳиягари матн Ойниёл Назриева (Гулрӯи Шариф). – Душанбе: Маориф, 2004. – 185 с.

53. Исаев М. Этическое учение Мискавайха и его роль в развитии этической мысли средневековья [Текст]: автореферат дис... кандидата философских наук: 09.00.03 / Ин-т философии и права. – Душанбе, 1993. – 31 с.

54. Исаков К. А., Азизова Д.Ш. Эстетические парадигмы суфизма / К.А. Исаков, Д.Ш. Азизова // Известия вузов Кыргызстана. – 2015. – № 11. – С. 116-178.

55. Ислам. Энциклопедический словарь [Текст]. – Москва: Наука, 1991. – 312 с.

56. История таджикской философии. В 5 томах. Т. 2. Душанбе, Дониш. - 892с.

57. История этических учений [Текст]: Учеб. для студентов вузов, обучающихся по направлению подгот. и специальности «Философия» / А.А. Гусейнов, А.И. Кобзев, В.К. Шохин и др.; Под общ. ред. А.А. Гусейнова. – Москва: Гардарики, 2003. – 911 с.

58. Калинина О.И. Феномен безумия, неразумия и власти в философии Фуко. [Текст] / О.И. Калинина. // Вестник Кузбасского государственного технического университета. – 2010. – №1. – С. 1-56

59. Қодиров, К. Таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 2003.

60. Қурбонов А. Таърихи фалсафаи бостон. – Душанбе, 2015.

61. Муҳаммадӣ, Н. Зуҳури экстремизми динӣ-сиёсӣ дар шароити рушди ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои бартараф намудани он. – Душанбе, 2020.

62. Назариев, Р. Самиев Б. Фалсафа. – Душанбе, 2018.

63. Худойдодов Фаррух Бегиджонович. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины: диссертация ... доктора Философских наук: 09.00.03 / Худойдодов Фаррух Бегиджонович: Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан], 2018. – 225 с.

64. Кампонизода М. Мавлоно ва мадрасаи ишқ [Матн]. – Теҳрон, 1391. – 700 с.

65. Кныш А.Д. Мусульманский мистицизм [Текст]: краткая история (Пер. с англ. М.Г. Романов). – СПб.: ДИЛЯ, 2004. – 464 с.

66. Коран / пер. с араб. И.Ю. Крачковского; предисл. В. Беляева, П. Грязневича. – Москва: Раритет, 1990. – 528 с.

67. Корбен А. История исламской философии: перевод с французского А.А. Кузнецова / А.Корбен. – М.: Прогресс-Традиция, 2010. – 360 с.

68. Корбен, А. История философии [Текст] / А. Корбен. – Тегеран, 1962. – 282 с.

69. Курбанмамадов А. Эстетическая доктрина суфизма [Текст] / А. Курбанмамадов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 108 с.

70. Лосский Н.О. Условия абсолютного добра [Текст]: Основы этики / Н.О. Лосский. – Минск: Издательство Белорусского Экзархата, 2011. – 528 с.

71. Максимов А.Н. Философия ценностей [Текст] / А.Н. Максимов. – М: Высшая школа, 1997. – 176 с.

72. Манько Л. И. Звук, цвет, слово как проявление музыкально-эстетического в суфизме [Текст]/ Л. И. Манько // Вестник ОГУ. – 2009. – № 11(105). – С. 139-145.

73. Махмаджонова М.Т. Религиозно-философские учение Джалолуддина Балхи Руми [Текст] / М.Т. Махмаджонова. – Душанбе: Дониш, 2022. – 266 с.

74. Махмаджонова М.Т. Философия Джалолуддина Руми [Текст] / М.Т. Махмаджонова. – Душанбе: Дониш, 2007. – 300 с.

75. Махмаджонова М.Т. Этические воззрения Джалолуддина Руми / М.Т. Махмаджонова. – Душанбе: Дониш, 2001. – 168с.

76. Махмадуллоев С. Мавлоно Яъқуби Чархӣ [Матн]: Зиндагӣ, осор ва афкор / С.Маҳмадуллоев. – Душанбе: Дониш, 2013. – 272 с.

77. Мец А. Мусульманский Ренессанс[Текст]. Изд. 2-е. [Пер. с нем., предисл., библиогр. и указатель Д.Е.Бертельса. Ответственный редактор В.И.Беляев]. М., Главная редакция восточной литературы изд. «Наука», 1973. – 473 с.

78. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ [Матн] / М.Музаффарӣ. – Душанбе: Дониш, 2006. – 124 с.

79. Мусозода Х. Мазомини ирфонии най ва найистон дар осори Мавлонои Балх [Матн] / Х.Мусозода// Номаи донишгоҳ. – 2019. – №2 (59). – С.96-109.

80. Мухаммадходжаев А. Гносеология суфизма [Текст]/ А. Мухаммадходжаев. – Душанбе: Дониш, 1990. – 116 с.

81. Мухаммадхоҷаев А. Ихтилофи назар ва низои мазҳабӣ дар тасаввуфи қарнҳои XVI ва ибтидои асри XX [Матн]: Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс / А.Мухаммадхоҷаев. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 220 с.

82. Мухаммадхоҷаев А. Силсилаҳои тасаввуф. / Баррасиҳо аз таърихи фалсафаи тоҷику форс. – Душанбе: Матбуот, 2002. – 284 с.

83. Мухаммедходжаев А. Идеология накшбандизма [Текст] / А. Мухаммедходжаев. – Душанбе: Дониш, 1991. – 231 с.

84. Мухтасар Сахих аль-Бухари. В 2 т./ Аз-Зубайди. – Алматы: ТОО «Кәусар-саяхат», 2013. II т. – 594 с.

85. Мухтасар Сахих аль-Бухари. В 2 т./ Аз-Зубайди. – Алматы: ТОО «Кәусар-саяхат», 2013. I т. – 609 с.

86. Мюллер, А. История ислама с основания до новейших времен / А. Мюллер; Пер. с нем. под ред. прив.-доц. Н.А. Медникова. – Санкт-Петербург: Л.Ф. Пантелеев, 1895-1896. – 4 т.;

87. Наботов З. Учение накшбандия о человеке. – Душанбе: Дониш, 2005. – 268 с.

88. Наставление Бузургмихра [Текст]// Изведать пути и дороги праведных. – М.: Наука, 1991. – 191с.

89. Наставления Адурфарробага, сына Фаррохзада. // Изведать пути и дороги праведных. – М. 1991. – 150 с.

90. Несколько изречений Адурбада, сына Махраспанда. // Изведать пути и дороги праведных. – М. 1991. – 195 с.

91. О характере и разуме счастливого человека [Текст]// Изведать пути и дороги праведных. – М.: Наука, 1991. – 191с.

92. Одилов Н. Мировоззрение Джалалиддина Руми [Текст] / Н. Одилов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 109 с.

93. Олимов К. Баррасиҳо дар тасаввуф [Матн] / К.Олимов. – Душанбе: Шарқи озод, 1999. – 142 с.

94. Олимов К. Хорасанский суфизм / К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 1994. – 285 с.

95. Олимов К. Хорасанский суфизм. – Душанбе: Дониш, 1993. – 236 с.

96. Перов В. Конфликт ценностей и ценность конфликта в этике Н. Гартмана / В.Перов // HORIZON. Феноменологические исследования. – 2019. – Т. 8, № 1. – С. 230-246. – DOI 10.21638/2226-5260-2019-8-1-230-246.

97. Пероз // Изведать пути и дороги праведных. – М. 1991. – С. 84.

98. Раҳмон Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 364с.

99. Риккерт Г. Науки о природе и науки о культуре //Культурология. XX век: Антология / Под ред. С. Я. Левит. – М: Юрист, 1995. – 703с.

100. Родионов О.А. Моральные ценности [Текст]: история, сущность и специфика / О.А. Родионов // Научные ведомости. – 2009. – №8(63). – 248 с.

101. Садыкова Н.Н. Философская антропология Мирзо Абдулкодира Бедиля. [Текст] / Н. Н. Садыкова. – Душанбе: Сурушан, 2003. – 172с.

102. Сайидҷаъфри Саҷҷодӣ. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ. – Теҳрон: Таҳуро, 1393. – 830 с.

103. Сатыбекова С.К. Проблема ценности человека в философии классического восточного перипатетизма [Текст] / С.К. Сатыбекова // Вестник Московского университета. – 1987. – № 3. – С. 57-68.

104. Сахих Муслим. Мухтасар = «Сахих» имама Муслима : Краткое изложение / Заки-ад-дин 'Абд-аль-'Азым ибн 'Абд-аль- Кавви ибн 'Абдуллах ибн Саляма Абу Мухаммад аль-Мунзири (сост.); пер. с араб., прим., указ. А. Нирша. – М.: Умма, 2011. — 1216 с.

105. Силичев Д.А. Культурология: учебное пособие [Текст]/ Д.А. Силичев. – Москва: Вузовский учебник: ИНФРА-М, 2022. – 393 с.

106. Старр Ф.С. Утраченное просвещение [Текст]: золотой век Центральной Азии от арабского завоевания до время Тамерлана / Ф.С. Старр; перевод с англиского. – М.: Алпина Паблишер, 2017. – 573с.

107. Султонов М. Проблема совершенного человека в контексте суфийской доктрины Али Хамадани [Матн] / М. Султонов // История философии и современность. – Душанбе: Дониш, 1988. – 180 с . – С. 48–56.

108. Тақиёра Фотима. истихроҷи муаллафаҳои равондармонгари вуҷудӣ аз андешаи Ҷалолуддин Муҳаммад Мавлавӣ [Матн] /Фотима Тақиёра //Инсонпажӯҳи динӣ,1391, давраи 9, шумораи 28. – С. 53-78

109. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар 5 ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 665.

110. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар 5 ҷилд. Ҷилди 2. – Душанбе: Дониш, 2016. – С. 891.

111. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. – Душанбе, 2014.– Ҷ.1. – 354с.

112. Тойнби А.Д. Цивилизация перед судом истории [Текст]: Мир и Запад / пер. с англ. А.Д. Тойнби. – Москва: АСТ; Владимир: Астрель, 2011. – 318 с.

113. Тугаринов В.П. Теория ценностей в марксизме [Текст]/ В.П. Тугаринов. – Л.: Издательство Ленинградского университета, 1968. – 124 с.

114. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн]. – Москва: Энсиклопедияи Советӣ, 1969. – Ҷ.1. – 949с.

115. Фарҳанги ҷомеи истилоҳоти ирфонии Ибни Арабӣ [Матн]. – Теҳрон. Завор, 1387. – 550 с.

116. Фахри Рози. Джомеъ-ул-улум [Текст] / Р.Фахри. – Бомбей, 1323. – 250с.

117. Философский энциклопедический словарь [Текст] / гл. ред. Л. Ф. Ильичев и др. – Москва: Сов. энциклопедия, 1983. – 839 с.

118. Франкфорт Г. В преддверии философии [Текст]: Духовные искания древнего человека / Г. Франкфорт. – Москва: Наука, 1984. – 236 с.

119. Фромм Э. Иметь или быть [Текст]/ Э. Фромм. – Москва: Прогресс, 1986. – 238 с.

120. Фромм Э. Искусство любви [Текст]/ Э. Фромм; пер. с англ. Э. М. Телятникова. – М.: АСТ, 2022. – 320 с. – (Эксклюзивная классика; т. 396).

121. Фукуяма Ф. Конец истории? [Текст] / Ф. Фукуяма // Вопросы философии. – 1990. – №3. – С. 134–148.

122. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций [Текст]/ С. Хантингтон // Полис. – 1994. – №1. – С. 33-48.

123. Хотамӣ М. Гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳанги эронӣ [Матн] / М. Хотами. – Душанбе: Институти Рӯдакӣ, 2002. – 213 с.

124. Хрестоматия по исламу [Текст]: Переводы с арабского, введения и примечания. – Москва: Вост. лит., 1994. – 234с.

125. Хучвири А. Кашф-ул-маҳҷуб [Матн] / А. Хучвири. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1381 ҳ. – 450 с.

126. Ҳазратқулов М. Тасаввуф [Матн] / М.Ҳазратқулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 128 с.

127. Шамолов А. А. Сравнительный анализ этики Абу Хамида Газали и Насируддина Туси [Текст]/ А.А. Шамолов. – Душанбе: Дониш, 1994. – 210 с.

128. Шамсов М.С. Масоили раванди таърихӣ-фалсафӣ [Матн]: дар заминаи маводи таърихи фалсафаи тоҷик / М.С.Шамсов. – Душанбе: Илм, 2023. –272 с.

129. Шелер М. Избранные произведения [Текст]/ Ш. Макс; [Сост., науч. ред., предисл. Денежкина А. В.; Послесл. Л. А. Чухиной, с. 379-398]. – Москва: Гнозис, 1994. – XII. – 413 с.

130. Шелер М. Формализм в этике и материальная этика ценностей [Текст] / М. Шелер // Избранные произведения. – М.: Гнозис, 1994. – 490 с.

131. Шохин В.К. Философия ценностей и ранняя аксиологическая мысль. Монография [Текст]/ В.К.Шохин. – М.: Изд-во РУДН, 2006. – 457 с.

132. Энциклопедияи советии тоҷик [Матн]/Сармуҳаррири илмӣ М.С.Осимӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энциклопедияи советии тоҷик, 1980. – Ҷ. 2. – 640 с

133. Эрнст, К. В.Суфизм / Карл В. Эрнст; [Пер. с англ. А. Гарькавого]. – Москва: Фаир-Пресс, 2002. – 310с.

**III.Автореферат ва диссертатсия:**

134. Асомуддинзода Т.И.. Проблема человека и его судьбы в произведении Джалалуддина Руми «Маснави ма'нави» (философско-религиоведческий анализ): диссертация ... кандидата Философских наук: 09.00.14 / Асомуддинзода Тоджиддин Исломиддин. – Душанбе: Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, 2017. – 173 с.

135. Вольф М. Н. Онтологические аспекты иранских влияний на раннюю греческую философию[Текст]: диссертация...кандидата философских наук: 09.00.01, 09.00.03 / Вольф, Марина Николаевна. – Новосибирск, 2003. – 213 с.

136. Исаев М. Этическое учение Мискавайха и его роль в развитии этической мысли средневековья [Текст]: диссертация... кандидата философских наук: 09.00.03 / М. Исаев. Ин-т философии и права. – Душанбе, 1993. – 142 с.

137. Мухаммади А. Аксиологические проблемы этики суфизма [Текст]: диссертация ... кандидата Философских наук: 09.00.03 /Алишер Мухаммади; [Место защиты: Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан]. – Душанбе, 2016. – 154 с.

138. Назриева О. Ш. Философско-этические воззрения Фахриддина Ираки [Текст]: диссертация... кандидата философских наук: 09.00.03 / Назриева Ойниёл Шарифовна; [Место защиты: Ин-т философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова]. – Душанбе, 2015.– 156с.

139. Саидов Н. С. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке [Текст]: диссертация... доктора философских наук: 09.00.03 / Саидов Нуриддин Саидович; [Место защиты: Институт философии]. – Душанбе, 2009. – 297 с.

140. Фаткуллина А. Я. Смысл жизненные ориентации человека в башкирской мифологии: диссертация... кандидата философских наук: 09.00.11. [Текст]/ А.Я. Фаткуллина. – Уфа, 2003. –133 с.

141. Ходжиев Н. Н. Соотношение логоса и этоса в средневековой философии [Текст]: диссертация... кандидата философских наук: 09.00.03 / Ходжиев Назир Назарович; [работа выполнена: Ин-т предпринимательства и сервиса М-ва промышленности и новых технологий Республики Таджикистан]; Акад. наук Республики Таджикистан, Ин-т философии, политологии и права им. А. М. Баховаддинова. – Душанбе, 2016. – 162 с.

142. Худойдодов Ф. Б. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины: диссертация ... доктора Философских наук: 09.00.03 / Худойдодов Фаррух Бегиджонович; [Место защиты: Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан]. – Душанбе, 2018. – 225 с.

143. Шамсов М. С. Суфийское учение Ходжа Мухаммада Порсо [Текст]: диссертация... кандидата философских наук: 09.00.03 / Шамсов Мубаракшо Саловудинович. – Душанбе, 2015. – 156 с.

## IV.Таҳқиқот ба забонҳои аврупоӣ

144. Darvin C. The Descent of Man [Text] / C. Darvin. – New York. No date. – 469 pp.

145. Jackson A.V.W. Zoroastrian Studies [Text] / A.V.W. Jackson. – CUIIS: N.Y, 1928. – Vol.12. –325 p.

146. Majid F.A History of Islamic Philosophy [Text] / F. Majid. – N.Y.; L, 1970. – 800 pp.

147. Majid Fahri. A History of Islamic Philosophy. N.Y.; L. 1970.P. 211.

148. Peet A comparative study of the literatures of Egipt, Palestine and Mesopotamia L., 1931. – 258 p.

149. Santayana G. Reasson in Sciety.New York, 1917. Santayana G.The Sense of beauty, 1920.p. 52.

150. Sutherland A. Origin and Grown of the Moral Instincts, 2Vol. ii. London. 1898. – PP. 85–91.

## V. Манбаъҳои электронӣ

151. Аксиология [Манобеи электронӣ] URL: http://ru.wikipedia.org/wiki/. (Санаи дастарсӣ: 23.6.2021).

152. Аҳмад ибн Мискавайҳ. (PDF//Тарҷ. Алиасғар Ҳалабӣ). Теҳрон. 1381. – 325с.

153. Аҳмад ибн Мискавейх [Манобеи электронӣ]. URL: https //wikipedia.org (Санаи дастарсӣ: 22.4.2022).